**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

ТДУ 332.14
ТКБ 65.049 (5Т)
З 57

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ЗИЁЕВА ШАҲНОЗАХОН ЗАРИФҶОНОВНА**

# ТАШАККУЛИ КЛАСТЕРҲОИ СОҲАВӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА (ДАР МИСОЛИ СОҲАИ САНОАТИ ВИЛОЯТИ СУҒД)

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050603 - Иқтисодиёти ҳудудӣ)

**Роҳбари илмӣ:** **доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббим**

**ХУҶАНД-2026**

## МУНДАРИҶА

Саҳ.

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ...............** 3

**МУҚАДДИМА..........................................................................................** 5

**БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДИИ ТАДҚИҚОТ ОИД БА ТАШКИЛ ВА РУШДИ КЛАСТЕРҲОИ МИНТАҚА.......................** 15

1.1. Моҳияти иқтисодӣ-иҷтимоии кластерҳо ва намудҳои он дар шароити муосир........................................................................................ 15

1.2. Равишҳои методӣ оид ба ташаккул ва арзёбии фаъолияти кластерҳо дар иқтисодиёт........................................................................ 35

1.3. Таҷрибаҳои давлатҳои хориҷа дар самти ташаккул ва рушди кластерҳои соҳавӣ..................................................................................... 61

**БОБИ II. ХОЛАТ, ТАМОЮЛ ВА МЕХАНИЗМИ РУШДИ КЛАСТЕРКУНОНӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ВИЛОЯТИ СУҒД..........** 77

2.1. Тавсифи умумии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии вилояти Суғд: тамоюлот ва муаммоҳо.......................................................................... 77

2.2. Ташаккул ва арзёбии фаъолияти кластерҳои соҳавӣ дар иқтисодиёти минтақа................................................................................................... 93

2.3. Омилҳои ташаккули кластерҳои соҳавии минтақа дар вилояти Суғд ва таъсири моделикунонии онҳо.................................................... 106

**БОБИ III. САМТҲОИ АВЛАВИЯТИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ КЛАСТЕРҲО ДАР РУШДИ МИНТАҚА..............................................** 122

3.1. Амсиларонии таъсири кластерҳои соҳавӣ оид ба тараққиёти иқтисодиёти минтақа дар шароити муосир ва авлавиятҳои танзими он.................................................................................................................. 122

3.2. Ташкили ҷанбаҳои институтсионалӣ ва такмили сиёсати кластерҳо баҳри таъмини рушди иқтисодиёти минтақа............................................ 138

**ХУЛОСА.................................................................................................** 154

**РУЙХАТИ АДАБИЁТҲО...................................................................** 158

**Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ**

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВМКБ** – Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон

**НТҶ** – ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

**ҶДММ** – Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд

**ҶСК** – Ҷамъияти саҳомии кушода

**КҲИ** – комплексҳои ҳудудии истеҳсолӣ

**КХМ** – корхонаҳои хурду миёна

**ИА**- Иттиҳодияи Аврупо

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ИТТ** – институҳои таълимию технологӣ

**ИПМТ** – Институти пешгӯӣ ва тадқиқоти макроиқтисодӣ

**МММ** – Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ

**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**МОИ** – минтақаҳои озоди иқтисодӣ

**СМР ҶТ б.д.то соли 2030** – Стратегияи милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

**а**.- адад

**в**. – вилоят

**воҳ**. – воҳид

**ғ**.- ғайра

**коэф**. – коэффитсиент

**млн**.- миллион

**млрд**. – миллиард

**н.** – ноҳия

**наф**.- нафар

**Саҳ.** – саҳифа

**с**. – сол

**смн**. – сомонӣ

**сан**. – саноат

**соҳ**. – соҳа

**ҳаз**. –ҳазор

**ш**. – шаҳр

**IT** – Information technology (технологияи иттилоотӣ)

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосир, ки равандҳои созандагӣ ва рушди устувор дар асоси сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ мегардад, ташаккули шароити мусоид барои рушди бахши воқеии иқтисодиёт тавассути баланд бардоштани фаъолнокии субъектони хоҷагидорӣ дар минтақа аҳаммият ва мубрамияти махсус касб мекунад. Сабаб дар он аст, ки таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ аз тараққиёти рӯзафзуни минтақаҳои он сарчашма мегирад. Тавсеаи равандҳои ҳамгироии байнисоҳавӣ, зарурати баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ-иҷтимоии фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ, ҷорӣ намудани механизмҳои идоракунии ғайримутамарказ, афзоиши нақши минтақаҳо дар истеҳсоли молу хизматрасонӣ, равандҳои махсусгардонӣ ва ҳамгироии маҳаллии субъектони хоҷагидориро дар мадди аввал гузоштааст. Дар байни самтҳои рушди тараққиёти иқтисодиёт, ки ба амалишавии равандҳои мазкур мусоидат менамоянд, равиши беҳтарин ташаккули кластерҳо мебошад. Аз ин лиҳоз, ба амал татбиқ намудани равиши кластерии ташкили истеҳсолот, ки бояд мундариҷаи асосии сиёсати давлатии минтақаро ташкил намояд, асоси таҳқиқоти моро ташкил мекунад. Ҳамгироии корхонаҳои алоҳидаи дар минтақа фаъолияткунанда, дар доираи маҷмааи ягонаи истеҳсолию иқтисодӣ, ба таъмини самараи синергетикӣ аз фаъолиятии муштараки онҳо имкон медиҳад. Ҷорӣ намудани равиши кластерӣ дар ҳар як минтақа ба ташаккулу амалигардонии афзалиятҳои рақобатии субъектҳои хоҷагидорӣ мусоидат мекунад, ки он, дар навбати худ, барои баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳо, дар умум замина ба вуҷуд меорад. Илова бар он, амалигардонии модели кластерӣ, фаъолгардонии равандҳои инвеститсионии минтақа, афзоиши шуғли аҳолӣ, зиёшавии воридоти андоз ба буҷет, инчунин рушди инфрасохтори истеҳсолиро таъмин мекунад, ки он дар умум натиҷаҳои мусбати устувори иҷтимоӣ-иқтисодиро ташаккул медиҳад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», аз 28.12.2024 ба рушди иқтисодиёт, истеҳсолоти саноатӣ чунин таъкид намудаанд: «Тақвияти корҳо доир ба истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва рушди иқтидори истеҳсолии кишвар, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва навъҳои гуногуни истеҳсолоти саноатӣ, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолоти саноати коркард, афзоиш додани арзиши иловашудаи молҳои саноатӣ дар асоси рушди маҷмааҳои соҳавӣ зарур мебошад» [4].

Барои ноил шудан ба чунин ҳадафҳо ташаккули кластерҳои иқтисодӣ ба таҳкими рушди иқтисодиёт мусоидат мекунад. Вобаста ба ин, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оид ба рушди кластерҳои иқтисодии инноватсионӣ чунин оварда шудааст: «Ташаккулдиҳӣ ва рушди кластерҳои самти индустриалию инноватсионидошта, ки дар доираи онҳо ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт, рушди тадқиқотҳои илмӣ ва фаъолияти инноватсиониро таъмин мекунад, шомил будан дар кластер дастрасиро ба технологияҳои нав осон мегардонад». [6]

Дар низоми иқтисодии вилояти Суғд, ки яке аз минтақаҳои саноатии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, ҷаззобияти инвеститсионӣ нисбатан баланд аст, дар тули бист соли охир бошад, сатҳи рушди истеҳсолӣ рӯ ба афзоиш дорад. Барои ташаккул ва рушди кластерҳои иқтисодӣ имкониятҳои зиёд мавҷуданд. Боиси таъкид аст, ки иқтидори вилояти Суғд дар самти рушди кластерҳои соҳавӣ аз сатҳи интизорӣ дар дараҷаи паст қарор дорад. Бинобар ин, таҳқиқи моҳият, ҷанбаҳои методӣ, назариявӣ ва амалии ташаккули кластерҳо дар иқтисодиёти вилояти Суғд ҳамчун самти нав дар низоми иқтисодии минтақа масъалаи муҳим ва мубрам маҳсуб меёбад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Тадқиқоти мазкур дар асоси муқаррароти илмию назариявии олимони иқтисоддони хориҷӣ ва ватанӣ иҷро шудааст. Дар солҳои 1890-1950 вобаста ба равандҳои тамаркузи истеҳсолот муҳаққиқони хориҷӣ, ба мисли А. Смит [36], А. Маршалл [25], А. Лёш [128], В.

Изард [128] ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд, ки ин заминаи аввалин ташаккули кластерҳо гардид.

Ба масъалаҳои ташакулёбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ ва дастгоҳи мафҳумҳои он таҳқиқоти назарраси як қатор олимони хориҷӣ, аз ҷумла М. Портер [27], М. Энрайт [130], С.А. Розенфелд [30], Т. Андерсон [13] ва дигарон низ бахшида шудаанд.

Инчунин дар доираи кластерҳои минтақавӣ олимони иқтисоддон асарҳои илмии худро оид ба ин мавзуъ пешниҳод намудаанд. Аз ҷумла, Е.В. Федина [143], Н.В. Яковенко [128], Я.И. Дронова [65], А.В. Погонин [99], Л.А. Истомина [20], Д.М. Крупский [20], И.Г. Меншенина [26], А.А. Мигранян [90], Ф.А. Асимова [48], М.М. Корабаев [78] ва дигарон, ки дар пажӯҳишоти онҳо ин самт тавсиф, тасниф ва низомбандӣ карда шудааст.

Ҳамчунин, як қатор олимони ватанӣ низ ба рушди таҳқиқот дар риштаи иқтисодиёти минтақавӣ ва кластерҳои соҳавии иқтисодиёти минтақа саҳми босазои худро гузоштаанд. Аз ҷумла А.А. Бойматов [51], Х.З. Хоҷаев [120], Ш. Азизов [47], Т. Ризозода [104], М. Абдувалиева [47], Ш. Раҳимӣ, П.А. Мухсинова [92], Т.Д. Низомова, Ш.М. Раҳимзода, А. Рауфӣ, Н.Х. Хоналиев ва дигарон.

Аммо тадқиқоти олимони иқтисоддон бахшида ба ташаккули кластерҳои иқтисодии минтақавӣ таҳқиқи амиқи минбаъдаро тақозо мекунанд ва ин масъала то ҳол ба таври пурра ва комил ҳалли худро наёфтааст. Алалхусус, самти истифодаи равиши кластерӣ дар низоми таъмини рушди иқтисодиёти минтақа ҳамаҷониба таҳқиқ нагардидааст. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуъ, гузориши мақсад ва вазифаҳои рисолаи диссертатсионии мазкур мубрам ва саривақтӣ аст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи ҳалли масъалаҳое сурат гирифтааст, ки дар муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оварда шудааст: б.5. Сифати рушди иқтисодӣ ва самаранокии бахши воқеии иқтисодиёт, з.б.5.1. Бахши воқеӣ, 5.4. Фазои сармоягузорӣ. Инчунин таҳқиқот бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат», б. 9. Ташкил ва рушди кластерҳои саноатӣ; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025», Консепсияи ташаккул ва рушди кластерҳои аросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040 вобаста аст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчунин тибқи нақшаи корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва менеҷменти МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** такмили муқаррароти назариявӣ–методӣ, инчунин коркарди тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа тавассути ташаккул ва рушди кластерҳои соҳавӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсади мазкур ҳалли масъалаҳои зерин гузошта шудааст:

- таҳқиқи моҳияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, намудҳо, равишҳои методӣ оид ба ташаккул ва арзёбии фаъолияти кластерҳо дар иқтисодиёти минтақа;

- омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти рушди кластерҳои соҳавӣ, муайян намудани тамоюлот ва муаммоҳои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии вилояти Суғд;

- муайян намудани соҳаҳои афзалиятноки саноатӣ дар самти кластерикунонӣ ва арзёбии сатҳи ҷаззобияти онҳо дар иқтисодиёти вилояти Суғд;

- коркарди амсила оид ба таъсири омилҳои гуногун барои ташаккули кластерҳо ва такмили сиёсати кластерҳо баҳри таъмини рушди иқтисодиёти минтақа

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ, механизмиҳои хоҷагидорие, ки ба баланд бардоштани натиҷаҳои истеҳсолот, тавассути равиши кластерӣ дар низоми иқтисодиёти минтақа равона шудааст, маҳсуб меёбад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқот ҷараёни ташаккул ва рушди кластерҳои соҳавӣ дар низоми иқтисодиёти вилояти Суғд дар шароити муосири тараққиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** дар он аст, ки ташаккул ва таъмини рушди кластерҳои соҳавӣ, аз ҷумла кластерҳои саноатӣ барои тавсеаи имкониятҳои истеҳсолии минтақа, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа шароит фароҳам меорад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** ба консепсияҳои иқтисодиёти минтақа, аз ҷумла, назрияҳои ташкили истеҳсолот, консепсияи кластерии рушд, назарияи идоракунии минтақавӣ ва стратегияи менеҷмент такя менамояд. Асоси таҳқиқотро низоми татбиқи равиши маҷмуӣ дар таҳқиқи фишангҳои рушди кластерҳо ташкил медиҳад. Инчунин дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар паёмҳо ва суханрониҳо инъикос гардидаанд, стратегия ва барномаҳои давлатӣ оид ба рушди иқтисодӣ, ба ҳайси заминаи назариявӣ-методологӣ истифода бурда шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар диссертатсия барои расидан ба мақсади гузошташуда усулҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ истифода гардидааст. Аз ҷумла, усулҳои таҳлили сохторию мантиқӣ, низомӣ, муқоисавӣ, усулҳои омории таҳқиқот, таҳлили математикию иқтисодӣ, динамикӣ, гурӯҳбандӣ, амсиларонӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия ва ғайра.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаи маълумотро маводҳои чопшудаи Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ва додаҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, асарҳои муҳаққиқони иқтисоддон, монографияҳо доир ба вазъи иқтисодии вилояти Суғд, нашрияҳои матбуоти даврӣ ва интернет-захираҳо ташкил карданд. Ҳамчунин маводҳои расман нашргардидаи Вазорати рушд ва иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти вилояти Суғд, асарҳои олимони ватанӣ, ки дар нашриёти расмӣ чоп гардидаанд ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Пойгоҳҳои таҳқиқот.** Рисолаи диссертатсионӣ дар кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва менеҷменти МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шуда, қисмҳои амалии он дар машғулиятҳои лексиониву амалӣ корбарӣ гардидааст.

**Навгонии илмии** таҳқиқот дар инкишоф ва ғанӣ гардонидани муқарророти илмии назарияҳои рушди кластерӣ ва иқтисодиёти минтақа, асосноккунии ҷанбаҳои методии арзёбӣ, инчунин таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба ҷорӣ намудани стратегияи кластерии рушд дар низоми иқтисодиёти минтақа инъикос мегардад.

Натиҷаҳои асосии илмие, ки моҳият ва мундариҷаи навгонии илмиро дар бар мегиранд аз нуктаҳои зерин иборатанд:

- инкишофи эволютсионии консепсияи кластерии рушди иқтисодиёти минтақа низомбандӣ карда, ба мафҳуми «кластер» тасҳеҳ ворид гардидааст, ки тибқи он «кластер ҳамгироии корхонаҳои ба ҳам алоқаманди соҳаҳои гуногун мебошад, яъне вобастагии мутақобилаи соҳаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ бо марказҳои илмӣ дар асоси сиёсати махсуси минтақавӣ, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии молу маҳсулоти истеҳсолшаванда нигаронида шудааст ва тавассути он ташаккули қутбҳои рушди иқтисодӣ имконпазир мегардад.» Таснифоти кластерҳо тибқи меъёрҳои зерин гузаронида шудааст: сатҳи ҳамгироӣ, намуди фаъолияти иқтисодӣ, аломати ҷуғрофӣ, муҳлат ва намудҳои фаъолият. Асоснок карда шудааст, ки усулҳои интегралии муайян намудани мутобиқат ва ҷаззобияти соҳа барои кластерикунонӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад;

- дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи хориҷа имконияти татбиқи он дар иқтисодиёти вилояти Суғд асоснок карда шудааст, аз ҷумла: - ташкили кластерҳо дар соҳаҳои технологияи IT, мошинсозӣ, биотехнологӣ, фарматсевтӣ (ИМА, Англия); нанотехнология, электроника, автомобилсозӣ (Ҷопон); саноати кимиё ва косметика (Фаронса); соҳаҳои саноати сабук, кишоварзӣ (Чин); мошинсозӣ, бофандагӣ (Ӯзбекистон); саноати истихроҷ, металлургия, хӯроквори (Қазоқистон); соҳаҳои саноат, барномасозӣ (Олмон); маҳсулоти инноватсионӣ (Ҳиндустон). Исбот гардидааст, ки вилояти Суғд баҳри амалӣ

намудани равишҳои кластерӣ заминаҳои мусоид дорад: пешқадамӣ оид ба ҳаҷми МММ, мавҷудияти ҳудуди саноатӣ, захираҳои табиӣ, захираҳои корӣ, мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ ва ғайра. Монеаҳои зерини кластерикунонӣ муайян карда шудаанд: таваҷҷуҳи нокифояи сохторҳои идоракунӣ ба ташаккули кластерҳо; норасоии захираҳои иттилоотӣ; нобоварӣ дар байни ширкатҳои бо ҳам алоқаманд; ноустувории фаъолияти аксари корхонаҳои ватанӣ; рушди нокифояи инфрасохтори истеҳсолӣ; душворӣ дар интихоби маркази (ядрои) кластер ва ғ.

- ташаккули кластерҳои соҳавӣ дар заминаи мавҷуди барои таъмини рушди иқтисодиёти вилояти Суғд асоснок карда шудааст; бо истифода аз усули интегралӣ соҳаҳое, ки барои кластерикунонӣ шароити мусоид доранд, муайян карда шудаанд. Инчунин дар асоси нишондиҳандаҳои музди меҳнат, фаъолнокии инвеститсионӣ ва шуғли аҳолӣ ҷаззобияти соҳаҳо барои кластерикунонӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд арзёбӣ карда шудааст. Тавассути муқоисаи натиҷаҳои таҳлил бо меъёрҳои назариявӣ исбот гардидааст, ки дар вилояти Суғд барои кластерикунонӣ саноати истихроҷ ва саноати коркард имкониятҳои бештар доранд.

- амсилаи математикӣ - иқтисодии арзёбии сатҳи таъсири омилҳо ба рушди соҳаҳое, ки барои ташаккули кластерҳо иқтидори муносиб доранд, таҳия гардида, муайян шудааст, ки нишондиҳандаи шумораи кормандони саноати коркард ва истихроҷ ба тамоюлоти рушди соҳаҳои мазкур таъсири доминантӣ мерасонанд. Алгоритми таҳия ва амалигардонии сиёсати кластерӣ дар иқтисодиёти минтақа пешниҳод шудааст, ки марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад: арзёбии объективии иқтисодиёти минтақа; ошкор сохтани афзалиятҳо; муайян намудани соҳаҳо барои кластерикунонӣ, ташаккули муҳити мусоид, таъминот бо захираҳо, ҳамгироӣ бо илм ва инноватсия, дастгирии давлатӣ ва мониторинг.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- равишҳои назариявӣ ба кластерикунонии иқтисодиёти минтақа низомбандӣ гардида, ба мафҳуми кластер тасҳеҳ ворид карда шудааст, кластер

мутаносибан ба меъёрҳо тасниф карда шудаанд ва методикаи арзёбии соҳаҳо аз нуқтаи назари мувофиқат ба кластерикунонӣ пешниҳод гардидааст.

- ҷанбаҳои имконпазири татбиқи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти кластерикунонии соҳавӣ таҳқиқ гардидааст, заминаҳои мусоиди илмӣ барои кластерикунонӣ дар вилояти Суғд мудаллал сохта, монеаҳои асосии татбиқи амалии онҳо муайян карда шудаанд.

- сатҳи омодагии соҳаҳои иқтисодӣ аз нуқтаи назари мавҷудияти шароити мусоид барои кластерикунонӣ дараҷаи ҷаззобияти соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти вилояти Суғд барои ташаккул додани кластерикунонӣ муайян карда шудааст.

- амсилаи таъсиррасонии омилҳо ба ташаккул ва рушди кластерҳо дар соҳаҳои саноати коркард ва истихроҷ таҳия гардида, самтҳои такмили сиёсати давлатии кластерикунонӣ пешниҳод шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявӣ дар он инъикос меёбад, ки натиҷаҳои ба даст омадаи таҳқиқоти диссертатсиониро дар самти рушди минбаъдаи муқаррароти илмии консепсияи кластерии иқтисодиёти минтақа, назарияи иқтисодиёти соҳавӣ, асосҳои илмии ташаккули сиёсати минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Баъзе натиҷаҳои назариявии диссертатсия, аз ҷумла, низомбандии равишҳои гуногун ба амсилаи кластерии рушд, асосноккунии ташаккулёбии кластерҳои соҳавӣ дар минтақа, ошкор сохтани иқтидори кластерикунонии соҳаҳо ба амиқгардонии тасаввуроти илмӣ дар бораи механизмҳои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имкони истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ҳангоми таҳияи стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, ки ба баланд бардоштани ҷаззобият ва иқтидори соҳаҳо тавассути ташаккули кластерҳо равона шудаанд, ифода меёбад (маълумотномаи №266 аз 11.09.2025с.). Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқотро Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми коркарди стратегияҳои давлатӣ ва барномаҳои мақсадноки рушди минтақаҳои алоҳида истифода бурда метавонад.

Муқаррароти алоҳидаи диссертатсияро дар раванди таълим дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ зимни такмили барномаҳои таълимии фаннии «Иқтисодиёти минтақавӣ», «Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат», «Иқтисодиёти корхона», «Иқтисодиёти соҳибкорӣ» ва «Иқтисодиёти соҳавӣ» истифода бурдан мумкин аст. (Санади №01/2484 29.05.2025с.)

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро мудаллалии илмии муқаррароте, ки ба рушди кластерҳо бахшида шудаанд, дақиқӣ ва аниқии додаҳои омории истифодашуда, муқоисаи онҳо бо натиҷаҳои илмии олимони ватанӣ, ҳамчунин коркарди далелу рақамҳои оморӣ тибқи қонуниятҳои илмӣ-иқтисодӣ, таъмин мекунанд. Муқаррароти асосӣ, натиҷаҳо ва тавсияҳои диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ ва илмию амалии ҷумҳуриявӣ, семинарҳои илмӣ ба тасвиб расида, баҳои баланд гирифтаанд ва бо назардошти эродҳои ироагардида ҷамъбаст карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Кори илмӣ дар асоси Шиносномаи ихтисоси доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050606 - Иқтисодиёти минтақа ва ҳудудӣ, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, иҷро гардидааст. Аз ҷумла, ба бандҳои зерин мутобиқат мекунад: 2. Тақсимоти ҳудудии захираҳои иқтисодӣ; ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳо, ширкатҳои тиҷорати хурд ва миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои хонаводагӣ. 3. Ташкили ҳудудии иқтисодиёти миллӣ; ташаккулёбӣ, амалкард ва навсозии кластерҳои иқтисодӣ ва дигар низомҳои ҳудудию маҳаллии иқтисодӣ. 19. Самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Бартариҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар интихоб ва тартиб додани нақшаи таҳқиқот, омӯзиши адабиёти илмӣ, ҷамъоварии мавод, гурӯҳбандии иттилоот, пешбурди кори илмӣ, таҳияи навгонии илмӣ дар таҳқиқот, муайян намудани муқаррароти

илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ зоҳир мешавад. Дар натиҷаи таҳқиқот муаалиф хулосаҳои илмӣ ба миён гузошта, тавсия ва пешниҳодҳо ироа кардааст.

**Тасвиб ва амалисозӣ.** Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳҳои гуногун, аз ҷумла дар конференсияҳои байналмилалии илмӣ-назариявии «Ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дар татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар» (Хуҷанд - 2022), конференсияи ҷумҳуриявии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (Душанбе 2023), конференсияи байналмиллалии илмии «Муаммоҳои илмӣ дар тафсири магистрантон» ироа гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуқтаҳои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот дар 7 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Матни асосии диссертатсия 157 саҳифаи компютериро ташкил карда, 26 ҷадвал ва 11 расмро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДИИ ТАДҚИҚОТ ОИД БА ТАШКИЛ ВА РУШДИ КЛАСТЕРҲОИ МИНТАҚА

## 1.1. Моҳияти иқтисодӣ-иҷтимоии кластерҳо ва намудҳои он дар шароити муосир

Дар замони муосир равиши кластерии ташкили раванди истеҳсолот дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақа беш аз пеш паҳн мешавад. Рушди кластерҳои минтақа сарчашмаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти саноатӣ, болоравии рақобатпазирии маҳсулоти тайёр, инчунин баландшавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ аз ҳисоби таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши воридоти андоз, ки ба таҳкими буҷети давлат мусоидат мекунад, ба ҳисоб меравад.

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои кластерикунонии саноат аҳаммияти махсус дода мешавад. Аз ҷумла, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 ба ташаккули комплексҳои ҳудудию саноатӣ / кластерҳо (ҳудудҳои саноатикунонӣ ва ҳамгироии нав, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, марказҳои навоварӣ), ҳамчунин рушди долонҳои иқтисодӣ диққати махсус зоҳир мегардад [6, с. 43].

Бояд гуфт, ки кластерҳо унсурҳои таркибии низомҳои иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб мераванд. Мафҳуми «кластер» - ро соли 1990 иқтисодшиноси амрикоӣ М. Портер дар пажӯҳиши консепсияи худ оид ба афзалиятҳои рақобатӣ ва рақобатпазирии минтақавӣ ба илм ворид карда буд. Ба андешаи ӯ «кластер гурӯҳи корхонаҳои бо ҳамдигар робита дошта ва бо ширкатҳои ба он алоқаманд мебошанд, ки амал мекунанд ва дар соҳаи муайян дар ҳамкорӣ фаъолият мебаранд» [27, с. 85].

Истилоҳи «кластер» аввалин маротиба дар сиёсати давлатӣ – иқтисодии Олмон соли 2003 қайд гардида, олим Т. Бреннер моҳияти кластерро чунин меорад: «Кластер ҳамчун як натиҷаи раванди эволютсионӣ, ки дар ҷойи муайян, дар вақт ва шароити мушаххас бо қувваҳои пешбаранда ташаккул

меёбад ва дар сарчашмаҳо онро бо номи кластер, минтақаи саноатӣ, муҳити инноватсионӣ ва ғайра дучор шудан мумкин аст» [146].

Олими дигари рус П.С. Руднева оид ба соҳаи кластеронӣ бисёр тадқиқотҳо гузаронида, мафҳуми кластерро чунин шарҳ додааст: «Кластер ин гурӯҳи ширкатҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ бо ҳам алоқаманд, таъминкунандагони таҷҳизот, ҷузъҳои хизматрасонии махсус, инфрасохтор, пажӯҳишгоҳҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва дигар ташкилотҳо мебошад, ки ҳамдигарро пурра мекунанд ва бартарии рақобатпазирии ширкатҳои алоҳида, дар маҷмуъ, кластерро пеш мебаранд» [147].

Истилоҳи «кластер» (ки онро аз забони англисӣ ҳамчун хӯша, даста; ҷамъоварӣ, муттамарказшавӣ; гурӯҳ тарҷума кардан мумкин аст), маънои аниқу дақиқ дошт ва пеш аз илми иқтисодиёт дар аксари илмҳои табиатшиносӣ истифода мешуд [149]. Бори аввал истилоҳи «кластер» дар соҳаи математика, дар охири солҳои 1930 дастгоҳи таҳлили кластерии маълумотҳои бисёрченака таҳия карда шуд, дар он вақт чун истилоҳи илмӣ ворид шудааст. Дар химияи ғайриорганикӣ кластерҳо як синфи пайвастагии химиявиро ифода мекунанд, ки шумораи гуногуни атомҳою металлҳои гузаранда доранд. Физикаи кластерӣ яке аз соҳаҳои динамикии илми физикаи муосир мебошад. Кластерҳои ҳисоббарории як навъи компютерҳо, ки бо системаи диспетчерӣ (алоқа-маълумот) пайваст карда шудаанд, дар таълим ва тадқиқоти илмӣ барои ҳалли масъалаҳои мушкили ҳисоббарор самаранок истифода бурда мешаванд. Бояд таъкид кард, ки истилоҳи «кластер»-ро географҳои иқтисодии шӯравӣ ва рус А.П. Горкин ва Л.В. Смирнягин ва тоҷирони иқтисодчии шведӣ – К. Фредрикссон ва Л. Линдмарк дар таъиноти кластерии корхонаҳо дар солҳои 70-уми асри XX истифода бурдаанд. Хамин тариқ, Портер аввалин шахсе нест, ки ин истилоҳро истифода бурд, баръакс, ба асарҳои чунин иқтисодчиёни намоён, А. Маршалл [25], А. Лёш [128], В. Изард [128], ки равандҳои мутамарказкунии истеҳсолотро дар солҳои 1890 - 1950 таҳқиқ намудаанд, такя менамудааст.

Таърифи кластерҳо намудҳои зиёд дорад, онро аз рӯйи миқёс ва самт фарқ мекунанд, аммо, дар маҷмуъ, моҳияти онҳо як аст: кластерҳо ин гурӯҳҳои мутаммарказонидшуда, аз рӯйи аломатҳои ҷойгиршавӣ робитаи мутақобила

доштани корхонаҳо, таъмини махсусгаронидашудаи хизматҳо, ташкилотҳои ба соҳаҳо мувофиқ ва инчунин, бо фаъолияти корхона вобастабуда (масалан, донишгоҳҳо, ширкатҳои стандартикунонӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ) дар минтақаҳои муайяни фаъолияткунанда,, ба ҳисоб меравад [39, с.15-34]. Одатан, кластерҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва афзоиши самте, ки ба он корхонаҳо дар фаъолсозии технологияи инноватсионӣ ба роҳ монда мешавад, ташкил карда шудаанд. Иқтисодчии амрикоӣ М. Энрайт ҷанбаҳои ҳудудӣ, географии кластерикуннониро махсус таъкид намудааст ва мафҳуми «кластери минтақавӣ»-ро ба илми иқтисодиёт дохил кардааст. Ӯ гипотезаи «кластер - ин сарчашмаи рақобатпазирии манфиатҳои минтақа»–ро пешниҳод намудааст [130, с.17].

Тамаддуни муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ бо сатҳи баланди ҷаҳонишавӣ, рушди технологияи иттилоотии комуникатсионӣ, сатҳи баланди вобастагии кишварҳои ҷаҳонӣ байни ҳам тавсиф дода мешавад. Вале ба ин нигоҳ накарда, нақш ва аҳаммияти минтақаҳои алоҳида дар рушди ҷаҳонишавӣ муҳим аст. Дар ин самт рушдёбӣ ва амалишавии кластерҳои алоҳида дар иқтисодиёти минтақаҳо саҳми назаррас дорад, ки ин аз таҷрибаи кишварҳои ҷаҳонӣ сарчашма гирифтааст. Бинобар ин, сараввал моҳияти иқтисодии кластерҳоро ба таърихи ташаккули чунин намуди истеҳсолот баррасӣ менамоем. Агар ба таърихи афкори иқтисодӣ ва тадқиқот оид ба пайдоиши назарияҳо назар афканем, маълум мегардад, ки консепсияҳои иқтисодии кластерӣ аз асарҳои илмии А. Смит сарчашма гирифтаанд, зеро ӯ дар асари машҳури худ «Тадқиқот оид ба табиат сабабҳои бойигарии халқҳо» аҳаммияти равандҳои махсусгардонӣ ва тақсимоти меҳнат омилҳои асосии баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнатро исбот намудааст [36, с. 52].

Вобаста ба ин масъала зикр кардан лозим аст, ки байни олимони машҳури хориҷӣ ва ватанӣ оид ба моҳияти кластерҳо иттифоқи ороъ ба назар намерасад. Дар ҷадвали поён нуқтаи назарҳои алоҳидаро инъикос менамоем.

## Ҷадвали 1.1. - Ақидаи олимон оид ба кластерҳои иқтисодӣ

| № | Сарчашма ва моҳияти кластерҳо |
|---|---|
| 1 | ***Бреннер Т. [56]***<br>Кластер ҳамчун натиҷаи равандҳои эволютсонӣ, ки дар фазои муайян, вақти муайян ва шароити мушаххас таҳти таъсири қувваи пешбарандаи рушд ташаккул ёфтааст, баррасӣ мешавад. Дар сарчашмаҳои илмӣ чунин зуҳурот ҳамчун кластер, минтақаи саноатӣ ва инноватсионӣ ва ғайра зикр мегардад. |
| 2 | ***Enright. M. [133]***<br>Кластерҳои минтақавӣ агломератсияи ҷуғрофии ширкатҳое мебошанд, ки дар як ва ё якчанд соҳаҳои ба ҳам алоқаманди хоҷагӣ фаъолият мебаранд. |
| 3 | ***Rosenfeld, S.A. [30]***<br>Кластер тамаркузи ҳудудан маҳдуди ширкатҳои ба ҳам алоқаманд ва ҳамдигарро пурракунанда мебошад, ки тавассути алоқаҳои кории мутараққӣ, инфрасохтор, бозори меҳнат ва соҳаи хизматрасонӣ ҳамкорӣ мекунанд ва зимнан ҳам фоидаи муштарак мегиранд ва ҳам таваккалҳоро (хатарҳоро) бо ҳам мебинанд. |
| 4 | ***Андерсон Т. [13]***<br>Кластерҳо ҳамчун воситаи муҳимми мусоидат ва рушди саноат, инноватсия, рақобатпазирӣ ва рушд эътироф шудаанд. Кластерҳо, пеш аз ҳама, бо кӯшишҳои ширкатҳои хусусӣ ва шахсони алоҳида асос меёбанд. |
| 5 | ***Якобс Ҷ. [131]***<br>Кластер ҳамчун ассотсиатсияи ҷуғрофӣ ё фазо фаъолияти иқтисодӣ, робитаҳои уфуқӣ ва амудии байни соҳаҳо, истифодаи технологияҳои умумӣ, мавҷудияти иштирокчии асосӣ, инчунин сифати шабакаҳои ширкатҳо ё ҳамкории онҳо ба ҳисоб меравад. |
| 6 | ***Мигранян А.А. [90]***<br>Кластер маҷмуи ташкилотҳои ба ҳам алоқаманди рақобатпазир мебошад, ки тамаркузи якчанд намудҳои ҳамдигарро пурракунанда ва самарабахш фаъолиятро ба мақсади таъмини мавқеъҳои устувори рақобатӣ дар бозорҳои соҳавӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ ифода мекунад. |
| 7 | ***Бабкин А.В. [14]***<br>Аз рӯйи моҳияти худ кластер ин сохтори шабакавие мебошад, ки метавонад дар худ миқдори ширкатҳо ва корхонаҳои ҳам калон ва ҳам хурдро, ки аз рӯйи андозаашон фарқ мекунанд, дар бар гирад. |
| 8 | ***Руднева П.С. [34]***<br>Кластер ин гурӯҳи ширкатҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба ҳам алоқаманд, таъминкунандагони таҷҳизот, ҷузъҳо хизматрасонии махсус, инфрасохтор, пажӯҳишгоҳҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва дигар ташкилотҳо мебошад, ки ҳамдигарро пурра мекунанд ва бартарии рақобатпазирии ширкатҳои алоҳида ва дар маҷмуъ кластерро пеш мебаранд |
| 9 | ***Асимова Ф.А. [48]***<br>Кластерҳои минтақавӣ ин маҷмуи корхонаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ муттамарказ кардашуда, муассисаҳои таълимие, ки ширкатҳои дар минтақаи муайян ҷойгиршударо дастирӣ мекунанд ва маҳсулоти ба ҳам монандро истеҳсол намуда, майдони ягонаи иттилоотиро байни иштирокчиёни кластер пайдо ва муҳайё месозанд. |
| 10 | ***Корабаев М. М. [78]***<br>Кластер як механизме мебошад, ки тамоми равандро фаро мегирад - аз истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ то пурра коркарди он ба маҳсулоти тайёре, ки арзиши баланди иловагӣ дорад. |
| 11 | ***Ходжаев Х.З. [120]***<br>Кластер ҳамчун воситаи рушди иқтисодӣ на танҳо характери универсалӣ, балки характери ҳамгироӣ низ дорад. Гузаштан ба модели рушди иқтисодии инноватсионӣ ташаккули муҳити рақобатӣ ва рушди механизмҳои кооперативии субъектҳои хоҷагидориро талаб мекунад. |
| 12 | ***Бегов Д. М. [55]***<br>Аз ҷиҳати ҳудудӣ (ҷуғрофӣ) ҳамсоя, ба ҳам пайваст субъектҳои соҳибкорӣ ва ташкилотҳои марбутае, ки дар як минтақаи муайян, аломатҳои муҳимми иқтисодиро ифода мекунанд, кластер меноманд. |

*Идомаи ҷадвали 1.1.*

| | |
|---|---|
| **13** | ***Азизов Ш. Абдувалиева М. [47]*** |
| | Кластерҳо ҳамчун қисми муҳити тиҷоратӣ ба ширкатҳо шароите фароҳам меоранд, ки онҳо ба истифодаи афзалиятҳои сифати муҳити соҳибкорӣ барои ноил шудан ба ҳосилнокии нисбатан баланди иқтисодӣ имконият медиҳанд. |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар доираи адабиёти дастрасшуда*

Таҳлили сарчашмаҳо ва адабиёти гуногун нишон медиҳад, ки ғояҳои консептуализатсияи маҳалликунонии саноат дар аввали асрҳои XX дар чаҳорчӯбаи география иқтисодӣ пайдо шуда буд. Ба пайдоиш ва тараққиёти кластерҳо назарияҳои рушди минтақавӣ (Й. Тюнен, В. Лаунхарт, А. Вебер, А. Леш), назарияи махсусгардонии минтақа (А. Смит, Д. Риккардо, Э. Хекшер, Б. Олин, П. Самуэлсон), консепсияи полисентризм (минтақаҳои геополитикӣ) ва тавозуни қувваҳои геостратегӣ (С. Коэн), назарияи У. Изард ва назарияҳои ватании минтақабандӣ (минтақакунонӣ), ки онро мутахассисони мактабҳои шуравии ҷуғрофия Н.Н. Баранский, Н.Н. Колоссовский, Г.М. Крижановский, В.С. Немчинов ва дигарон коркард намудаанд, таъсир расонидаанд [126, с. 262-267].

Ин назарияҳо агломератсияи секторҳои гуногуни иқтисодиётро дар соҳаҳои муайян, муносибати байни агломератсияи географӣ ва сарфаи миқёс, махсусгардонии муҳитро мефаҳмонад. Онҳо ба сифати омили асосии ташаккули кластерҳо самараҳои берунаро, ки бо миқёси истеҳсолот вобаста аст, муайян мекунанд. Назарияи Вебер А., ки тадқиқоти консептуалии ба ҳам алоқаманди рушди корхонаҳо ва истеҳсолот дар муҳити муайян якдигарро пурра менамоянд. Бо ташаббуси ин олими иқтисодиёт ва ҷомеашиноси олмонӣ омилҳои ҷобаҷогузории агломеративии истеҳсолот ошкор гардидааст. Зинаи баланди агломератсия нишон медиҳад, ки «наздикшавии фазои истеҳсолоти чизҳои якхела (онҳоро дар як зинаи истеҳсолот муттаҳид накарда)», имконият медиҳад, ки бо роҳи якҷоя намудани корхонаҳо фоидаро зиёд кунанд [58, с.39-45].

Рушди минбаъдаи назарияи кластерҳо доир ба минтақашиносии иқтисодӣ дар корҳои илмии Лёш А. ва Изард У. дида мешаванд. Дар назарияи неоклассикии Лёш А. назарияи муаммоҳои ҷойгиркунии хоҷагиҳо омӯхта шудаанд. Комёбии ӯ ин таҳқиқи рушди самти иқтисодиёт на дар сатҳи

корхонаҳои алоҳида, балки дар сатҳи иқтисодиёти минтақавӣ мебошад. А.Лёш бештар омилҳои ба вуҷуд омадани шаҳрро дар асоси корхонаҳои калон (аз ҳисоби сарфаи дохилӣ дар миқёси истеҳсолот), ба вуҷудоии корхонаҳои якхела (ки аналоги кластерҳои ҳозира ба ҳисоб меравад), агломератсияи корхонаҳои гуногун (аналоги минтақаҳои муосири саноатии намуди гуногундошта)–ро таҳқиқ намудааст.[128, с.72-74] Ба андешаи ӯ фазои иқтисодии минтақа ҳамчун як бозоре, ки дорои сарҳад ва рақобати байниминтақавӣ аст, ба ҳисоб меравад. У. Изард [128]дар асоси ба ҳам мувофиқ кардани манфиатҳои мавҷуда ҳалли муаммоҳои ҷобаҷогузории комплексҳои саноатиро бо роҳи пешгирӣ кардани ихтилофҳои минтақавӣ, таҳқиқ намудааст. Тадқиқотҳои А. Лёш ва У. Изард [128] имконият додаанд, ки муҳиммияти ташаккули кластерҳо фаҳмида шаванд ва баъдан дар асоси консепсияҳои кластерии М.Портер [27] ва М.Энрайт [130] рушд намудаанд. Ҳамаи ин назарияҳо барои осон намудани муносибати соҳавӣ дар системаи идоракунии хоҷагии халқ пайдо шуда, асоси рушди назарияи кластерҳои ватанӣ гардидаанд.

Чунон ки дар боло зикр гардид, назарияҳои кластерӣ дар охирҳои чоряки асри XX пайдо шуда, дар тадқиқотҳои М. Портер бештар ҳаллу фасл ёфтаанд. Дар он кластер ҳамчун як омили асосии рушди иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад. Ҳангоми омӯзиши аломат ва меъёрҳои рақобатпазирии субъектони иқтисодии зиёда аз 100 соҳаи давлатҳои гуногун, М. Портер ва пайравони ӯ ба хулосае омадаанд, ки дар иқтисодиёт пайдошавии якчанд ҳудуд ва ҳатто як ташкилоте, ки дорои нишондиҳандаҳои баланди бартарии рақобатнокӣ аст, дар шароити муайяни беруна, ба афзоиши афзалиятҳои рақобатии ширкатҳои таъминкунанда ва ширкатҳои истеъмолкунанда мусоидат мекунад [27, с.48].

Дар китоби худ «Афзалиятҳои рақобатнокии давлатҳо» (соли 1990) М. Портер падидаи кластерҳоро ошкор намуда, назарияи рақобатпазирии миллӣ, давлатӣ ва маҳаллиро дар шароити иқтисодёти ҷаҳонӣ пешниҳод карда, заминаҳои таърихӣ ва зеҳнии назарияҳои кластерҳоро ба асос гирифт. Ӯ қайд намуд, ки кластерҳо хусусияти хоси қариб ҳамаи иқтисодиёти миллӣ, минтақавӣ ва ҳатто метрополитениро доранд [63, с.8].

Ҳангоми ба низом даровардани ин тадқиқотҳо, ки дар раванди рушди назарияи кластерӣ ҳалли муаммоҳо дар таҳлили рақобатпазирии саноатии давлатӣ ва минтақаҳо ба вуҷуд меояд, ба монанди сиёсати саноатӣ; фаъолияти ҳавасмандгардонӣ дар навоварӣ; ҳамчун асос барои нигоҳ доштан ва омӯхтани муносибатҳои тиҷорати калон ва хурд истифода бурда мешаванд. Ҳоло дар ҳақиқат, кластерҳо дар илми муосири иқтисодӣ ва дар амалия ҳамчун шакли нави ташкили истеҳсолот, бо ибораи дигар гӯем, шакли прогрессивии ба роҳ мондани ҷараёни истеҳсолот ба ҳисоб меравад. Аз ин нуқтаи назар ҳамчун шакли инноватсионӣ ташкили истеҳсолот яке аз омили калидии таъмин намудани рақобатпазирии минтақа низ ҳисобида мешавад. Агар ба сарчашмаҳои муосири илми иқтисодӣ оид ба шаклҳои инноватсионии ташкили истеҳсолот таваҷҷуҳи хоса диҳем, дар он ҷо мафҳуми кластер ва умуман кластерикунонии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт нуқтаи назари доминантӣ дорад. Дар ин ҷода бештари мутахассисон, олимон ин гуна ақидаро бо далелҳои гуногун кушиш менамоянд, ки исбот кунанд. Дар қатори чунин далелҳо, асосан самараи синергетикии корхонаҳои гуногунро алоҳида таъкид менамояд, яъне ҳар як корхона самараи худро дорад ва вақте ки онҳо бо ҳамдигар ҳамгирой менамоянд, натиҷаи истеҳсолот боз ҳам баландтар мегардад. Хусусияти дигар дар он инъикос менамояд, ки бо тавассути кластерҳо муттамарказонида шудани ҷараёни истеҳсолот (консентратсия) таъмин хоҳад гардид. Аз тарафи дигар дар ҳудуди ҷуғрофии муайян бо ташаккули кластерҳо қутбҳои рушд пайдо мегардад.

Дараҷаи рушд ва аҳаммияти манбаъҳои афзалияти рақобатӣ марҳилаҳои рақобат ва моделҳои тараққиёти иқтисодии давлат, минтақа ва корхонаҳоро муайян мекунад. Корхонаҳои саноатӣ заминаи истеъмол ва афзун гардонидани сарвати миллиро ташкил мекунанд, ки дар натиҷа, дар иқтисодиёти бозорӣ нақши асосиро маҳз рақобатпазирии онҳо мебозад [66, с.11].

Ҳамин тавр, дар илми иқтисодии муосир се намуди паҳнгаштаи кластерҳоро фарқ мекунанд, ки ҳар яки онҳо хусусияти асосии фаъолияти кластерро инъикос мекунад:

«шаклҳои ҳудудан маҳдуди фаъолияти иқтисодӣ дар доираи соҳаҳои ба ҳам алоқаманд, ки одатан ба ин ё он муассисаи илмӣ (институтҳои тадқиқоти илмӣ, донишгоҳҳо ва ғайра) вобастаанд;

занҷирҳои истеҳсолии амудӣ мебошанд; бахшҳои қатъан муайяншудаи маҳдуд, ки дар онҳо марҳилаҳои ба ҳам наздики раванди истеҳсолот асоси кластерро ташкил мекунанд (масалан, занҷири «таъминкунанда - истеҳсолкунанда - фурӯшанда - мизоҷ»). Шабакаҳое, ки дар атрофи ширкатҳои марказӣ ташкил мешаванд, низ ба ин категория дохил мешаванд;

соҳаҳои саноат, ки дар сатҳи баланди агрегатсия (масалан, «кластери кимиёвӣ») ва ё маҷмуи соҳаҳо дар дараҷаи боз ҳам баландтари агрегатсия (масалан, кластерҳои аросаноатӣ) фаъолият мекунанд» [38, с.8].

Олимони рус Тимирясова А.В., Воронсова Л.В. дар таҳқиқтҳҳои худ ҳамон се таърифи мазкурро, ҳамчун кластерҳои минтақавӣ, кластерҳои амудӣ ва кластерҳои уфуқӣ номбар кардаанд.

Дар замони муосир аз тарафи мутахассисон 7 хусусияти асосии кластерҳо ҷудо карда шудааст, ки интихоби ин ё он стратегияи кластерӣ бо омезиши се стратегияи мазкур асос ёфтааст. Ҳамин мафҳумҳо дар пажӯҳиши муҳаккиқони рус С.Ф. ва Биков Т.П. дида мешаванд:

- ҷуғрофӣ: сохтани кластерҳои фаъолияти фазой-иқтисодӣ дар маҳалли озоди иқтисодӣ (масалан, боғпарварӣ дар Нидерландия), ва воқеан кластери бузургҳаҷми ҷаҳонӣ (кластери аэрокайҳонӣ);
- амудӣ: якчанд саноат/сохторҳо метавонанд ба кластери калонтар дохил шаванд (масалан, системаи мегакластерӣ дар иқтисодиёти Нидерландия);
- уфуқӣ: дар кластерҳо зинаҳои омехтаи раванди истеҳсолот иштирок карда метавонанд. Дар он вақт муҳим аст, ки маҳз аъзои шабака ташаббускор ва иҷрокунандаи ниҳоии навовариҳо дар дохили кластер ба ҳисоб равад;
- паҳлӯӣ: дар кластер бахшҳои гуногун якҷоя мешаванд, ки онҳо метавонанд аз ҳисоби натиҷаи миқёс, ки ба комбинатсияи нав оварда мерасонад, сарфаро таъмин кунанд (масалан, кластери мултимедиявӣ);
- технологӣ: ҷамъи соҳаҳо, ки аз ҳамон як технология истифода мебаранд (масалан, кластери биотехнологӣ);

- мутамарказ: кластери ташкилотҳое, ки дар ҳамон як марказ – корхона гирд оварда шудааст, ИТТ ва муассисаҳои таълимӣ;

- сифатнок: моҳияти ин намуд на танҳо муносибати байни ташкилотҳо, балки ба роҳ мондани фаъолияти онҳоро дар бар мегирад. Алоқаи байни ташкилоту корхонаҳо якбора рушд намекунад. Алоқа байни таъминкунандагони ин раванд метавонад навовариро тақозо созад, аммо ба шарикон хароҷотро интиқол додан ва ба онҳо аз ҷиҳати моддӣ зарар расонидан аз бурди ин равандд истифода бурдан мумкин аст. Дар натиҷа ин шабакаҳо на устувор ва на ҳавасмандкунанда боқӣ мемонанд. [38, с.8].

Ақидаи Смит А. дар таҳқиқи олими дигари намоёни мактаби классикӣ Рикардо Д. такмил ёфта, дар асари ӯ «Назарияи афзалиятҳои нисбӣ» [32, с.60] чун назарияи пешрафта эътироф гардидааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин асарҳои илмӣ ғояву нуктаҳои ибтидоӣ барои ташаккули назарияи кластерӣ оварда шудааст. Ба ақидаи мо дар моҳияти мафҳуми кластерҳо зарурати истифодабарии афзалиятҳои нисбӣ, махсусгардонӣ тақсимоти меҳнат ва ғайраҳоро инъикос кардан муҳим аст. Вале ин назарияҳо сарчашмаи ташаккули назарияи кластерии олими иқтисодчӣ А. Маршалл гардидааст. Дар асари машҳури А. Маршалл «Принсипҳои иқтисодӣ» оид ба ташаккули «минтақаҳои саноатӣ» сухан меравад, ки онро ҳамчун мафҳуми наздик ба кластер маънидод кардан мумкин аст. Дар асоси назарияи минтақаҳои индустриалӣ иқтисодчӣ А. Маршалл ҷойгиршавии ҳудудии корхонаҳои ба ҳамдигар монандро пешниҳод намудааст [25, с.57]. Заминаҳои назариявии муқаррароти илмии кластер дар назарияи неоклассикӣ низ вуҷуд дошта, махсусан дар таҳқиқотҳои илмии Р. Лукас [24, с.45] ва назарияи классикии ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда Вебер А. [40, с. 256] дида мешаванд.

Дар умум, аз гуфтаҳои мазкур ба хулоса омадан мумкин аст, ки консепсияи кластерӣ аз асоси назарияҳои илмии мактаби классикон, маржиналистон, иститутсионалистон сарчашма мегирад. Дар илми иқтисодӣ назарияҳои кластерӣ гурӯҳбандӣ карда шудааст ва дар ҷадвали зерин ин сарчашмаҳои илмӣ он ҳамаҷониба ва бо шакли пурра инъикос ёфтааст.

## Ҷадвали 1.2.- Тавсифи назарияҳои кластерӣ

| Намояндагон | Тавсифи кӯтоҳи назарияи кластерӣ |
|---|---|
| Назарияи «агломератсия» | |
| А. Маршалл, Г. Гувер, Б. Охлин | Наздикии ҷуғрофии ширкатҳо ва таъсири сегонаи иқтисодиёти беруна, ин дастрасии соҳаҳои ёрирасон ва дастгирикунанда, махсусгардонии ширкатҳо дар сатҳи гуногуни раванди истеҳсолот, баҳисобгирии хароҷоти нақлиёт мебошад. |
| Назарияи «ноҳияҳои нави саноатӣ» | |
| П. Кругман, А. Саксенинан | Наздикии ҷуғрофии ширкатҳо, таъсири сегонаи иқтисодиёти беруна, таъсири самараҳои берунии иттилоотӣ ва илмӣ, баҳисобгирии муомилот. |
| Назарияи «комплекси саноатӣ» | |
| Г. Гувер, У. Айзард | Ҳамкории ширкатҳо дар дохили як соҳа, ҳамчун «харидор-фурӯшанда», «таъминкунанда-истеъмолкунанда» |
| Назарияи «кластери саноатӣ» | |
| Гордон, МакКан | Ҳамкории ширкатҳо дар дохили якчанд соҳаҳои бо ҳам алоқаманди дар раванди истеҳсолоти молу хизматрасониҳо ва ҳам ҷараёни донишҳо буда. |
| Назарияи рақобатпазирии М. Портер | |
| М. Портер | Таъсири алоқамандии байни омилҳои дохили минтақа ба муваффақшавии кластер «алмоси рақобатпазирӣ»: стратегия, сохтор, рақобат, шароити талабот; шароити бавуҷуоии омилҳо; соҳаҳои ба ҳам алоқаманд; нақши давлат. |
| Назарияи нео-рақобатпазирии М. Портер | |
| М. Энрайт, Солвел Ван Грунсвен, Ван Эдераат, Клэнси | Баҳисобгирии назарияи давраи ҳаётии кластер, таъсири ҷаҳонишавӣ ва бозорҳои ҷаҳонӣ, ширкатҳои фаромиллӣ, нақши сармоягузорони хориҷӣ, махсусгардонии муносибатҳои кооперативӣ ва рақобатӣ |
| Назарияи низоми инноватсионӣ | |
| Фримен, Лунд-валл, Эдквист, Кук, Морган | Таъсири инфрасохтори инноватсионии атроф (марказҳои барориши дониш, трансфертҳо ва тиҷоратикунонии инноватсия) |
| Назарияи шабака | |
| Фезер, Свимми, Перуччи, Хариссон | Чандирии сохтори ташкили кластер, нақши муҳимми иҷтимоии сармоя ва институтҳо (боварӣ, якдилӣ), ки муносибатҳои устуворро байни корхонаҳо таъмин менамояд, равандҳои омӯзиши мутақобила ва муттасил. |
| Назарияи кластерҳои инноватсионӣ | |
| Фелдман, Одретч, Карлсон, Джонсон | Таваҷҷуҳ ба сохтани маҳсулоти инноватсионӣ тавассути ҳамкорӣ байни иштирокчиёни кластерҳо (рақобатпазирии ширкатҳо), сарчашмаҳои берунаи илмӣ, ки дар асоси равандҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ҳамкорӣ менамоянд. |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф бо истифода адабиёти [14, с.10]*

Қай кардан зарур аст, ки дар иқтисодиёти собиқ кишварҳои Шуравӣ низ сохторе монанд ба кластерҳо вуҷуд дошт. Алалхусус, дар иқтисодиёти собиқ Ҷумҳурии Шуравии Тоҷикистон онҳоро «иттиҳодияи истеҳсолӣ» комплексҳои «саноатии шимолу шарқӣ» комплекси «саноатии ҷанубӣ», ё ин ки

кооператсияҳои истеҳсолию ҳудудӣ меномиданд. Ин гуна сохторҳо, корхонаҳо бо иқтисодиёти нақшавӣ-маъмурии давлати Шуравӣ мутобиқ буда, бо ташаббуси мақомотҳои давлатӣ ташкил карда мешуд, бинобар ин фаъолияти сохторҳои, мазкурро чун кластер аз ҷониби давлат муайян менамуданд. Азбаски қарорҳои идоракунӣ дар иттиҳодияҳои истеҳсолӣ, кооператсияи истеҳсолии ҳудудӣ, комплексҳои ҳудудии саноатӣ аз ҷониби давлат қабул карда мешуд, он фаъолияти маҳдуд дошта, истеъмолкунандагони маҳсулоташ низ аз ҷониби давлат муайян мегардид. Оид ба моҳияти иқтисодии комплексҳои ҳудудии истеҳсолӣ (КҲИ) дар илми иқтисодиёт бисёр андешаҳо пешниҳод гардидааст, вале азбаски (КҲИ) аз мавзуи тадқиқоти мо берун аст, дар ин ҷо мо танҳо яке аз ақидаи олимони рус М.К. Бандмандро [53, с.45] меорем, ки мавсуф моҳияти (КҲИ)-ро ҳамаҷониба инъикос намуда, тафовути онро нисбат ба кластер муайян сохтааст.

«Таҳти мафҳуми КҲИ-и калонҳаҷм маҷмуи устувори сохторӣ-нақшавии мутаносибан рушдёфта, ки объекти соҳаҳои хоҷагии халқ (саноат, хоҷагии қишлоқ, сохтмон, нақлиёт, соҳаи ғайриистеҳсолӣ) байни ҳам робитаи мутақобила доранд, фаҳмида мешаванд, ки барои ҷойгиркунии муштарак як ва ё якчанд масъалаҳои асосии хоҷагии халқро бояд ҳал намоянд. КҲИ дар ҳудудҳои маҳдуд ва қулай (пароканда нашуда) муттамарказшуда, дорои маҷмуъ ва андозаи захираҳое мебошад, ки барои иштироки онҳо дар ҳалли муаммоҳои хоҷагии халқ кифоя ҳастанд» [53, с.45].

Дар Иттифоқи Шӯравӣ дар ҷараёни ташаккули (КҲИ) принсипи идоракунии соҳавӣ ва дар асоси он таҳвилгарони ашёи хом, ҳам технологияи истеҳсолот ба асос гирифта шуда, истеъмолкунандагони маҳсулоти истеҳсолшуда аз ҷониби давлат муайян мегардид, яъне ташаккули КҲИ аз сиёсати махсуси давлатӣ вобаста буд. Аз ҳама муҳим, маҳсулоти истеҳсолшавандаи стандартикунонидашуда, новобаста аз он ки истеъмолкунандаро қонеъ менамояд ё на, истеҳсол карда мешуд. Илова бар он, истеҳсолот, ки дар асоси принсипи соҳавӣ ташкил мегардид, баъзе аз намудҳои ашёи хом дар дигар ҷумҳуриҳои шуравӣ ё дигар минтақаҳо истеҳсол шуда интиқол меёфтанд. Ин гуна муассисаҳои КҲИ дар бозор рақибони худро

надоштанд, зеро дар иқтисодиёти банақшагирии маъмурӣ чунин механизм мавҷуд набуд. Инчунин, КҲИ як намуди маҳсулотро ба тарзи оммавӣ дар ҳаҷми бузург истеҳсол менамуд. Аз рӯйи ҳама нуқтаҳои зикргардида, ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки кластер аз КҲИ бо хусусиятҳои зерин фарқ мекунад:

- кластер ин ниҳоде, ки ба иқтисодиёти бозорӣ хос аст, яъне танҳо дар шароити васеъ паҳн шудани иқтисодиёти бозорӣ фаъолият менамояд;

- ташаккулёбии кластер бо тарзи табиӣ дар оғоз, яъне дар шароити пайдо шудани муҳити мусоиди соҳибкорӣ пайдо мегардад;

- фаъолияти кластерҳо дар шароити рақобати шадид ташаккул меёбанд, яъне бо маханизми рақобат танзим карда мешаванд;

- кластерҳо маҳсулоти гуногун ё ин ки гурӯҳи маҳсулотро барои истеҳсол пешниҳод месозад, ки барои қонеъ намудани талаботи тағйирёбандаи бозор мусоидат намояд;

- дар кластерҳо марказҳои илмии тадқиқотӣ, ниҳодҳои молиявии махсус низ ҳамчун аъзои он фаъолият бурда метавонанд;

- кластерҳо вобаста ба фаъолият дар ҳудуди маъмурии муайян ба принсипи маҳалликунонии истеҳсолот такя менамоянд.

Дар асоси андешаҳои мазкур ниҳодҳое, ки дар шарҳи КҲИ ташаккул ёфтаанд, дар иқтисодиёти давлати Шӯравӣ ҳамчун кластер номидан мумкин нест, вале баъзе ҷанбаҳои ба он монанд, мавҷуд аст. Яке аз он ҷанбаҳо махсусгардонӣ ё ин ки консентратсияи корхонаҳои таъминашон ба ҳам вобаста мебошад. Вобаста ба ин, таъкид кардан ба маврид аст, ки ин падида аз КҲИ фарқ дорад. Он фаъолияти инноватсионии кластерҳо маҳсуб меёбад, яъне дар раванди ташаккулёбӣ бояд бо тарзи доимӣ навгониҳои соҳаро истифода намояд. Дар акси ҳол, қобилияти рақобатии ин гуна соҳаҳо аз даст меравад ва дар бозор мавқеи худро гум мекунад. Новобаста аз он, таҷрибаи иқтисодии давлатҳои Шӯравӣ оид ба ташаккули низоми иқтисодии ҳудудӣ метавонад ҳамчун замина хизмат намояд.

Дар ташаккули занҷираи истеҳсолот бо тавассути кластерҳои иқтисодӣ бештар он корхонаҳои бо ҳам алоқаманд, ки аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дар як ҳудуди

маъмурии муайян ҷойгиршудаанд, дар ҷодаи истеҳсолот маҳсулоти ниҳоие, ки арзиши иловашударо ба вуҷуд меоранд, наздик намояд.

Боиси зикр аст, ки ташаккули кластерҳои соҳавӣ аз он ҷумла дар соҳаи саноат дар сиёсати минтақавии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дарҷ карда мешавад. Аз ин лиҳоз нақши мақомоти иҷроияи ҳокимиятӣ дар маҳалҳо, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ низоми корхонаҳои фаъолияткунанда хеле муҳим аст. Бинобар ин дар шароити иқтисодиёти бозорӣ дар амалӣ намудани раванди кластерикунонӣ алоқамандии бахши хусусӣ муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҳамкориҳоро афзоиш диҳад. Яъне бо маханизмҳои гуногун ҳамкориҳои судмандро амалӣ намоянд. Дар ин радиф нақши мақомоти давлатӣ мавқеи ҳалкунанда дорад. Яъне бо механизмҳои маъмурӣ, молиявӣ-иқтисодӣ ва ғайра барои густариши ҳамкориҳо шароити мусоид фароҳам оварад [76, с. 188-195].

Ҳамаи субъектоне, ки ҳамкориро дар чаҳорчӯбаи кластер ба роҳ мемонанд, метавонанд аз соҳаҳои гуногун бошанд. Ҳангоми ташаккули низоми ягонагии ташкилӣ, яъне кластер, ҳамкориҳои худро афзоиш дода, фаъолияти худро муттаҳид мекунанд ва бо ин роҳ барои дастрасӣ ба мақсади ягона кушиш менамоянд.

Гурӯҳи дигари муттахассисони соҳа ҳангоми муайян кардани кластерҳо бо усули хеле соддакардашуда амал мекунанд: онҳо асосан ба ҷуғрофияи корхонаҳо ва ташкилотҳо ва ё мансубияти онҳо ба як ё якчанд соҳаҳои байни ҳам алоқаманд таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Дар ин ҳолат мавҷуд будан ё набудани муносибати наздик байни корхонаҳо ва ташкилотҳо муҳим намебошад, (ва ҳатто бо дигар субъектони иқтисодие, ки дар ҳамин минтақа ҷойгир ҳастанд, донишгоҳҳо, мақомотҳои идоракунии минтақавӣ ва ғайраҳо) берун аз диққати ин гурӯҳи тадқиқотчиён мондааст [27, с. 378].

Равиши кластерӣ, ки аз аввал дар тадқиқотҳо оид ба мушкилоти рақобатпазирии кишварҳо ва минтақаҳои гуногун истифода мешуд, ҳангоми ҳалли як қатор вазифаҳое, ки ба минтақаҳои назорати давлатӣ наздиканд, татбиқ карда шуданд ва дар илмҳои иқтисодӣ дар муддати якчанд солҳои сипаришуда, равишҳои кластерӣ ва моҳияти онҳоро чунин шарҳ додаанд:

- ҳамчун сиёсати сохторӣ маънидод намуда, дар рушди соҳаҳои иқтисодиёт истифода мебурданд;

- ҳамчун низом мураккаби ташкили истеҳсолот дар чаҳорчубаи унсури таркибии барномаҳои давлатӣ баррасӣ менамоянд;

-ҳамчун як узви таркибии низоми инноватсионӣ барои таъмини фаъолнокии истеҳсолӣ ҳамчун механизми нав баррасӣ карда мешавад [89, с.15].

Аз ин лиҳоз ташаккули кластерҳо аз нуқтаи назари мутобиқ гардонидани манфиати бахши хусусӣ ва манфиати минтақавии рушд дар иқтисодиёти бозорӣ имкониятҳоро васеъ менамояд.

Дар иқтисодиёти бозории имрӯза яке аз шартҳои зарурӣ дар низоми пешрафтаи рушди идоракунии минтақаҳо ин ташаккул додани кластер ба ҳисоб меравад, ки ба боз ҳам муттаҳидшавии манфиатҳои шахсии соҳибкорон ва ба пешравии рушди минтақа оварда мерасонад.

Барои он ки кластер ба динамикаи намоёни дохилӣ ворид гардад, он ба ҷалби миқдори зиёди иштирокчиён ва ноил шудан ба миқдори муайяни назарсанҷиҳои ин соҳа ниёз дорад. Мавҷудияти миқдори муҳим барои ташаккул ва нигоҳдории робитаҳои дарозмуддату доимонавшаванда байни ширкатҳои хурди чандир ва таъминкунандагони бузурги захираҳои истеҳсолӣ имкон медиҳад. Миқдори муҳим метавонад, ҳамчун ёридиҳанда ба кластер аз таъсироти беруна ва ба ин ё он фишорҳо, мустаҳкамӣ ба мисли талафоти ширкатҳо, ҳатто вақте ки ин ширкатҳо метавонанд ҳамчун ширкатҳои калидии итирокчиёни боқимондаи ҳадди ниҳоӣ дошта бошад, диҳад. Набудани миқдори муҳим метавонад, баръакс, кластерро аз талафоти захираҳо ва малакаи мушаххас осебпазир гардонад. [43, с. 9]

Ҳар як кластер дар заминаи рушд марҳилаҳои муайянеро мегузарад, ки барои ҳама кластерҳо як хел нестанд. Аммо модели умумии инкишофро, ки аз марҳилаҳои зерин иборат аст, чунин ҷудо намудан мумкин аст (ниг. расми 1).




**Расми 1. Марҳилаҳои асосии ташаккули кластерҳо [99, с. 57-63]**

Марҳилаи аввал бо мавҷуд будани шумораи муайяни ташкилотҳо, инчунин сохторҳои ба минтақа мусоидаткунанда тавсиф карда мешавад.

Дар марҳилаи дуюм, корхонаҳо дар атрофи ин ё он намуди асосии фаъолият мутамарказ шуда, дар асоси муносибатҳои умумӣ рушду тараққӣ менамоянд.

Дар марҳилаи сеюм, байни иштирокчиёни фаъол робитаҳои нав ба вуҷуд меоянд, институтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ пайдо мешаванд, ки ба рушди субъектҳои хоҷагидор мусоидат мекунанд.

Хусусияти асосии марҳилаи чорум дараҷаи баланди рушди кластер мебошад, ки бо таҳкими муносибатҳои дохилӣ, ташаккули ҳамкориҳо бо кластерҳои дигари минтақа, пайдоиши субъектҳои нав дар дохили он бо роҳи муттаҳид ё ҷудо кардани сохторҳо муайян карда мешавад.

Марҳилаи охирин, мувофиқи тағйирёбии кластер, он дар муҳити беруна тавсиф мешавад. Барои дар шароити нав вуҷуд доштани кластер бояд навоварӣ дар ин самт ба вуҷуд ояд, илова бар ин, метавонад ба якчанд кластерҳо тақсим карда шавад ё ба як кластер табдил дода шавад ва дар атрофи як намуди дигари фаъолият ҷамъ оварда шавад [99, с. 57-63].

Дар асоси гуфтаҳои мазкур, боварӣ дорем, ки консепсияи кластерӣ барои географияи муосири иқтисодӣ-иҷтимоии ватанӣ ва иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳангоми аз тарафи онҳо иҷро шудани тадқиқотҳои махсуси илмии ва татбиқшуда самараи хуб ба бор орад. Кластерҳо ҳамчун механизми мутавозини сиёсати рушди минтақа ба ҳисоб рафта, шароити мусоид барои самаранокии ҳамкории субъектони минтақавӣ ва институтҳои илмӣ, давлат ва тиҷорат, таъсиси шаклҳои гуногуни шарикии давлатию хусусиро фароҳам меоваранд.

Ҳамчунон, бо шарофати раванди кластерикунонӣ дар минтақаҳо фаъолияти инноватсионӣ рушд намуда, инфрасохтори он ташаккул ва инкишоф меёбад, ки дар натиҷа боиси афзоиши истеҳсолоти саноатии потенсиали ҳудудӣ мегардад.

Ҳангоми таҳияи консепсияи кластер дар сатҳи минтақавӣ бояд дар назар дошт, ки минтақаҳо дар сатҳи рушди иқтисодӣ аз ҳам фарқ мекунанд ва аз ин рӯ, натиҷаҳои инноватсионии онҳо ба таври назаррас тафовут доранд.

Аз нуқтаи назари иқтисодиёти институтсионалии муосир назарияи кластерро ҳамчун шакли гибридии муносибатҳои институтсионалӣ дидан мумкин аст. Моҳияти иқтисодии ин шакли мутақобила, ки дар консепсияи «спирали сегона» асос ёфтааст, имконият медиҳад, ки иштирокчиёни асосии кластерҳо тиҷорат, давлат ва илм муайян гардад. (расми 2)

Дар чорроҳаи доираҳо минтақаи эҳтимолии ташаккули кластерҳо ба вуҷуд меояд, ки самараи мутақобила ва фаъолияти доимии инноватсиониро тақозо намуда, дар навбати худ ба рушди мунтазами истеҳсолот ва имкониятҳои рақобатпазирӣ оварда мерасонад.

Нақши давлат дар ин сегона дар сохтани чаҳорчӯба барои шароити мусоиди тиҷорат, ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ, махсусан хурд ва рушди устувори минтақавӣ мебошад.




**Расми 2. Спирали сегона, ҳамкории давлат, тиҷорат ва илм**

Зикр бояд намуд, ки дар чаҳорчӯбаи сиёсати давлатҳои Иттиҳоди Аврупо (ИА) сиёсати кластерӣ, аксарияти мамлакатҳо раванди худидоракуниро надорад, барои он ки дар ягон санади идоракунанда дарҷ наёфтааст. Гузашта аз ин, он ҳамчун қисми асосии сиёсати инноватсионӣ, саноатӣ ва ё минтақавӣ амал менамояд. Тақрибан 70% давлатҳо сиёсати инноватсионии кластерӣ ва 25% онҳо сиёсати минтақавии кластериро истифода мебаранд. Як қатор давлатҳо рушди кластериро тариқи барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкории хурду миёна амалӣ менамоянд. Дар куҷое, ки стратегияҳои миллии кластерӣ вуҷуд дорад, дар он ҷо мақомотҳои давлатӣ ба шароит ва раванди ташкили кластерҳо, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомотҳо барои самаранокии рушди кластерҳо дар сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ аҳаммияти хос зоҳир менамоянд.

Дар он ҷо давлат ҳамчун:

- танзимкунанда, муайянкунандаи қоидаҳои мутақобила байни ҳамаи элементҳои спирали сегона (давлат – тиҷорат – институтҳои илмӣ-омӯзишӣ);
- кафили нигоҳдорӣ ва рушди шароити мусоид барои сармоягузорӣ, навоварӣ ва тараққиёти тиҷоратии шабакаи умумӣ, ба таври уфуқӣ нигаронидашуда;
- соҳибкор, яъне соҳиби корхонаҳо ва иштирокчии бевоситаи кластерҳои нави саноатӣ.
- Дар ҷадвали зерин афзалияти кластерҳо оварда шудааст:

### Ҷадвали 1.3. - Афзалияти кластерҳо

| | |
|---|---|
| ***барои сохторҳои тиҷоратӣ*** | робитаҳои зич байни ширкатҳо; кам кардани хароҷот; фаъолияти инноватсионӣ; таҳияи технологияҳои пешрафта; ихтисори монеаҳо барои ворид шудан ба соҳа; дастрасӣ ба технологияҳои нав; дастрасӣ ба захираҳои гуногуни молиявӣ; бунёди шабакаи муносибатҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ барои интиқоли иттилоот, технология, дониш ва таҷриба; ташкили системаи муайянкунии манфиатҳо; ташкили низоми муносибати соҳибкорон ва ҳукумат; имкони кам кардани хатарҳои фаъолият дар корхонаҳои ба кластер дохилшуда; табодули пуршиддати иттилоот, захираҳои молиявӣ, кадрӣ, инноватсионӣ. |
| ***барои давлат*** | муайян намудани мушкилот дар иқтисодиёти минтақа; таҳкими таъсири мултипликаторӣ дар минтақа; эҷоди механизмҳои самарабахши ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ; ҳамгироии тадриҷӣ ба низоми иқтисодии ҷаҳонӣ; - ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории хурду миёна; афзоиши шумораи ширкатҳо дар атрофи кластер; афзоиши шуғл, музди меҳнат, тарҳҳо ба буҷетҳои сатҳҳои гуногун; ба вуҷуд омадани «нуқтаҳои тараққиёт»; таъсири агломератсия; |
| ***барои илм*** | тавлиди донишҳои нав; идоракунии самараноки дониш; такмил додани кадрҳои илмӣ-таҳқиқотӣ; -ҳавасмандгардонии рушди илми фундаменталӣ; - маблағгузории тадқиқоти бунёдӣ ва амалӣ. |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф бо истифода аз адабиёти [20, с.117]*

Сарфи назар аз бартариҳои ба назар намоён, сиёсати кластерӣ дар кишварҳои гуногун на танҳо бо хусусиятҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва иқтисодии рушди ҳудудҳо, балки аз ҷониби ташаббусе, ки барои ташкили кластер муайян карда мешавад, зохир мегардад [99, с. 57-63].

Қобили зикр аст, ки ташкили кластер барои ҳар як иштирокчии модел, яъне барои давлат, сохторҳои тичоратӣ намояндагони илм самарабахш аст.

Чунон ки олими рус К.З. Адамова [42, с.9] қайд кардааст, дар аксари мавридҳо соҳаҳои саноат ба кластерҳо дохил мешаванд, ки дар асоси дараҷаи муомилоти байнисоҳавии маҳсули меҳнат ва дониш гурӯҳбандӣ карда мешавад:

- ҷараёнҳои технологӣ, ки тавассути ба даст овардани маҳсулоти ниёзи аввал дар соҳаҳои саноатӣ, инчунин ҳамкории байни истеҳсолкунандагону истифодабарандагони онҳо заминаи асосӣ ба вуҷуд овардааст;
- ҳамкории техникӣ, ки дар лоиҳасозӣ, таҳияи лоиҳаҳо, истифодаи натиҷаҳои илмӣ дар якчанд соҳаҳои ба ҳам алоқаманд, инчунин дар лоиҳаҳои муштараки тадқиқотӣ ба амал омадааст;

- дастрасии натиҷаҳои кормандон байни бахшҳои кластер бо мақсади паҳн намудани таҷрибаи беҳтарини идоракунӣ, истеҳсол, дастрасии маҳсулот.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ тамоюле, ки тамаркуз ба фаъолияти самтҳои стратегӣ бо вакилони истеҳсоли маҳсулоти шарикӣ ва соҳаи хизматрасониҳои асосӣ, аз ҷумла, корхонаҳои хурд (модели истеҳсоли пудратӣ) ба вуҷуд омад. Аз ин рӯ, ташкили самти индустриалӣ ва инноватсионии кластерҳо дар тиҷорати хурд таъсири пурқувват мерасонад ва расидан ба сатҳи сифатан нави технологӣ, ташкил ва идоракунии истеҳсолот дар тамоми дигар соҳаҳои фаъолияти иқтисодиро ба вуҷуд оварда мешавад.

Ҳамин тавр, дар самти ташаккулдиҳии кластерҳои ҳудудию саноатӣ ва рушди долонҳои иқтисодӣ ба чунин комёбиҳо ноил шудан мумкин аст:

- фароҳам овардани шароит барои ташаккулдиҳии кластерҳои мухталифи энергетикӣ, саноатӣ, нақлиётию логистикӣ, озуқаворӣ ва таълимӣ дар минтақаҳои кишвар, ки унсурҳои ҷудонопазири занҷирҳои мавҷудаи ҷаҳонӣ ва минтақавии арзиши иловашуда ва омили баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мегарданд;

-рушди босуръати минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ҳудудҳои нави индустриаликунонӣ;

-рушди иқтидори долонҳои иқтисодӣ, ки минтақаҳои Тоҷикистонро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, Хитой, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Россия, Шарқи Наздик ва дигар минтақаҳо мепайвандад.

Дар шароити муосири иқтисодиёти ватанӣ бо ташаккули муносибатҳои бозорӣ муҳити мусоид барои ташаккули кластерҳо фароҳам омада истодааст, вале мутаассифона алҳол кластерҳое, ки дар рушди самтҳои иқтисодӣ нақши намоён дошта бошанд, мавҷуд нестанд. Аз ҷумла, бо Қарори Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 28-уми октябри соли 2020, таҳти №566 «Консепсияи ташаккул ва рушди кластерҳои аросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати то соли 2040» [2, с.13] қабул шуд ва ташаккули кластерҳо шуруъ гардида, асосҳои ниҳодӣ ба рушди иқтисодёти миллӣ равона карда шуданд. Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» барои модернизатсияи иқтисодиёт ҳавасманд намудани

фаъолияти инноватсионӣ, ташаккули шароити мусоиди рушди бахши воқеии иқтисодиёт, зарурати ташкил намудани кластерҳо ва дастгирии онҳо пешбинӣ шудааст. Инчунин, дар он омадааст, ки «ислоҳот дар самти баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии соҳаҳои иҷтимоӣ дар такя ба натиҷаҳои назарраси бадастомада оид ба истифодаи равишҳои нави идоракунии рушди сармояи инсонӣ равона мегардад. Ҳалли асосӣ ба таъмини адолати иҷтимоӣ ва ташаккулёбии табақаи миёна алоқаманд хоҳад буд. Дар манотиқи кишвар тадбирҳо оид ба рушди инфрасохтор, ба анҷом расонидани ташаккулёбии асосҳои институтсионалии шаҳришавӣ тавассути мусоидат ба ташкили кластерҳои гуногун ва долонҳои иқтисодӣ, инчунин ташаккулёбии низоми шаҳрҳои миёна ва хурд, шаҳракҳои калон ҳамчун «нуқтаҳои устувори рушд» амалӣ мегарданд» [6, с 25]. Дар барномаҳои давлатии рушди иқтисодёти минтақаҳо, алалхусус дар «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи 2021-2025» низ баҳри баланд бардоштани рушди иқтисодиёти минтақа, эҳё намудани кластерҳои иқтисодии ҳудудӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар он чунин зикр меёбад, ки: «Шароити ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва иқтидорҳои мавҷудаи минтақаҳои кишвар (захираҳо табиӣ, меҳнатӣ, зеҳнӣ, корхонаҳо, гиёҳҳои доруворӣ ва дигар ашёи хом) барои рушди кластерҳои соҳаҳои саноат, энергетика, кишоварзӣ, доруворӣ, хизматрасонӣ, инфрасохторӣ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ мутобиқ мебошад. Аз ин нуқтаи назар, таъсиси кластерҳои соҳавӣ (дар заминаи соҳаҳои бо ҳам алоқаманд) ва ҳудудӣ (гурӯҳи ширкатҳои бо ҳам алоқаманди дар як минтақа фаъолиятдошта) барои корхонаҳои мавҷудаи минтақаҳои кишвар ҳамчун нуқтаи рушд арзёбӣ гардида, ба афзоиши маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, зиёд шудани даромади буҷети маҳаллӣ, баланд шудани рақобатпазирии соҳаи саноати минтақаҳо, рушди ширкатҳои дохилии минтақаҳо, ҷалби сармоя ба иқтисодиёти минтақа, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва дар ин замина, таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ мусоидат мекунад» [1, с. 28].

Мавҷудияти имконияти мусоид барои ташаккули кластерҳоро дар соҳаҳои иқтисодиёти минтақаҳо, дар бобу зербобҳои дигари рисолаи мазкур таҳлил менамоем.

Бояд қайд кард, ки кластер ҳамчун шакли пешрафтаи ташкили истеҳсолот, як намуди универсалии ташкили фаъолияти корхонаҳои ба ҳам алоқаманд, соҳаҳои алоҳида ё маҷмуи соҳаҳо бо мақсади ташаккул додани нуқтаҳо, қутбҳо ва пойгоҳҳои рушди иқтисодӣ мебошад. Дар баланд бардоштани ракобатпазирии махсулоти соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва умуман, иқтисодиёти мамлакат чӣ дар маҳал ва чӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ нақши ҳалкунанда дорад.[71, с.104-111]

Вобаста ба мафҳуми низоми ташаккули кластерҳои иқтисодӣ чӣ тавре ки дида баромадем, якчанд олимони ватанӣ ва хориҷа мафҳумҳои гуногунро пешниҳод намудаанд. Ба ақидаи мо, «кластер – ин ҳамгироии корхонаҳои гуногуни соҳавии бо ҳам алоқаманд, яъне вобастагии соҳаҳои истеҳсолот, хизматрасонӣ бо марказҳои илмӣ дар асоси сиёсати махсуси минтақавӣ, баҳри баланд бардоштани рақобатпазирии молу маҳсулотҳои истеҳсолшаванда, ки бо тавассути он ташаккули қутбҳои рушди иқтисодӣ имконпазир мегардад, мебошад».

Қобили зикр аст, ки барои беҳсозии фазои сармоягузорӣ ташаккули низоми бисёрсатҳаи институтсионалии дастгирии соҳибкорон дар асоси ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди ташкилотҳои инфрасохторӣ зарур аст. Дар робита ба ин, сиёсати универсалии минтақавӣ мавҷуд нест, ҳар як минтақа бояд маҷмуи чораҳои махсуси худро оид ба дастгирии сохторҳои кластерӣ таҳия намояд.

## 1.2 Равишҳои методӣ оид ба ташаккул ва арзёбии фаъолияти кластерҳо дар иқтисодиёт

Дар назарияи муосири иқтисодиёти минтақа, дар ҷараёни ташкили истеҳсолот истифодаи услуби кластерӣ мавҷуд аст. Дар зербоби мазкур оид ба ин масъала, яъне ба тарзи амиқ дарк намудани моҳияту мундариҷаи он кӯшиш менамоем.

Дар амалияи илми иқтисодӣ доир ба кластерҳо якчанд олимон ақидаҳои худро баён намудаанд. Дар таҳқиқотҳои худ олимони рус И.Г. Меншинина ва

Л.М. Капустина ба мафҳумҳои кластерҳои иқтисодӣ чунин таълифот намудаанд: алоқамандии нуқтаҳои махсуси ҷуғрофӣ, иштирокдорони зиёд ва миқдори муҳим, ихтисос, навоварӣ, ҳамкории зич ва рақобат байни аъзоёни кластер [26, с. 154].

Чи тавре, ки маълум аст, байни мафҳумҳои кластери «соҳавӣ» ва «минтақавӣ» фарқияти муҳим дида мешавад. Кластерҳои соҳавӣ ин якҷоя фаъолият намудани якчанд корхонаҳое, ки ба кластер дохиланд, ҳисобида мешаванд. Самаранокии кластерҳои саноатӣ ин ҳангоми якҷоя фаъолият намудани корхонаҳои алоҳида мебошад, ки дар натиҷа кластерҳои саноатӣ (соҳавиро) ташкил менамоянд. Масалан, соҳаи кишоварзӣ бо саноати коркард, яъне соҳаи хизматрасонӣ, ки дар қаламрави як минтақа бомуваффақият махсус гардонда шудааст, ба кластерҳои минтақавӣ дохил мешавад. Он метавонад аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дар ҳудуди як вилоят, ё ин ки як ноҳия, ё як шаҳр ҷойгир шавад.

Чи хеле ки дар гуфтаҳои мазкур бармеояд, кластери минтақавӣ ин гурӯҳи ширкатҳои мутамаркази ҷуғрофии аз як соҳа ё соҳаҳои алоқаманд ва муассисаҳои ёрирасони онҳо, ки маҳсулоти шабеҳ ё иловагиро истеҳсол мекунанд, мебошад. Бо вуҷуди ин, кластерҳо метавонанд дар ҳудуди як ва ё якчанд минтақаҳо ҷойгир шаванд.

Дар заминаи низомбандии ақидаҳои олимон оид ба кластерҳо шаклу намудҳои зерини онҳоро (расми 3) чунин гурӯҳбандӣ намудем:




**Расми 3. Гурӯҳбандии кластерҳо**

Кластерҳои минтақавӣ гурӯҳи ширкатҳое мебошанд, ки аз нуқтаи такрористеҳсолоти молу хизматрасониҳо, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ба ҳам алоқаманд буда, маҳсулоти тайёрро истеҳсол ва пешниҳод менамоянд. Бо вуҷуди ин барои ба талаботи ташкили истеҳсолот мутобиқ омадан, кластерҳо метавонанд дар ҳудуди як ва ё якчанд минтақаҳо ҷойгир шаванд.

**Кластерҳои дискретӣ** корхонаҳоеро, ки маҳсулот (ва бо хизматрасониҳо алоқаманд), аз компонентҳои дискретӣ истеҳсол мекунанд, аз ҷумла корхонаҳои автомобилсозӣ, мошинсозӣ, ташкилотҳои соҳаҳои сохтмон ва истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ иборат аст. Маъмулан, чунин кластерҳо аз корхонаҳои хурду миёна-таҳвилгарон, ки дар атрофи корхонаҳо ҷамъ менамоянд, ташкил ёфта, дар назди соҳаҳои сохтмонӣ нкишоф меёбанд.

**Кластерҳои соҳавӣ** ташкилотҳое, ки ба раванди соҳаҳои кластерӣ тааллуқ доранд, аз ҷумла соҳаҳои саноат, кимёвӣ, селлюлозаю коғаз, металлургия, кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ ва ғайраро фаро мегиранд.

**Кластерҳои инноватсионӣ** дар соҳаҳои технологияҳои иттилоотӣ, биотехнология ва ғайра инкишоф меёбанд. Кластерҳои инноватсионӣ аз миқдори зиёди ташкилотҳои нав иборатанд, ки дар раванди махсусгардонии технология ва натиҷаҳои фаъолияти илмие, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ташкилотҳои илмӣ гузаронида мешаванд, арзи ҳастӣ мекунанд.

**Кластерҳои нақлиётӣ-логистикӣ** дар маркази худ комплекси инфрасохторӣ ва ташкилотҳоро доранд, ки барои нигоҳдорӣ истифода бурда шуда, гусел кардан, бурда расонидани бор ва сафарбар намудани мусофиронро ба роҳ мемонад. Ба ин намуди кластерҳо ташкилотҳое, ки ба ташкили иншоотҳои инфрасохтори бандарӣ, нақлиётҳои баҳрӣ, хушкӣ, ҳавоӣ, дарёӣ, ташаккулёбии комплексҳои логистикӣ ва ғайра хизмат мерасонанд, дохил мешаванд.

**Кластерҳои эҷодӣ** ин кластерҳое, ки барои амалисозии фаъолияти эҷодӣ (масалан, кинематография, рӯзномаю маҷалла), асосан дар соҳаҳои эҷодӣ инкишоф меёбанд;

**Кластерҳои сайёҳӣ** ин кластерҳое, ки аз ташкилотҳои гуногуни ба соҳаи сайёҳӣ вобастабуда, иборатанд. Вазифаи онҳо хизматрасонии қулай барои сайёҳон аст [20, с. 35].

Масъалаи рушди кластерҳо марҳила ба марҳила ба объекти сиёсати иқтисодии минтақавӣ ва миллӣ табдил меёбад. Баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва инноватсионии (навгароии) соҳаҳои алоҳида ва ё минтақаҳо, ки ба таъсис ва рушди кластерҳо фаъолона ширкат меварзанд хоҳиши ҳамаи кишварҳои пешрафта мебошад, ин ба пайдоиши ташаббусҳои кластерии ташкилотҳо оварда мерасонад.

Ташаббуси кластерӣ ин барномае мебошад, ки кӯшиши сиёсӣ дар эҷод, нигоҳдорӣ ё навсозии кластерҳоро дар бар мегирад. Ташаббусҳои кластерӣ метавонанд ба таҳкими робитаҳои байникорхонавӣ, сохтани инфрасохторҳои зарурӣ, дастгирии корхонаҳои инноватсионӣ, тадқиқот ва ё коркард равона карда шаванд. Олимони ин самт таъкид менамоянд, ки самаранокии ташаббусҳои кластерӣ дар он вақт дида мешавад, ки кластер аллакай ба таври пурра таҳия шуда, [135, с.14] ҳангоми созиши самараи «аз сифр» камтар муваффақ мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи агросаноатӣ пеш рафта истодааст ва ба ҳамин соҳа диққати ҳамаи сохторҳо ҷалб карда шудаанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарор оид ба «Консепсияи ташаккул ва рушди кластерҳои аросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати то соли 2040»-ро ба тасвиб расонидааст. Ин консепсия бо қарори Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 28-уми октябри соли 2020 таҳти рақами №566 тасдиқ ва мавриди истифода қарор гирифтааст.

Мақсади Консепсияи мазкур ташаккули фаҳмиши умумии методологияи таъсис ва рушди кластерҳои агросаноатӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои тараққиёти минбаъдаи ин кластерҳо мебошад.

Қобили зикр аст, ки дар ҷаҳон талабот ба маводи ғизоӣ афзоиш ёфта, барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва рақобатпазирии соҳаи кишоварзӣ ва таъмини бехатарии маҳсулот аз дастовардҳои илму техника бештар истифода мебаранд.

Дар радифи он афзоиши талабот ба маҳсулотҳои ғизоӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, алалхусус, дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар давраи оянда, яъне дар даҳсолаю панҷоҳсолаҳои минбаъда соҳаи аграрӣ дар қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ ба душвориҳои ҷиддӣ мумкин аст, ки рӯ ба рӯ гардад. Дар баъзе мавридҳо, на дар минбаъда ҳоло низ баъзе мушкилотҳо вуҷуд дорад. Яъне аъзои якчанд намудҳои молҳои муайяни истеҳсоли ватанӣ талаботи дохилиро қонеъ гардинида наметавонад ва натавонистааст, ва ин ба афзоиши воридот оварда мерасонад. Бинобар ин ҳоло зарурат дар соҳаи агросаноатӣ, кишоварзии ҳар як минтақа қабули чораҳои зарурӣ оид ба ташкил намудани истеҳсолоти устувор, васеъ намудани ҳаҷми истеҳсолот, истифодабарии механизмҳои маркетингӣ дар бозори дохила ва беруна зарур аст. Дар ин самт қадами аввал ба мақсади мустаҳкам намудани пояи истеҳсолоти агросаноатӣ, истифодабарии усулҳои инноватсионии ташкили истеҳсолот ба монанди кластерҳо диверсификатсияи истеҳсолот ҷорӣ намудани инноватсияҳо зарур аст.

Таъсис ва рушди кластери агросаноатӣ имкон медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар як давраи ягона муттаҳид ва ба навъҳо ҷудо карда, нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши онҳоро дуруст ба роҳ монанд.

Мақсад аз таъсис ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар асоси омезиши кооператсия ва ҳамгирой, ҷорӣ намудани равишҳои инноватсионӣ ва илмию техникӣ дар идоракунӣ ва хоҷагии қишлоқ, технологияҳои хозиразамон, хизматрасонии махсус, инчунин мустаҳкам намудани ҳамкории байниидоравӣ ва байнисоҳавӣ мебошад [72, с.117-126].

Тадқиқотчиёни хориҷа Л. Истомина ва Д. Крупский [20, с.28] ба тадқиқотҳои олимони машҳури соҳаи иқтисодиёт такя намуда, моделҳои базавии кластерҳои иқтисодии соҳавиро ба 3 гурӯҳ ҷудо намудаанд:

- модели шотландӣ.
- модели интографӣ;
- модели итолиёвӣ.

Модели кластерии шотландӣ аз он асос ёфтааст, ки асоси онро истеҳсолоти корхонаи муштараки калон ташкил намуда, ширкатҳои хурдтарро дар атрофи худ муттаҳид мекунад.

Бисёре аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо модели шотландиро қабул кардаанд. Дар ин модел асосро истеҳсолоти якҷояи як ё якчанд корхонаҳои азим, ки ташкилотҳои на он қадар калонро дар атрофи худ якҷоя месозанд, дар бар мегиранд. Консентратсияи рақибон, харидорон ва таъминкунандагон ба рушди махсусгардонидани самаранокии истеҳсолот оварда мерасонад, ки дар ин чо кластер корхонаҳо ва бисёр ташкилотҳои хурдро ташкил мекунад.

Масалан, кластери навоваронаи ҳудудию истеҳсолии Кам - «ИННОКАМ» [152] (Ҷумҳурии Тотористон, Руссия). Кластер дар наздикии як шаҳри хурди Нижнекамск ҷойгир буда, дар тараққиёти вилоят ва умуман, кишвар нақши асосиро мебозад. Кластери мазкур 274 корхона, аз он 170 корхонаҳои хурд, ташкилотҳои илмию тадқиқотӣ ва илмию таълимӣ, макомотҳои идоракунанда ва муассисахои рушдро фаро гирифтааст.

Бартарии кластер дар ҷойгиршавии наздик барои кормандон қулай (яъне наздикии ҷойгиркунӣ) мебошад. Дар радиуси 30 километр корхонахои асосии «ядроӣ» ҷойгиранд: комплекси нефту химиёвӣ, заводи шина, ҶСК «КАМАЗ». Дар кластер тақрибан нисфи каучуки синтетикии истеҳсоли умумироссиягӣ ва инчунин, ҳачми калони истеҳсоли пластмасса, мошинҳои боркашон ва чарххо истеҳсол мешаванд.

Кластерҳо метавонанд аз ҷониби донишгоҳҳо ва ташкилотҳои илмӣ таъсис дода шаванд. Чунин кластерҳо интеграторҳо ном доранд, ки онҳо корхонаҳоро дар атрофи фаъолияти илмии худ муттаҳид менамоянд. Чунин намуди кластерро кластери интографӣ меноманд.

Намунаи чунин модел кластери биотехнологии Бостон-Кембридж (ИМА) мебошад, ки яке аз калонтарин ва навтарин генераторҳои чаҳонро доро мебошад. Асоси онҳо бо марказҳои калони илмӣ - донишкадаҳои олӣ ва марказҳои тиббӣ ташаккул меёбад. Ин сохторест, ки як қатор донишгоҳҳои калонро дар бар мегирад (Донишгоҳи Гарвард ва Донишкадаи технологии

Массачусетс), ки ба марказҳои пешқадами тиббӣ, садҳо ширкатҳои биотехнологӣ, дорусозӣ ва биотехнология мутахассис омода месозанд.

Мисоли дигар, кластери биотехнологии Саскачеван дар Канада мебошад. Бар хилофи амрикоиҳо ширкати Канский аз ҷузъҳо ба вуҷуд наомада, балки дар заминаи як донишгоҳ ташаккул ёфтааст.

Модели сеюм - модели итолиёвӣ - ҳамкории васеъ ва баробарии корхонаҳои хурд, миёна ва калони соҳибкориро дар бар мегирад. Бартарии чунин кластер дар консентратсияи як ҷо будани корхонаҳои хурду миёна (КХМ) дар миқёси истеҳсолот аст, ки аз ҳисоби истифодаи иқтисодиёти беруна, назар ба ширкатҳои калон бештар рақобатпазиранд. Гузашта аз ин, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар таркиби кластерҳои муваффақ корхонаҳои хурду миёна, ки одатан аз 50% зиёданд, саҳми калонро доранд [20, с.8].

Дар маҷмуъ, чандирӣ ва мутобиқшавии корхонаҳои хурду миёнаро аз ҷиҳати навоварӣ, ногузирии онҳо дар истеҳсоли қисмҳои хурд ва пешниҳоди хизматҳои истисноӣ пешсаф ҳисобидан мумкин аст.

Бартарии кластер дар инфрасохтори иттилоотӣ рушдёфта аст, ки дастрасии иттилоотро байни корхонаҳои кластерӣ ва истеъмолкунандагон таъмин мекунад.

Барои беҳтар муайян кардани кластер ҷанбаҳои зиёде мавҷуданд, ки бояд баррасӣ шаванд:

- махсусгардонии ташкилотҳои соҳавии минтақа ва ҳаҷми онҳо, аз ҷумла шумораи коркунони соҳа;
- нишондиҳандаҳои сатҳи фаъолият, аз ҷумла маош ва сатҳи маҳсулнокӣ, инчунин динамикаи пайдоиши ширкатҳои нав;
- заминаи минтақавӣ, ки бо нишондиҳандаҳои умумии рақобатпазирии минтақа ва мавҷудияти кластерҳои алоқаманд тавсиф мешавад;
- сатҳи ҳамкорӣ, ки ҳамчун мавҷудият ва тавоноии ташаббусҳои кластерӣ ва сармояи иҷтимоии минтақавиро муайян менамояд;
- дигар сохторҳои омилӣ, аз ҷумла сохтори корхонаҳо дар кластерҳо.

Маҷмуи меъёрҳои муайян ва таҳлили кластерҳо гуногунии кластерҳои мавҷударо тавсиф мекунад. Майкл Энрайт вобаста ба сатҳи рушди онҳо якчанд категорияҳои кластерҳоро муайян менамояд.

**Кластерҳои корӣ** кластерҳое мебошанд, ки барои ба даст овардани таъсири агломератсия дар онҳо миқдори муҳимми дониш, таҷриба, кадрҳо ва захираҳои маҳаллӣ, ки аз ҷониби ширкатҳо барои боз ҳам самаранок шудани рақобатпазирӣ бо рақибони берун аз кластер истифода мешаванд, аст.

**Кластерҳои «пинҳонӣ»** - дорои миқдори муҳимми ширкатҳо дар соҳаҳои алоқаманд, ки барои ба даст овардани самараи кластеркунонӣ кифоянд, вале онҳо сатҳи ҳамкориҳо ва ҷараёни дастрасии иттилоот надоранд.

**Кластерҳои потенсиалӣ** - дорои баъзе унсурҳои зарурӣ барои рушди кластерҳои муваффақ мебошанд, аммо ин унсурҳо барои гирифтани самараи агломератсия боз ҳам амиқӣ ва паҳноиро тақозо мекунанд.

**Кластерҳо бо дастгирии давлатӣ** - аз ҷониби давлат ҳамчун объекти дастгирӣ интихоб карда мешаванд, аммо аксар вақт миқдори асосии ширкатҳо вуҷуд надорад ё шароити мусоид барои рушди органикӣ мавҷуд нест.

**Кластерҳои «тафаккури орзуҳо»** - аз ҷониби давлат ҳамчун объекти дастгирӣ интихоб карда мешаванд, ки на танҳо барои миқдори интиқодии ташкилотҳо, балки барои рушди потенсиалии органикӣ ягон манбаи даромад надоранд [123, с. 48].

Муайян кардани навъи кластер барои фаҳмидани он, ки чӣ гуна амалҳои мушаххас барои рушди минбаъда муассир хоҳад буд, масалан, ҷалби созмонҳои зиёд аз як соҳаи якхела ва шабеҳ барои сохтани як миқдори муҳим ё сохтани инфрасохтори физикӣ барои беҳтар кардани муошират ва мубодилаи иттилоот байни ширкатҳои кластерии мавҷуда муҳим аст.

Меъёри мавҷуд будан ё набудани иштирокчии асосӣ дар кластерҳо онро ба 2 намуд тақсим менамоянд:

Кластерҳои симметрӣ дар байни ширкатҳо ва таъсири нокифояи сохторҳои қудратӣ бо тақсимоти мувозии муфид тавсиф мешаванд. Аз даст додани яке аз иштирокчиёни чунин кластерҳо барои мавҷудияти кластер аҳаммияти муҳим дошта, ҳолати мавҷудияти онро тағйир дода метавонад.

Кластерҳои асимметрӣ одатан дар атрофи ширкатҳои бузург ташкил мешаванд, ки кори таъминкунандагони хурдтарро ҳамоҳанг кунанд. Чунин кластерҳо сохтори иерархӣ доранд, ки дар он як ширкати калидӣ ва истеҳсолкунандагон барои ҳуқуқи ҳамкорӣ бо он рақобат мекунанд. Кластерҳои асимметрӣ аксар вақт миқёси миллӣ ва фаромиллӣ доранд ва дар соҳаҳои такмилёфта, ки хусусияти олигополистӣ доранд, ташаккул меёбанд.

Вариантҳои фосилавии кластерҳо низ мавҷуданд, ки дар онҳо якчанд иштирокчиёни калидӣ бо занҷири пайвастаи арзиши ягона арзи ҳастӣ доранд [65, с. 33-41].

Дар умум гуфтан мумкин аст, ки ба шакли гуногуни ташкили кластерҳо нигоҳ накарда, вақте ки сухан оид ба кластерҳо меравад, иттиҳодияҳои субъектони хоҷагидории гуногунро бо муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар якҷоягӣ фаҳмидан мумкин аст, ки самараи синергетикиро муайян мекунанд.

Барои беҳтар кардан ва махсусгардонии маълумотҳои эмпирикии ҷамъшуда, инчунин бо максади боз ҳам амиқтар омӯхтани зуҳуроти кластеркунонӣ дар иқтисодиёт лоиҳаҳои харитавии кластерҳо тартиб дода шудаанд.

Инак, дар расми зерин гурӯҳи кории кластер оварда шудааст. Гурӯҳи кории кластерро истеъмолкунандагони маҳсулот, инфрасохтори кластерҳо (бонкҳо, ташкилотҳои консалтингӣ, нақлиёт ва энергетика, мақомотҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, таъминкунандагони таҷҳизот, истеҳсолкунандагони маҳсулот, таъминкунанагони ашёи хом, илм ва маориф (кадрҳо, инноватсия) ташкил мекунанд, ки бевосита барои ташаккул ва рушди кластерикунонӣ дар минтақа мавкеи хоси худро доранд.




**Расми 4. Гурӯҳи кории кластер**

Мавҷудияти кластер рақобатпазирии ширкатҳоро бо се роҳ афзоиш медиҳад: тавассути баланд бардоштани маҳсулнокӣ, рушди иқтидори навоварӣ ва аз ҳисоби пайдоиши ширкатҳои нав, ки ба сатҳи баландтари навоварӣ бештар ва паҳншавии кластер мусоидат мекунад.

Кластере, ки ташкилотҳои гуногунро муттаҳид мекунад, на танҳо захираҳои онҳоро, балки хусусияти сохторҳои ташкилии ба он дохилшударо тавассути тавсеаи имконияти онҳо тағйир медиҳад. Ҳамин тариқ, дар дохили кластер як намуди нави фазои иҷтимоӣ ташаккул меёбад, ки он ҳам ба худшиносии шахс ва ҳам ба рушд имкониятҳои бештар фароҳам меорад. Ин аҳамияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ё моҳиятан гуманитарии ташаккули кластерҳоро баррасӣ менамояд. Аз ин бармеояд, ки амсилаи кластерҳои таълимию касбӣ, ки имрӯзҳо таъсис меёбанд, бояд назаррас ғанӣ гардонида шаванд ва ташаккули на танҳо сохторҳои истеҳсолию технологӣ, балки муҳити иҷтимоию фарҳангии кластерро низ дар бар гиранд. Ҳамчунин ба сохтори кластер ҷалб намудани

созмонҳои фарҳангӣ, варзишӣ ва дигар созмонҳои ҷамъиятиро низ баррасӣ кардан лозим аст.

Намунаи стратегияи иҷтимоие, ки ба ташаккули кластерҳо нигаронида шудааст, таҷрибаи вилояти Карлсруэ (Олмон), ки дар он кластерҳо дар ҳалли яке аз мушкилоти шадиди минтақа – нарасидани қувваи кории баландихтисос ба назар мерасид, маҳсуб меёбад. Вазифаи асосие, ки ба миён омада ва ҳал карда мешавад, ин ҷолиб гардонидани кластер барои мутахассисон, пеш аз ҳама аз рӯйи як қатор хусусиятҳои ба иҷтимоиёт вобастабуда мебошад (масалан, то кадом андоза бароҳат будани кору зиндагии муҳандис аз пешниҳодҳо вобаста аст, ки ин ё он кластер барои тамоми оилаи ӯ - зан, фарзандонаш ба чӣ қодир аст?).

1. Аз ин нуқтаи назар, шавқ ба модели кластерҳо пайдо шуда, ва дар соҳаҳои фарҳанг ва илм, ки дар навбати аваланд, барои сохтани кластерҳои ҷанбаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва технологияҳои башардӯстона дошта, мусоидат мекунад. Олими иқтисодчӣ, М. Портер [27] нишон медиҳад, ки кластерҳо на танҳо барои ба даст овардани пул, балки ҳамчун муҳити беҳтарини навоварӣ, худшиносии одамон ва барпо намудани муносибатҳо дар ҷамъият хизмат мекунад. Муҳаққиқон аҳаммияти таърих ва тарзи ҳаёти ҷомеаи гуногун, хусусияти муносибатҳои ҷомеаро дар кластери фарҳангӣ таъкид мекунанд, ки онро равандҳои ҳавасмандкунии мутақобилаи эҷодкорӣ ва ҷаҳонбинии фарохи мавзуи фарҳангӣ фаро мегирад. И. Абанкина ва К. Зинковский [73, с.68-83] дар асоси омӯзиши фаъолияти мактабҳои инноватсионии Русия ва хориҷи кишвар мафҳуми кластери рушди маорифро ба илм ворид намудаанд. Аз нуқтаи назари онҳо кластер, ки рушди он метавонад мутахассисони соҳаро бо ҳам алоқаманд созад, касоне ки дар ҳар сатҳ муносибати мутақобиларо барпо намоянд (сатҳи фаҳмиши муаммоҳои умумӣ; гузоштани мақсади умумӣ, дарёфти ҳалли умумӣ; рушд ва истифодаи стратегия ва механизмҳо; сохтани технологияю навоварӣ), барои дар як сатҳ муттаҳид шудан ва дар замина рақобат намудан аст.

Таҷриба нишон медиҳад, ки мо зуд-зуд ба чунин амал дучор меоем, зеро раванди ташаккули кластер ба тартиби тақсим ва гурӯҳбандии ташкилоту муассисаҳои мавҷуда оварда мерасонад. Ин одатан, ба муттаҳид кардани

шаклҳои аллакай мавҷудбудаи муносибатҳои байни ташкилотҳо (бисёртар дар асоси соҳавӣ будан), ки ба он навгонӣ ворид накарда, ё ки кластерҳоеро ташкил мекунад, ки танҳо «дар рӯйи коғаз» вуҷуд доранд, ба амал меорад. Мутаассифона, чунин кластерҳо аслан қобили фаъолият буда наметавонад.

Моҳияти масъала дар он аст, ки дар робита ба низоми маориф кластерҳо бояд чунин фазои иҷтимоӣ ташкил намоянд, ки дар он татбиқи стратегияи маориф дар тамоми бахши умри инсон хидмат карда тавонад.

Аз ҷиҳати методологӣ ин масъала дар асарҳои Ю.В. Громико [65, с.21-27], ки то ҳол равиши ташаккули кластерҳоро таҳқиқ менамояд, баррасӣ шудааст. Аммо барои табдил додан ба чунин тамоюлҳои рушд, кластерҳо, ба гуфтаи Ю.В. Громико [65, с.21-27], набояд ба системаҳои куҳнаи ташкилӣ сохта шаванд, балки бояд дар ибтидо дар заминаи барномаҳои инноватсионии инфрасохторӣ ба вуҷуд оянд. Танҳо дар ин сурат кластер ба як комплекси донишҳои мураккаби ба амалия нигаронидашуда табдил меёбад, ки имкон медиҳад минтақаҳои сармоягузории афзалиятнок муайян карда шаванд. Чунонки Ю.В. Громико [65, с.21-27] таъкид мекунад, аз ин нуқтаи назар, ташкили кластерҳо ташкили якҷояи донишҳои техникӣ, табиатшиносӣ ва гуманитарӣ мебошад.

Дар системаи маориф чунин барномаҳои инноватсионӣ, ки метавонанд фаъолона шаклҳои шабакавии ҳамкорӣ, лоиҳаҳои шабакавӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои байналмиллалӣ, ҷалби муассисаҳои таълимӣ ба равандҳои ояндадори инноватсиониро инкишоф дода дар он кластерҳоро ташаккул диҳанд.

Ба андешаи мо, дар баробари кластерҳои навъи истеҳсолӣ, кластерҳои дорои хусусияти мазкурро ҷудо кардан лозим аст ва ба онҳо шаклҳои кластерӣ, ки технологияҳои инноватсионӣ ва сармояи зеҳнӣ барои истеҳсолот инчунин мутахассисони иқтисодиёти инноватсиониро таъмин мекунанд, дохил мешаванд.

Масалан, чунин кластерҳои раванди бузургдошта, ба монанди кластери пешрафти инноватсионии илмию технологӣ ва рушди муҳити фарҳангию эҷодии минтақа (кишварҳо, шаҳрҳо ва ғайра) ё кластери инноватсионии

иҷтимоӣ-иқтисодӣ, тараққиёти иқтисодиёт ва таъмини ҳаёти инсонро метавон ҷудо намуд.

Ҳамин тариқ, коркарди методологии қарорҳо, махсусан дар соҳаи татбиқи сиёсати кластерӣ, кафили ҳам самаранокии иҷтимоӣ ва ҳам таносуби инсонии рушди инноватсионӣ мебошад.

Чун хулоса гуфтан мумкин аст, ки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо манфиатҳои зиёд барои ташкили кластерҳо доро мебошад. зеро бо ин иқтидори истеҳсолии ҳудудҳои маъмурӣ афзоиш хоҳад гардид. Аз ин бармеояд, ки мақомотҳои давлатӣ барои рушди кластерҳо дар фаъолияти худ ба принсипҳои ташкили кластерҳо риоя намоянд, онҳо аз чунинҳо иборат аст:

- принсипи соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти минтақа барои ташаккули кластерҳо;

- принсипи мавҷудияти захираҳои иқтисодии молиявии меҳнатӣ барои ташаккули кластер;

- принсипи ташкили идоракунии стратегии кластерҳо;

- принсипи якҷоякунии манфиатҳои мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ дар ташкили кластер;

- принсипи шаффофият;

- принсипи мавҷудияти таҳкурсии ҳуқуқӣ;

- принсипи пайвастагии унсурҳои кластерӣ;

- принсипи коркарди мақсади ҳадафҳои иштирокчиёни кластер;

- принсипи коҳиш додани хароҷотҳои транзаксионӣ;

- принсипи ҳамкории иттилоотӣ ва банақшагирӣ;

- принсипи самаранокӣ барои ташкилкунандагони кластер;

- принсипи пешгӯии мониторинги кластер.

Умуман, дар ҳудудҳои маъмурии иқтисодӣ дар ҷараёни ташаккули кластерҳои мақсаднок бояд он принсипҳое, ки дар боло зикр гардид, ба инобат гирифта шаванд. Аз ин лиҳоз, роҳбарияти маъмурӣ бо мақсади баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ дар минтақа, дар масъалаи ташаккули кластерҳо фишанги механизмҳои мавҷударо бояд иваз намоянд. [57, с.5]

Ҳамин тавр, минтақаҳо бояд дар раванди ташаккули стратегияҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ афзалиятҳои усули кластериро мақсаднок истифода баранд, дар ҳоли гузаронидани сиёсати тағйирпазир муайян намудани кластерҳои эҳтимолӣ, ташаккул додани шароити барои дастгирии рушди ҳақиқии онҳо: усулҳои роҳбарииии ягона дар идоракунӣ ва маблағгузории мустақим бояд пешгирӣ карда шаванд.

Дар баробари ин, имконияти рушди созандаи кластери дахолати фаъоли мақомотеро, ки ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти ҳудуд манфиатдор мебошанд, тақозо мекунад. Дар баъзе мавридҳо барои рушди самараноки кластер кӯшиши зиёде ҳам лозим нест (триггер-эффект), аммо дар баъзе мавридҳо татбиқи лоиҳаҳои калонҳаҷмро талаб мекунанд. Сиёсати иқтисодие, ки ба дастгирии кластери ширкатҳо нигаронида шудааст, аз дастгирии корхонаҳои сохтори алоҳида нигаронидашуда хеле фарқ мекунад. Усулҳои интихобии кӯмаки давлатӣ ва дастгирии давлатӣ ҷойи худро ба тадбирҳои умумии рушди инфрасохтори кластерҳо медиҳанд. Барои кластерҳо мавҷудияти инфрасохтор, аз ҷумла кадрҳои махсус омӯзонидашуда, ки ба ниёзҳои кластери соҳаҳои мушаххаси самтӣ, алоқа доштан дар ҳамкории тиҷоратӣ ва ғайра ҷавобгӯянд, омили асосии рақобатпазирӣ мебошад.

Дар навбати худ, кластерҳои минтақавӣ аз намудҳои зерин иборатанд:




**Расми 5. Намуди кластерҳои минтақа**

**Кластерҳои «маршаллианӣ»** - ширкатҳои хурде, ки дар як соҳа тавассути мубодилаи захираҳои умумӣ фоида ба даст меоранд. Ин кластерҳо барои саноати пойафзол дар Италия, саноати дӯзандагӣ дар Туркия ва Ҳиндустон маъмуланд. Айни замон, барномаи ташкили чунин кластери кишоварзӣ ва озуқаворӣ дар Гурҷистон низ амалӣ шуда истодааст.

**Кластерҳои «радиалӣ»** – ин намуд кластерҳо аз тарафи корхонаҳои калони васлкунӣ дар саноати мошинсозӣ ва электронӣ (масалан, дар Детройт ё Италияи Шимолӣ) таъсис ёфтаанд. Хусусияти асосии чунин кластерҳо дар он мебошад, ки як ширкати калон (як ё якчанд) нақши «марказ», «тиҷорати решавӣ»-и иқтисодиёти минтақаро мебозад. Дар баробари ин, муносибат байни «марказ» ва дигар ҷузъҳои кластер метавонад ҳам мустаҳкам ва заиф ҳам бошад. Асоси механизми мавҷуд будани чунин кластерҳо истифодаи зерпудрат ва аутсорсинг мебошад.

**Кластери «шабакавӣ» -** маҷмуи ширкатҳое мебошад, ки ба таъмини он ба корхонаи берун аз кластер нигаронида шудааст. Ин намуд кластер аксар вақт дар натиҷаи сиёсати пешрафтаи ҷалби сармояи хориҷӣ ба минтақа (кӯчонидани истеҳсоли ҷузъҳо) ба вуҷуд меояд. Ширкатҳо дар чунин кластерҳо ҳам аз дигар истеҳсолкунандагони як пайванди технологӣ ва ҳам аз рақибони дар минтақа мавҷудбуда нисбатан мустақиланд. Дар баробари ин, рақобат байни “шабакаҳо” маҳдуд аст, барои он ки онҳо аксар вақт намудҳои гуногуни маҳсулотро истеҳсол мекунанд.

**Кластери «ба давлат занҷирбанд» (state anchored cluster)** – ин кластерҳое, ки фаъолияти иқтисодии онҳо дар минтақа ба корхонаи давлатӣ, ки бо фармоиши ҳукумат алоқаманд мебошанд (аз қабили донишгоҳҳо ё муассисаҳои давлатӣ, пойгоҳи низомӣ, корхонаҳои дифоӣ), вобаста мебошанд. Бо ташаббуси давлат технопаркҳои ба ин категория дохилшаванда кушода шудаанд.

Такони нав дар ташаккули кластерҳо бо амалишавии ҳадафи стратегӣ дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҳудуди минтақаҳои алоҳидаи кишвар пайдо гардид. Зеро ташкили кластерҳо ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, таъмини рақобатпазирии

субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи аграрӣ мусоидат менамояд. Оид ба масъалаи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ олимони ватанӣ Т.Р. Ризоқулов ва А. Акбарзода чунин қайд намудаанд: «Тибқи маълумотҳои оморӣ сарбории демографӣ ба ҳар гектари заминҳои кишоварзӣ ҳар сол афзоиш дошта, алалхусус соли охир нисбат ба соли 2013 сарбории мазкур 1,31 маротиба зиёд гаштааст, ки шадидии талаботи ҷамъиятиро ба захираҳои замин инъикос менамояд. Бо вуҷуди он вайроншавии шароити экологӣ, афканиши партов, моддаҳои зарарнок ба атмосфера, тағйирёбии иқлим дар ҷаҳон, амалӣ намудани низоми мусоиди «гирдгардиши заминҳои кишт» ҳолати ҳосилхезии заминҳои киштро коҳиш дода, ҷараёни деградатсияи заминро тақвият мебахшад. Дар соҳаи кишоварзӣ муаммоҳои сершумор ба миён омада, ба некӯаҳволии аҳолии минтақа таъсир мерасонанд. Барои роҳ надодан ба ҳолатҳои бӯҳронӣ баланд бардоштани истифодабарии заминҳои кишоварзӣ, омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ хеле муфид аст» [104, с. 22-31].

Ҳамин тариқ, дар иқтисодиёти муосир кластерҳо яке аз шаклҳои самарабахши интегратсияи истеҳсолот, молиявӣ ва сармояи интеллектуалӣ мебошад, ки ташаккул ва рушди афзалиятҳои рақобатии минтақаро таъмин менамояд. Бинобар ин, аксар вақт усули кластерӣ ҳамчун асоси методологии сиёсати инноватсионӣ интихоб карда мешавад, ки ба якҷояшавии сиёсати саноатӣ, илмию техникӣ, сиёсати дастгирии тиҷорати хурд ва инчунин сиёсати минтақавӣ имконият медиҳад.

Дар илми иқтисодиёт барои баҳодиҳии самараноки истифодабарии кластерҳо ҳамчун воситаи рушди инноватсионии минтақавӣ якчанд равишҳо мавҷуданд. Ғайр аз ин, ҳар як равиш ба мо имконият медиҳад, ки танҳо ҷузъҳои алоҳидаи таъсири кластер баҳо диҳем. Бо вуҷуди ин, барои таҳлили ҳамаҷонибаи таъсири фаъолияти кластер ба динамика ва самти рушди минтақавӣ бояд тамоми раванди инкишоф натиҷагирӣ карда шавад.

Зери мафҳуми самараи кластерӣ таъсири иштироки кластерҳо ба нишондиҳандаҳои гуногун ва натиҷабарории фаъолияти ширкат, умуман тамоми кластерҳоро фаҳмидан мумкин аст. Таҳлили назариявӣ ва эмпирикии

таҳқиқотҳо имкон дод, ки чунин намудҳои самараи инноватсионии кластерҳоро муайян намоем:

- самараи агломератсия. Манфиатҳоеро, ки ширкатҳо аз якҷояшавӣ дар ҳудуди муайян ба даст меоранд, ки ба он сарфаи миқёси истеҳсолот, баробарии хароҷоти нақлиётӣ ва логистикӣ, кам кардани монеа барои мубодилаи донишу ғояҳо ва идоракунии амалиёт, дастрасии осон ба дороиҳо дохил мешаванд.

- самараи таълим. Ҳамкории зич, табодули иттилоот ва дониш дар доираи шабакаи иштирокчиёни кластер (ширкатҳо, ташкилотҳои илмӣ-тадқиқотӣ, донишгоҳҳо ва ғайра), боиси баланд шудани сатҳи дониши ҳамаи иштирокчиёни кластер мегардад. Дар кластерҳои инноватсионӣ равандҳои омӯзиши муттасил такмил дода шуда, дар соҳаҳои идоракунӣ ва технологӣ самараи мусбии дилхоҳро ба амал меорад.

- самараи рақобати кооперативӣ. Минтақаи иқтисодие, ки дар он шабакаи корхонаҳое ҷойгиранд, ки дар як вақт дар шароити ҳамкорӣ ва рақобат бо якдигар фаъолият мекунанд ва инчунин, дар маҳалле, ки ин истеҳсолкунандагони рақобаткунанда бо якдигар фаъолият кунанд, воқеъ буда, метавонад. Ба инҳо, намоишҳои тиҷоратӣ ва ярмаркаҳо, сармоягузориҳои махсус ба инфрасохторҳо ва марказҳои такмили тахассуси кормандон дохил мешаванд.

Ҳамин тариқ, самараҳои баррасишуда шароитро барои баланд бардоштани самаранокии якҷояшавии кластерҳо, инчунин рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа фароҳам меоранд. Баҳодиҳӣ дар сатҳи баррасии бартариҳои рақобатпазир дар чаҳорчӯбаи методологияи кластерҳо дида мешаванд, ки ба он принсип, усул, нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои баҳодиҳии самарабахш, раванди мантиқии баҳодиҳӣ дохил мешаванд.

Дар илми иқтисодиёт барои арзёбии истифодаи самараноки кластерҳо ҳамчун воситаи рушди инноватсионии минтақавӣ якчанд равишҳои методӣ мавҷуданд. Дар адабиёти илмӣ ба усулҳои зерин аҳаммияти махсус дода шудааст:

1. Усулҳои арзёбии рақобатпазирӣ. Онҳо чаҳор омили рақобатпазириро муайян мекунанд: омилҳои имконот, стратегияи ширкат,

сохтор ва рақобати он, талабот, соҳаҳои ҳамҷавор ва ёрирасон. Дар таҳлил ва ба низом даровардани омилҳои ҳудудии рақобатпазирӣ олими иқтисоддон М.Е. Портер [27] андешаҳои ҷолиб баён доштааст. Ӯ консепсияи бартарии рақобатпазирии давлат (минтақа)-ро, ки ба ғоя ё ба истилоҳ «ромби миллӣ» асос ёфтааст, пешниҳод кардааст. Он чаҳор омили рақобатпазириро муайян мекунад, ки ҳангоми ҳамкорӣ самараи гирифтаро ташкил мекунад, яъне онҳо сатҳи имконияти бартарии рақобатро баланд мебардоранд. Ба инҳо дохил мешаванд: имконоти омилҳо, стратегияи ширкат, сохтор ва рақобати он, талабот, соҳаҳои вобаста ва ёрирасон.

2. Усулҳои сифатии арзёбии самарабахшӣ. Нишондиҳандаҳои маҳсулоти хушсифат, намудҳо, тахассусмандии кормандон, технологияҳо, воридшавӣ ба фазои нави истеҳсолӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Яъне, самарабахшии ҳамгирой бо истифода аз нишондиҳандаҳои рушди ташкилот баҳогузорӣ карда мешавад, ки он нишондиҳандаҳои миқдории ташкилот инъикос намеёбад.

3. Усулҳои арзёбии самарабахшии сармоягузорӣ. Ба ин гурӯҳ миқдори зиёди усулҳои паҳнгашта дохил мешаванд, ки ба сифатӣ ва миқдорӣ, сода ва мураккаб тақсим мешаванд. Ин гурӯҳи усулҳо дар ҳуҷҷатҳо муфассал муаррифӣ карда шудаанд.

4. Усулҳои ҳисобкунии нишондиҳандаҳои калидӣ. Ба ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои асосии амалкунии кластер асос ёфтааст. Дар барбари ин, онҳо метавонанд, дар маҷмуи нишондиҳандаҳои гуногун истифода бурда шаванд, ба мисли фаъолияти минтақа, соҳа, ки гурӯҳҳои мақсадноки кластерро инъикос мекунад. Аз ин бармеояд, ки ин гурӯҳи усулҳо дар адабиёти илмӣ бештар инъикос ёфтаанд [94, с. 13].

Ҳангоми истифодабарии усули ҳисобкунии нишондиҳандаҳои калидӣ ҳолатҳо нишондиҳандаҳои интегралӣ истифодаи қулай ва осон доранд. Ҳамин тариқ, Д.Ф. Рутко [108, с.180-184] чунин намуди нишондиҳандаро пешниҳод намудааст:

$$I = \sum К_i * Б_i, \ ( i = I - n), \qquad (1)$$

ки дар ин ҷо I – баҳодиҳии интералии сатҳи истеҳсолии самараи сохторҳои интегронии амалӣ; $K_i$ – коэффитсиенти вазнӣ; i-го меъёрҳои самаранокии сохтори муттаҳидшуда; $B_i$ – арзиши баллӣ i-го меъёрҳои самаранокии сохтори муттаҳидшуда.

Афзалияти ин нишондиҳанда дар баҳисобгирии талаботи ҳамаи гурӯҳҳои дохилии муҳити кластер ва инчунин, таъсири фаъолияти кластер ба муҳити беруна муайян мегарад.

Ҳамин тавр, моҳияти усулҳои асосии баҳодиҳии самаранокии кластерҳо дар ҷадвали зерин онҳо оварда шудааст:

**Ҷадвали 1.4 - Усулҳои таҳлили самаранокии кластерҳои байнимитнтақавии инноватсионӣ**

| Гурӯҳи усулҳо | Моҳият |
|---|---|
| Усулҳои арзёбии рақобатпазирӣ | Таҳлили омилҳои рақобатпазирӣ: стратегияи корхонаҳо |
| Усулҳои сифатии арзёбии самарабахшӣ | Арзёбии самара бо истифода аз нишондиҳандаҳои сифатии маҳсулот, номгӯй, тахассуснокии кадрҳо, технология, диверсификатсия ва ғайра. |
| Усулҳои арзёбии самарабахшии сармоягузорӣ | Истифодабарии усулҳои сифатӣ ва миқдорӣ барои баҳодиҳии чунин намудҳои самаранокӣ:<br>- самаранокии тиҷоратӣ;<br>- самаранокии минтақавӣ ва хоҷагии халқ:<br>- самаранокии соҳавӣ;<br>- самаранокии буҷетӣ. |
| Усулҳои ҳисобкунии нишондиҳандаҳои калидӣ. | Ин гурӯҳи усулҳо аз ҳисоби нишондиҳандаҳои асосии амалкунии кластерҳо асос ёфтаанд. |

Маҳалли ҷойгиршавии ҷуғрофӣ шарти муҳимтарини мавҷудияти кластер мебошад. Дар як макон ҷамъ гардидани аъзоёни асосии кластер, инчунин инфрасохтори нақлиётию иттилоотӣ имкон медиҳад, ки ҳамкории аъзоёни кластер-кооператсияҳо, табодули технологияҳо, ғояҳо, ноу-хау, кадрҳои омӯзонидашуда дар амал татбиқ карда шавад. Айни замон, ба шарофати рушди шабакаи иттилоотӣ кластерҳо паҳн ва зиёд шуда истодаанд.

Ҳамин тариқ, наздикии ҷуғрофӣ на барои паҳн кардани донишҳои илмӣ, балки барои наздикии донишҳои тахассусӣ ғайриимкон муҳим аст. Пастшавии мунтазами хароҷоти нақлиёт ва коммуникатсия ба иттиҳоди ҷуғрофӣ таъсири омехта мерасонад. Аз як тараф, аҳаммияти наздикии ҷуғрофӣ барои ҳамкории

муваффақи ширкатҳо қисман коҳиш ёфта истода бошад, аз тарафи дигар, интиқоли донишҳои махсус ва хароҷоти ками нақлиёту иттилоот ба тақсимоти минбаъдаи меҳнат дар миқёси ҷаҳонӣ ва тахассусмандии минтақаҳо мутахассисони соҳа мусоидат мекунад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ байни олимони ватанӣ ақидаи ягона оид ба ташаккул ва таҷдиди фаъолияти кластерҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти минтақа ба вуҷуд омадааст. Вобаста ба ин Х.З. Ходжаев дар тадқиқотҳои худ дар бораи кластерҳои иқтисодии минтақавӣ чунин меорад, ки: «Сарфи назар ба он ки иқтисодиёт ҳамаҷониба аст, сиёсати кластерӣ танҳо яке аз воситаҳои сиёсати давалатӣ ба ҳисоб рафта, наметавонад дигар самтҳоро иваз намояд, ба монанди рушди маориф ва нақлиёт. Аммо сиёсати кластерӣ метавонад, яке аз воситаҳои нави самаравӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мубаддал гардад» [120, с. 141].

Олими дигари иқтисодчӣ П.А. Мухсинова дар рисолаи илмии худ оид ба кластерҳои минтақавии иқтисодӣ чунин зикр кардааст: «Кластер ҳамчун ташкили шакли фазоии истеҳсолот буда, дар худ маҷмуи ширкатҳое, ки аз ҷиҳати ҷуғрофӣ бо ҳам наздик мебошанд ва бо ҳамдигар аз ҷиҳати (техникӣ, илмӣ, истеҳсолот, технологӣ ва молиявӣ) фаъолият бурда, имконияти самараи синергетикиро истеҳсол намуда, метавонад ба баландшавии истеҳсолоти маҷмуии меҳнати минтақа ва инчунин, ба пешгӯиҳо оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолот дар бозори ҷаҳонӣ ба амал орад» [92, с. 35].

Дар ҳақиқат, ақидаи олимони ватанӣ мутобиқи шароити муосир аст, зеро тавассути истифодабарии равияи кластерӣ метавон баҳри баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти ҳар як минтақа ва ба ин васила иқтисодиёти миллӣ самаранок истифода бурда, барои рушди захираҳои истеҳсолӣ, таъмини робитаҳои иқтисодии хориҷӣ мусоидат менамояд. Вале дар сараввал масъалаи зарурияти муайян намудани намуди кластер, ки ба иқтисодиёти минтақаҳои алоҳида мутобиқ аст, пайдо мегардад. Тибқи меъёрҳои гуногун табиати фаъолият, ҳадафҳо, ташаккул, зарурати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кластерҳо дар илми иқтисодиёт гуногунҷабҳа мебошад. Чӣ тавре ки дар боло

зикр гардид, дар байни олимон ақидаҳои гуногун оид ба гурӯҳбандии намудҳои кластер мавҷуд аст. Дар яке аз сарчашмаҳои илмӣ таснифоти зерини кластерҳо пешниҳод гардидааст. Кластерҳо аз рӯи дараҷа ба панҷ намуд тақсим мешаванд:

- «аз рӯйи дараҷаи якрангӣ: кластерҳои соҳавӣ ва байнисоҳавӣ;

- аз рӯйи дараҷаи пайвастагӣ: ҳамкории корхонаҳо бо алоҳидагӣ ва гурӯҳи корхонаҳои байни худ рақобаткунанда;

- аз рӯйи дараҷаи генератсия: кластерҳои инноватсионӣ ва анъанавӣ;

- аз рӯйи дараҷаи камолот: кластерҳои ибтидоӣ, ташаккулёфта ва парокандашуда;

- аз рӯйи дараҷаи аҳаммият: кластерҳои трансмиллӣ, миллӣ, минтақавӣ, соҳавӣ» [59, с. 8-12].

Дар навбати худ аз ҷониби муҳаққиқ дигар Я.И. Дронова чунин намуди таснифоти кластерҳо пешниҳод гардидааст:

«-аз рӯйи фарогирии ҳудудӣ-минтақавӣ: шабакавӣ, миллӣ (соҳавӣ) ва трансмиллӣ;

- аз рӯйи мавҷуд будан ё набудани иштирокчии асосӣ: симметрӣ ва ассиметрӣ;

- аз рӯйи пайдошавии табиӣ ва рушд: дар натиҷаи ҳолатҳои ногаҳонӣ ва тадбирҳои сиёсӣ;

- аз рӯйи ҷойи истифодабарии маҳсулоти ниҳоӣ: ба бозори дохилӣ нигаронидашуда ва ба содирот нигаронидашуда» [65, с. 33-41].

Инчунин, дар пажӯҳиши олими иқтисодиёт Е.В. Федина гурӯҳбандии кластерҳои иқтисодӣ бо тарзи зайл пешниҳод карда шудааст:

- «аз рӯйи вақти амалкунанда: дарозмуддат (устувор) ва муваққатӣ (нақшавӣ);

- аз рӯйи ихтисос: сохтмонӣ, металлургӣ, кимиёвӣ ва ғайра;

- аз рӯйи мансубияти соҳавӣ: соҳавӣ ва байнисоҳавӣ;

- аз рӯйи марҳилаҳои давраи ҳаётӣ: пайдошаванда, рушдёфтаистода, ба камол расида, табдилёбанда.

- аз рӯйи мақсади пайдошавӣ: баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иштирокчиёни кластер; рушдёбии ширкат-иштирокчиёни кластер; нигоҳдории ташкили пуррагӣ ва мустақилияти молиявии ширкатҳо; дастгирӣ намудани фаъолияти самараноки соҳаҳои стратегӣ; самаранокии рушди минтақа; ҳалли муаммоҳои иҷтимоии рушди минтақа» [143 с. 113].

Ин гуна ақидаҳои мухталифи олимонро дар ин самт боз давом додан мумкин аст, вале ақидаҳои олимоне, ки гирд овардем кифоя буда, оид ба мавҷуд набудани андешаи ягона доир ба намуди кластерҳо дар илми иқтисодиёт баҳсҳо зиёданд. Таъкид кардан ба маврид аст, ки онҳо андешаи якдигарро инкор намекунанд, баръакс ҳамдигарро пурра месозанд. Низомбандӣ намудан ва такмили ин самт андешаҳои ҷолиб баён кардаанд.

Дар чаҳорчӯбаи рушди иқтисодиёти минтақаҳо саҳми кластерҳо, фаъолияти онҳо хеле муҳим аст, зеро бо воситаи он метавонем саҳми онҳоро дар минтақа, сатҳи таъсиррасонӣ ба иқтидори истеҳсолии минтақа, ба ҷараёнҳои инноватсионӣ низ арзёбӣ намудан мумкин аст. Бинобар ин, бо мақсади баҳогузорӣ ба сатҳи рақобатпазирӣ муайян намудани нишондиҳандаҳои арзёбии фаъолияти кластерҳо, нақши он дар рушди иқтисодиёти минтақа, таъсиррасонӣ ба иқтидори инноватсионӣ ва сатҳи зисти аҳолӣ ва ғайра. Ин натиҷаҳои интизорӣ, аз фаъолияти пурсамари кластерҳо вобастагӣ дорад. Дар илми иқтисодӣ ақидаҳои гуногун оид ба нишондиҳандаҳои арзёбии фаъолияти кластерҳо пешниҳод гардидааст. Инчунин, дар яке аз онҳо чунин нишондиҳандаҳо инъикос гардидааст:

«- ҳаҷми истеҳсоли солонаи кластер дар маҷмуи маҳсулоти минтақа;

- ҳаҷми солонаи маблағгузорӣ барои тадқиқотҳои илмӣ дар кластер;

- ҳиссаи маҳсулот ва хизматрасониҳои инноватсионӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти кластер;

- ҳиссаи хароҷот барои тайёр кардани кадрҳо, муттахассисони баландихтисос дар фаъолияти кластер;

- таъсири мушаххаси кластер ба соҳаи иқтисодиёти минтақа воситаи муайян намудани мавқеи он дар истеҳсоли маҳсулоти соҳавӣ;

- шохиси ҷалби муттахассисон аз мактабҳои олӣ тибқи дархости кластер» [59, с.8-12].

Ин гуна усулҳои арзёбӣ дар илми иқтисодӣ хеле зиёд аст. Азбаски дар иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули кластерии истеҳсолот дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад, тасмим гирифтем, дар навбати аввал он нишондиҳандаҳоеро, ки ба ташаккули кластерҳо мусоидат мекунанд, таҳқиқ намоем. Ҳадаф дар он аст, ки тавассути арзёбии заминаю шароити соҳаҳое, ки барои ташаккули кластерҳо дар иқтисодиёти минтақа бештар мусоидат мекунанд, баррасӣ гардад. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҳамин давра ба иқтисодиёти вилояти Суғд кластерҳои бомуваффақият фаъолияткунанда ташаккул наёфтааст, бинобар ин ҳоло ҳадафи асосӣ муайян намудани соҳаҳои имконпазири кластерикунонӣ дар иқтисодиёти минтақа ва таҳлили имкониятҳо аз нуқтаи назари ҷозибияти минтақа барои ташкили кластер мувофиқи мақсад аст. Дар илми иқтисодӣ равияҳои илмӣ оид ба муайян намудани соҳаи имконпазири кластерикунонӣ мавҷуд аст. Дар байни онҳо равияи методӣ, ки аз ҷониби олими рус Е.В. Федина [143] пешниҳод гардидааст, зеро ба шароити иқтисодиёти миллии Тоҷикистон мутобиқат менамояд. Услуби мазкур афзалияти соҳаро дар асоси нишондиҳандаҳои ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва иҷтимоӣ ба воситаи як нишондиҳанда, инчунин бо нишондиҳандаҳои интегралӣ ҷозибияти минтақаро барои таҳия намудани кластери соҳавӣ нишон медиҳад. Тибқи ақидаи олим услуби интихоби соҳа барои кластерикунонӣ чунин мебошад:

Соҳаҳое, ки ба гуруҳи пешқадами кластеркунонӣ дохил мешаванд, объекти аз тарафи давлат дастгиришаванда ба ҳисоб мераванд.

Ҳамин тавр, якчанд марҳилаҳои ин самтро ба таври мушаххас дида мебароем.

1. Сатҳи махсусгардонидашуда дар иқтисодиёти минтақа:

Интихоби соҳаҳо метавонанд бо якчанд усулҳо роҳандозӣ карда шаванд ва онро ба таври мушаххас мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

Барои муайян кардани соҳаҳои рушдёфта метавонем аз коэффитсиенти маҳаллисозӣ истифода барем. Дар натиҷаи ҳисобу китобҳои зарурӣ аз рӯи

нишондодҳои ҳаҷми истеҳсолот шумораи кормандон, фондҳои асосӣ, сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ, содирот ва воридот, сармоягузории хориҷӣ нишондиҳандаи интизорӣ муайян карда мешавад. Коэффитсиенти маҳаллисозӣ метавонад сатҳи рушди соҳа ва мавқеи онро дар минтақа нишон диҳад, ки онро чунин ҳисоб кардан мумкин аст:

$$К_л = \frac{P_{1J}}{P_{1S}}$$

$$К_л \geq 1 \qquad (2)$$

ки дар ин ҷо

$P_{1J}$ – ҳиссаи соҳаи i дар минтақаи j дар истеҳсолот;

$P_{1S}$ – ҳиссаи соҳаи i дар истеҳсоли миқёси давлат;

$$P_{1j} = \frac{Q_{1j}}{Q_J} \qquad (3)$$

ки дар ин ҷо

$Q_{1j}$ – ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа дар дохили минтақа;

$Q_J$ – ҳаҷми истеҳсолоти умумӣ дар минтақа;

$$P_{1S} = \frac{Q_{IS}}{Q_S} \qquad (4)$$

ки дар ин ҷо

$Q_{1S}$ – ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа дар доираи кишвар;

$Q_S$ – ҳаҷми истеҳсолоти умумӣ дар кишвар.

Агар, нишондиҳандаи коэффитсиенти маҳаллисозӣ ба як ва ё аз он зиёда баробар шавад, пас дар ин соҳа имконияти сохтани кластер мавҷуд аст.

Дар илми иқтисод равишҳои илмии муайян кардани соҳаи ба кластерикунонӣ мувофиқ мавҷуданд. Дар байни онҳо равиши методии аз ҷониби олими рус А.В. Ермишина [68, с.9], пешниҳод гардида, бештар қобили қабул аст, зеро ба шароити иқтисодиёти миллии Тоҷикистон мутобиқат менамояд. Дар навбати аввал нишондодаҳое пешниҳод шудаанд, ки барои муайян намудани соҳаҳои ба кластерикунонӣ мувофиқи иқтисодиёти минтақа лозиманд. Мундариҷаи онҳо дар ҷадвали 1.5 омадааст.

### Ҷадвали 1.5 – Нишондиҳандаҳо барои муайян намудани мутобиқати соҳа ба кластерикунонӣ

| *Номгӯй* | *Формула* | *Нишондодҳо* | *Меъёр* |
|---|---|---|---|
| Коэффитсиенти маҳаллисозӣ | $К_л = \frac{P_{ij}^п}{P_{js}^п}$ | $P_{ij}^п$ – вазни хоси соҳа j, дар сохтори истеҳсолоти минтақа i; $P_{js}^п$ – вазни хоси соҳаи j, дар сохтори истеҳсолоти кишвар s; | Кл ≥ 1<br>Кл < 1 |
| Коэффитсиенти махсусгардонӣ | $К_С = \frac{P_{ijs}^п}{P_{is}^{МУД}}$ | $P_{ijs}^п$– вазни хоси i дар минтақаи j дар миқёси кишвар s; $P_{is}^{МУД}$ – вазни холиси минтақаи i дар МУД кишвар s. | Кл ≥ 1<br>Кс < 1 |
| Коэффитсиенти истеҳсолот ба ҳар як сари аҳолӣ: | $К_{дп} = \frac{P_{ijs}^п}{P_{isn}^П}$ | $P_{ijs}^п$ – вазни хоси соҳаи j минтақаи I, нисбат ба сохтори соҳавии кишвар s;$P_{isn}^П$ – вазни хоси ҳамаи аҳолии минтақаи i дар аҳолии кишвар s. | Кдп ≥ 1<br>Кдп < 1 |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои [68,с. 9]*

Чуноне ки дар ҷадвали боло оварда шудааст, барои имконияти кластерикунонии соҳа коэффитсиентҳо бояд ба 1 ва ё зиёда аз он баробар бошанд.

Ҳамин тавр, агар яке аз нишондиҳандаҳо аз як кам бошад, кластерикунонӣ самаранок ҳисобида намешавад. Дар чунин ҳолат ҳангоми ҳисоб кардани коэффитсиентҳо бояд ба тамоюли рушди он аҳаммият дода шавад, барои он ки тамоюли мусбат ба имконияти умедбахши афзоиши минбаъдаи он оварда мерасонад. Аз ин рӯ, дар оянда бо истифода аз усулҳои гуногун (азнавсозӣ ё мукаммалгардонии фондҳои асосӣ, васеъ намудани номгӯи маҳсулот, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва ғайра) соҳаи баррасишаванда метавонад кластери ояндасоз гардад.

Коэффитсиенти музди миёнаи моҳона дар соҳа ба ҷолибии минтақа таъсири мусбат нишон медиҳад ва агар КЗП ≥ 1 шавад, он гоҳ музди миёнаи моҳона дар соҳа бо музди миёнаи моҳонаи дар минтақа баробар ва ё аз он зиёд мегардад.

Бидуни ин нишондиҳандаҳо коэффитсиентҳое, ки сатҳи ҷазобияти кластерҳои соҳавиро муайян менамоянд, истифода мегарданд. Чӣ қадаре ки қимати ин нишондиҳанда баланд бошад, ҳамон қадар ҷолибии соҳа барои клатерикунонӣ баланд мешавад.

**Ҷадвали 1.6 – Нишондиҳандаҳои арзёбии ҷаззобияти кластерҳои соҳавӣ**

| *Номгӯй* | *Формула* | *Нишондодҳо* | *Меъёр* |
|---|---|---|---|
| Коэф. музди миёнаи моҳона дар соҳа | $КЗП = \frac{ЗП_с}{ЗП_м}$ | $ЗП_с$ – музди миёнаи моҳона дар соҳа; $ЗП_м$ – музди миёнаи моҳона дар минтақа | $КЗП \geq 1$ |
| Коэффитсиенти шуғл | $КЗ = \frac{З_{мин}}{З_{ум}}$; | $З_{мин}$ – ҳиссаи шуғли аҳолӣ дар минтақаи муайян; $З_{ум}$ – ҳиссаи шуғли аҳолӣ дар минтақа | $КЗ \geq 1$ |
| Коэффитсиенти сармоягузории ҷолиб | $КИП = \frac{И_{мин}}{И_{ум}}$ | $И_{мин}$ – ҳаҷми сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ, ки ба саноат мансуб аст. $И_{ум}$ - ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба сармояи асосии минтақа | $КИП \geq 1$ |
| Коэф.мусоидии рушди минтақа | $К_{сэр} = \frac{ВП_{отр}}{ВРП}$ | $ВП_{отр}$ – ҳаҷми истеҳсоли соҳавии минтақа; ВПР – маҷмуи маҳсулоти минтақа. | $К_{сэр} \geq 1$ |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои [68, с.12]*

Сармоягузории ҷолиб – ин таъминкунандаи асосии тараққиёти субъектони алоҳидаи иқтисодӣ ва ҳам тамоми минтақа ба ҳисоб меравад. Аз ин бармеояд, ки чӣ қадаре ки соҳа сармоягузориро ҷалб кунад, ҳамон қадар он ба рушди минтақа оварда мерасонад. Аз ин рӯ, ҷолибии кластер дар минтақа аз баландшавии ҳиссаи сармоягузориҳои соҳа аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳо вобаста мебошад ва дар умум, чӣ қадаре ки ҳисса зиёд бошад, ҳамон қадар кластер ҷолиб ҳисобида мешавад.

Дар илми иқтисодӣ дар қатори ҳисоб намудани коэффитсиентҳои зикргардида барои муайян намудани нақши соҳа дар иқтисодиёти минтақа муодилаҳои бисёромилаи корреллиатсионӣ низ истифода мегардад. Онҳо ба арзёбии имконияти сатҳи таъсиррасонии соҳаи ба кластерикунонӣ мувофиқ ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа имконият медиҳанд. Барои ин муодилаи регрессионии зерин истифода бурда мешавад:

$$Y = a+bx_1+cx_2+dx_3+\ldots nx_n \quad (5)$$

Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, дарёфти маълумотҳои оммавӣ оид ба базургии нишондодҳо душвор аст, ҳамчун нишондодҳои омилӣ дар муайян намудани сатҳи робита байни омилҳо он нишондодҳое, ки дар нашриёти расмӣ дарҷ мегардад, барои ба ҳисоб гирифтан беҳтар аст. Ба сифати чунин нишондиҳандаҳо дар иқтисодиёти вилояти Суғд мо метавонем, нуқтаҳои зеринҳоро баррасӣ намоем:

- ҳаҷми сармоягузорӣ ба фонди асосӣ дар соҳа;
- ҳаҷми истеҳсолоти соҳавӣ;

- музди меҳнат ба ҳисоби миёна дар як моҳ;

- шуғли аҳолӣ дар соҳа;

- теъдоди корхонаҳо дар соҳа ва ғайраҳо.

Тавассути истифодабарии барномаҳои махсуси компютерӣ дар асоси гузаронидани таҳлилҳо, ки сатҳи таъсири ҳар як омилро миқдоран нишон медиҳад, нақши соҳаро дар рушди иқтисодиёти минтақа муайян кардан мумкин аст.

Бояд гуфт, ки ба самтҳои афзалиятноки инкишофи сиёсати иктисодӣ, зиёд кардани ракобатпазирии давлат, корхонахо, маҳсулот — таҷрибаи эчодӣ ба кластерҳои саноати хориҷӣ диққати ҷиддӣ додан бамаврид аст.

Ҳамин тариқ, кластерҳое, ки аз соҳаҳои технологӣ асос ёфтаанд, дорои иқтидори бештари инноватсионӣ мебошанд. Вале набояд фаромӯш кард, ки фишанги технологияи пешрафта талаботи дохилӣ ба навоварӣ мебошад, ки онро истеҳсолоти камталаби илмӣ, вале бештар омӯхташуда ва устувор ташкил мекунад. Аз ин рӯ, вазифаи сиёсати кластерӣ муайян кардани кластерҳои мавҷуда ва рушди минбаъдаи афзалиятҳои рақобатии онҳо мебошад. Чӣ хеле ки М. Портер қайд кардааст: «Аксар вақт дар иқтисодиёти тараққиёбанда соҳаҳои гуногуни саноат ба як гурӯҳ муттаҳид карда мешаванд, дар минтақаҳои ақибмонда бошад, фаъолият, ба истиснои хоҷагии қишлоқ ва азхудкунии захираҳо хеле суст ва ё тамоман ба роҳ монда намешавад» [28, с.896]. Ин ақида мустақиман ба иқтисодиёти Тоҷикистон низ марбут аст, бинобар ин, барои ҳалли мушкилоти ташкили кластерҳои баланди технологӣ, пеш аз ҳама, бояд як занҷири устувори истеҳсоли маҳсулоти агросаноатии баландсифат ва рушди дигар соҳаҳо, барои дастгирии хоҷагии қишлоқ сохта шавад.

## 1.3 Таҷрибаҳои давлатҳои хориҷа дар самти ташаккул ва рушди кластерҳои соҳавӣ

Рақобати баланд дар бозорҳои миллӣ ва ҷаҳонӣ, талаботи афзояндаи истеъмолкунандагони маҳсулот ширкатҳоро водор мекунад, ки роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазириро ҷустуҷӯ намоянд. Дар ин радиф, масъалаи таъмини рақобатпазирӣ, мутобиқсозии тамоми марҳилаҳои рушд ва истеҳсолот

дар асоси ҷалби ашёи хоми маҳаллӣ, ҳамкорӣ бо дигар корхонаҳои истеҳсолӣ, марказҳои илмию техникӣ ва ширкатҳои фурӯши махсулоти тайёр аҳаммияти бузург дорад. Дар натиҷаи ҳамкорӣ самараи синергияро дидан мумкин аст, ки он дар бозор барои ба даст овардани бартариятҳои рақобатӣ имкон медиҳад.

Рақобати шадид дар бозори ҷаҳони муосир кишварҳоро водор менамояд, ки механизмҳои самарабахши таъмини рушди устуворро таҳия намоянд. Маҳз сиёсати дохилии давлат омили муҳимме ба ҳисоб меравад, ки таъсири манфии ҷаҳонишавиро ба субъектҳои хоҷагидорӣ коҳиш диҳад. Дар ин равия, чӣ тавре ки таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, яке аз механизми самарабахши таъмини рушди устувори корхонаҳо ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо, ташаккули «кластерҳо» мебошад, ки татбиқи он дар иқтисодиёти миллӣ эҳтимол самараи муайян диҳад.

Аввалин таҷрибаи ташаккули кластерҳо дар асоси ҳамкории дохилиширкатӣ дар Дания солҳои 90-ум ба вуҷуд омадааст. Дар раванди кластеронии иқтисодиёт, Шурои рушди соҳибкории назди ҳукумати Дания, ки ба таҳияи консепсияи кластеронӣ масъул буд, фаъолияти самараноки кластерҳои ташаккулёфтаро таъмин намуда, нақши калидиро дар ташаккули он бозидааст.

Дар Фаронса бо сабаби он ки таъсири давлат ба бахши хусусӣ нисбатан ба дигар давлатҳои Аврупо бештар аст, ҷараёни кластеронӣ дар муқоиса мушкилоти зиёдтар дошт. Вале ба ин нигоҳ накарда, раванди кластеронӣ дар ин кишвар низ ба муваффақият ноил гардид. Кластерҳо дар Фаронса дар натиҷаи ҳамкориҳои байни гурӯҳҳои саноатии маҳаллӣ, донишгоҳҳо ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ дар асоси «Барномаи ташкил ва рушди ҳудудҳо», ки соли 1995 қабул шудааст, рушд ёфт.

Дар муқоиса бо Фаронса ва Дания раванди кластерикунонӣ дар Олмон суръати баланд дорад. Аксари кластерҳои минтақавӣ дар Олмон тӯли солҳои зиёд бидуни дахолати давлатӣ, асосан бо ташаббуси бахши хусусӣ пайдо ва инкишоф ёфтааст. Бо вуҷуди ин, дар баъзе минтақаҳои мушаххас, минтақаҳои технологӣ барномаҳои маркази махсуси давлатӣ бо воситаи кӯмаки мустақим барои ташаккули кластерҳо мусоидат намудаанд. Масалан, дар ҳудуди

минтақавии Мюнхен ҳокимияти маҳаллӣ бевосита ба рушди кластерҳо машғул мебошад. Алалхусус, дар ин минтақа кластери бузург бо номи “BioM” вуҷуд дорад, ки зиёда аз 400 ташкилотро дар бар мегирад. [95, с. 82-93]

Дар давлати Финландия иктисодиёт комилан кластерикунонӣ карда шудааст, ки ин таҷриба боиси омӯзиш аст. Дар кишвари мазкур дар самти кластеронӣ Вазорати савдо ва саноати Финландия накши муҳим дорад, ки аз ҷониби он «Стратегияи миллии саноатӣ» коркард мешавад.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико рушди кластерҳо ба салоҳияти махсуси ҳокимияти маҳаллии давлатӣ ворид мешавад. Ҳукумати федералии марказии ИМА бошад, тибқи қонунгузории ин давлат ба сиёсати иқтисодии минтақаҳо дахолат карда наметавонад. Вале равияҳои стратегии рушд тавассути ҳукумати марказии ИМА муайян мегардад. Дар сатҳи мақомоти минтақавӣ рушди минтақа дар асоси ҳамкорӣ, бо муассисаҳои давлатӣ, аз ҷумла донишгоҳҳо ва институтҳои тадқиқотӣ ташкил карда мешаванд. Мақомоти марказии федералии давлатӣ дар ташаккули кластерҳо, ки барои рушди иқтисодиёти давлат зарур аст, метавонанд ширкатҳои хориҷиро низ ҷалб намоянд. Барномаҳои ҳукумати марказӣ оид ба кластеркунонӣ дар ИМА, асосан дар соҳаҳои алоҳидаи саноат (нанотехнология) дар ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо, марказҳои тадқиқотии алоҳида нигаронида шудаанд. Дар ИМА соли 2010 «Комиссия оид ба кластерҳои инноватсионии ҳудудӣ» таъсис дода шудааст.

Дар Иттиҳоди Аврупо барои дастгирии чунин иттиҳодияҳои ҳудудӣ созмонҳои махсус кор мекунанд: гурӯҳи сиёсати кластерии Аврупо, Обсерваторияи кластерии Аврупо ва ғайра. Соли 2006 Иттиҳоди Аврупо «Манифести кластеронӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо»-ро нашр кард, ки он ба баланд бардоштани рақобатпазирии аъзои алоҳидаи Иттиҳоди Аврупо ва дар маҷмуъ, беҳтар шудани вазъият дар бозорҳои ҷаҳонии Иттиҳоди Аврупо мусоидат менамояд [103, с. 112-116].

Дар Олмон кластерҳое, ки аҳаммияти стратегии давлатӣ доранд, бо мақсади суръат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ, дар соҳаҳои саноати технологияи босуръат, бо ҳамкории корхонаҳо ва ташкилотҳо ташкил карда шудаанд.

Ҳиндустон низ бо кластерҳои инноватсионии худ машҳур аст, ки теъдоди онҳо дар ҳудуди кишвар ба 2000 мерасад. Бузургтарини онҳо дар саноати IT, рехтагарӣ ва дорусозӣ фаъолият мебаранд [148].

Дар кишварҳои мутараққӣ дар самти ташкили кластерҳо яке аз хусусиятҳои асосӣ дар муйаян намудани пешрафти илмӣ-техникӣ аст. Дар ин самт барои дастрас кардани натиҷаҳо мутахассисони касбии хориҷӣ, яъне «сармояи инсониро» ҷалб менамоянд.

Кластерҳои ҳудудии инноватсионӣ метавонанд вазифаҳои муҳимми давлатӣ, аз қабили ҷалби сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат намоянд.

Ташкили кластерҳо дар Русия аз соли 2012 оғоз ёфт, гарчанде ки ғояи ташкили он ҳанӯз дар соли 2005 пайдо шуда буд. Баъди озмун дар минтақаҳои гуногуни кишвар 25 иттиҳодияи инноватсионии ҳудудии кишвар тасдиқ карда шуд. Соҳаҳои зерин дар кишвари мазкур рушд ёфтаанд:

- IT ва электроника;
- истеҳсоли дастгоҳҳои кайҳонӣ ва киштисозӣ;
- биотехнология ва фармасевтика;
- нефту химия;
- ядроӣ;
- масолеҳи нав.

Италия як кишвари хурди тиҷораташ классикӣ мебошад, ки дар он аз 4 миллион ташкилотҳо танҳо 2% онҳо калон ҳисобида мешаванд ва дар ҳар кадоми онҳо 1000 нафар ва ё зиёдтар коргар кор мекунанд. Умуман, дар Италия 200 минтақаи саноатӣ мавҷуд аст, ки 60 ҳазор корхонаро муттаҳид менамояд. Дар ин корхонаҳо 600 ҳазор нафар одамон кор мекунанд ва бо назардошти ҳамкории кооператсияи саноатӣ дар минтақаи саноатӣ зиёда аз 1 миллион корхонаи хурду миёна фаъолият мебаранд, ки дар онхо 4,6 миллион нафар коргар кор мекунанд [26, с.154].

Ҷойгиршавиии корхонаҳои хурди саноатӣ дар Италия, пеш аз ҳама, ба шароити табиӣ ва инфрасохторӣ вобаста аст. Кластерҳо дар ин кишвар дар он минтақаҳое, ки саноатӣ аст, робитаҳои зич бо маҳалли зист, мақомотҳои

давлатӣ доранд. Бо афзоиши кластерҳо дар бозори меҳнат табадуллоти сифатӣ пайдо мегардад, ки фаъолияти соҳибкориро афзоиш медиҳад.

Аз ҳама кластери машҳур дар соҳаи IT технология Водии Кремний дар Калифорния ба ҳисоб меравад. Дар водии Кремний макони бисёре аз бузургтарин корпоратсияҳои технологияи босуръати ҷаҳон ҷойгир аст, аз ҷумла, беш аз 30 ширкатҳое, ки ба гуруҳи «Fortune 1000» вориданд, ҳазорҳо ширкатҳои нав низ мавқеи муҳимро доранд. Водии Кремний сеяки тамоми сармоягузориҳои венчуриро ташкил медиҳад ва ба табдил додани як маркази пешрафта барои навовариҳои технологӣ мусоидат мекунад. Маҳз дар водии Кремний схемаи интегралии микропросессор ва микрокомпютерҳо таҳия карда шуданд. То соли 2021 дар минтақаи мазкур тақрибан ним миллион кормандони IT техонологҳо кор мекарданд.

Дар ҷадвали зерин номгӯйи 10 кластери ҷаҳонии инноватсионӣ оварда шудааст.

Дар шаҳри Бангалор кишвари Ҳиндустон кластер бо номи «Платои Кремний» вуҷуд дошта, гардиши муомилоти соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар кишвар 70 миллиард долларро ташкил медиҳад.

Дар самти кластеронӣ байни давлатҳои ҷаҳон Ҳиндустон яке аз мамлакате, ки дар он зиёда аз 100 кластер фаъолият мекунад, машҳур аст. Асосан, фаъолияти кластерҳои Ҳиндустон ба технологияҳои инноватсионии компютерӣ нигаронида шудаанд. Индекси пешрафти технологияҳои иттилоотии Ҳиндустон дар он аст, ки зиёда аз 80 ширкате, ки бо IT технологияҳо фаъолият мекунанд, ҳамчун корхона дорои сертификати мутобиқати «Software Engineering Institute» ҳастанд.

**Ҷадвали 1.7. Даҳгонаи кластерҳои бузурги инноватсионӣ**

| *№* | *Номгӯй* | *Соли таъсис* | *Маълумот* |
|---|---|---|---|
| **1** | Водии Кремний дар Калифорния, ИМА | 1970 | дорои ним миллиард коргар дар соҳаи IT |
| **2** | Платои кремний дар Бангалор, Индия | 1976 | гардиши муомилот - 70 миллиард доллар |
| **3** | Водии косметикӣ дар Фаронса | 1994 | даромади солона — 11 миллиард евро |

*Идомаи ҷадвали 1.7.*

| | | | |
|---|---|---|---|
| **4** | Водии кремнии Саксон дар Дрездени Олмон | - | дорои 2300 корхона ва зиёда аз 65 ҳазор коргар |
| **5** | Сассуоло дар минтақаи Эмилия-Романия дар Италия | - | 200 корхонаи кулолгарӣ ва 60% и тамоми корхонаҳои истеҳсолкунандаи давлат |
| **6** | BioM дар Мюнхени Олмон | 1997 | дорои зиёда аз 300 ширкат |
| **7** | Бостон, иёлоти Масачусетс (ИМА) | 1980 | зиёда аз 550 корхонаи биотехнологӣ |
| **8** | Agro Business Park дар Дания | 2009 | 75%-и муомилоти умумии махсулоти озуқаворӣ |
| **9** | Oxfordshire Bioscience дар Оксфорди Британияи Кабир | - | 400 ташкилоту корхонаҳои биотехнология ва тиб |
| **10** | BRAINPORT дар Эйндховени Нидерланд | 2000 | 14,5%-и ММД |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф бо истифода аз адабиёти [148]*

Кластер бо номи «Водии косметикӣ» дар Фаронса низ вучуд дорад. Дар ин водӣ 7 донишгоҳ, 136 коллеҷ, 200 лабораторияи илмӣ амал мекунанд. Даромади солона 11 миллиард евроро ташкил мекунад.

Кластер ба номи «Водии кремнии Саксон» дар Дрездени Олмон, ки дар он 2300 корхона фаъолият дорад, шумораи коргарони онҳо зиёда аз 65 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Дар минтақаи Эмилия-Романия дар Италия кластер бо номи «Сассуоло» амал мекунад. Дар он ҷо 200 корхонаи керамикӣ мавҷуд буда, 60% тамоми корхонаҳои истеҳсолкунандаи ватаниро ташкил медиҳад.

Дар Мюнхени Олмон кластер бо номи «BioM» фаъолият дошта, дар он ҷо 300 адад ширкат, 5 инкубатор ва зиёда аз даҳ муассиса бо биотехнология ва дорусозӣ машғуланд.

Шаҳри Бостони штати Массачусетс (ИМА) яке аз кластерҳои пешбари биотехнологӣ ба ҳисоб меравад. 40-% маблағҳоеро, ки дар ин соҳа аз тарафи ҳамаи ширкатҳои ИМА ҷамъ оварда шудаанд, дар бар мегирад.

Дар штати Массачусетс, то соли 2012 зиёда аз 550 корхонаҳои биотехнологӣ мавҷуд буд, ки дар он 56 462 нафар коргар кор мекарданд. Дар худи ҳамон сол ширкатҳои Массачусетс 838 миллион доллар фонди венчурӣ гирифтанд [149].

Кластери ба номи «Oxfordshire Bioscience» –и Оксфорди Британияи Кабир 400 ташкилоту корхонаро, ки ба биотехнология ва тиб махсус гардонида шудаанд, муттаҳид менамояд.

Кластер бо номи «BRAINPORT» дар Эйндховени давлати Нидерландия 14,5% ММД-ро ташкил карда, «муҳаррик»-и асосии иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад.

Кластерҳо имконият фароҳам меоранд, ки ҳамкории зичи давлат ва бахши хусусӣ пурра ба роҳ монда шуда, натиҷаҳои воқеӣ ба даст оварда шаванд. Дар бештари ҳолатҳо ин ҳамкориҳо барои такмили технологияҳо ва истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ мусоидат менамояд.

Кишварҳои мутараққӣ, ки сиёсати кластеронии иқтисодиёти худро қабул кардаанд, тавонистанд ба пешрафти илму техника ва тарҳрезони омилҳои асосии истеҳсолот такя намуда, афзоиши ММД–ро аз 75% сар карда, то 90% таъмин намоянд. Масалан, имрӯз ҳиссаи кластерҳо дар ММД-и ИМА (инчунин, дар водии Кремнии машҳур) тақрибан 60%-ро ташкил медиҳад. Дар се префектураи Ҷопон: Фукуи, Ишикава ва Тойяма зиёда аз 85% ҳаҷми наххҳои синтетикӣ аз ҷониби давлат истеҳсол карда мешавад [98, с. 413-436].

Дар бештари штатҳои Иёлоти Муттаҳида, дар асоси равиши кластерӣ бисёре аз минтақаҳои истеҳсоли молу хизматрасониҳо ба роҳ монда шудааст. Хусусиятҳои хоси кластерҳои амрикоӣ дар он аст, ки дар фаъолияти кластерҳо ба принсипи шарикӣ ва иштироки давлат алоқаманд мебошанд. Давлат тавассути низоми шартномавии федералӣ ба иштирокдорони кластер ба тариқи ройгон аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ захира (таҷҳизот, лабораторияҳо ва замин) медиҳад.

Водии Кремний мисоли равшани раванди кластерикунонӣ дар ИМА мебошад. Марказҳои татқиқотӣ ва сармояи венчурӣ ҳарчи бештар ширкатҳои навро ҷалб намуда, дар натиҷаи таъсири мутақобила ба раванди инноватсионӣ қувваи нав мебахшанд. Сеяки тамоми сармояи венчурии ИМА дар водии Кремний мутамарказ шудааст. Дар ҳудуди кластер ширкатҳои технологияи босуръатдошта, аз қабили Google, Intel, Oracle, марказҳои донишгоҳҳои Asus, Microsoft, Facebook, дар Стэнфорд ва Калифорния ҷойгир шудаанд.

Таъсис ва таҳкими кластерҳои инноватсионии минтақавӣ яке аз афзалиятҳои миллии Иёлоти Муттаҳида мебошад. Пешсафони ин самт шаҳри Калифорния, Массачусетс, Аризона, Коннектикут, Флорида, Миннесота, Огайо, Орегон, Каролинаи Шимолӣ, Вашингтон ва Мичиган мебошанд.

Дар ИМА аз ҳисоби буҷетҳои минтақавӣ барномаҳои дахлдор қабул гардида, мақомотҳои махсус таъсис дода шудаанд, ки аъзоёни кластер ва грантҳои давлатиро интихоб мекунанд. Дар маҷмуъ, раванди кластерикунонӣ дар асоси хамкории зич бо марказҳои машҳури илмӣ ва донишгоҳҳо сурат мегирад.

Кластерҳо, инчунин манбаъи гирифтани маблағҳои гуногунро доранд, аз ҷумла Департаменти тиҷорат, Департаменти меҳнат, Департаменти мудофиа, Идораи тиҷорати хурд ва дигар муассисаҳои давлатӣ. Ҳанӯз дар асри гузашта Иёлоти Муттаҳида як чаҳорчӯбаи мувофиқи ҳуқуқӣ ва инноватсиониро ба вуҷуд овард. Нуктаҳои асосӣ дар ин самт «Санади рушди инноватсионии тиҷорати хурд» (барномаи SBIR) 30 сол пеш қабул шуда, Санади рушди корхои тадқиқоти илмӣ ва кори таҷрибавию конструктории тиҷорати хурд (барномаи STTR) буданд, ки ин соҳаро рушд додаанд [97, с. 191-194].

Маркази дигари эътирофшуда кластери «128 Route» дар Бостон мебошад, ки дар Донишкадаи технологии Массачусетс воқеъ аст. Таҷаммуи биотехнология, технологияи тиббӣ ва ширкатҳои фармасевтӣ Бостонро ба бузургтарин маркази «life-science» дар ҷаҳон табдил додааст. Дар солҳои охир, шуъбаҳои минтақавии Вазорати тандурустии ИМА ба маблағи умумии 24,6 миллиард доллар барои рушди гранту лоиҳаҳо ҷудо мекунанд. Ин дар ҳаҷми умумии сармоягузории мустақим тақрибан 870 миллиард доллар мебошад, ки 2,8 %-ро ташкил медиҳад [124, с. 87-102].

Боз як кластери фармасевтӣ дар Каролинаи Шимолӣ ҷойгир аст, ки онро «Triangle Park» меноманд. Асоси технопаркро иншооти илмии Донишгоҳи Дюк ва Донишгоҳи Каролинаи Шимолӣ ташкил мекунанд. Дар он ҷо тақрибан 80 ширкат кор мекунад, ки шумораи умумии коргарони онҳо зиёда аз 10 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Дар Детройт дар асоси фаъолияти кластери автомобилӣ тақрибан се ширкати азим фаъолият менамояд: Форд, Ҷенерал Моторс ва Крайслер. Огайо ва Пенсилвания марказҳои энергетикӣ ба шумор меравад. Вашингтон дар соҳаи муҳандисии кайҳонӣ, Миннесота ва Флорида дар таҷҳизоти тиббӣ, Техас дар нимноқилҳо, Канзас дар химияи муосир мутахассисони олидараҷа доранд.

Дар охири асри XX дар Ҷопон кластерҳои минтақавӣ пайдо шуданд, ки саноат, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, илмӣ ва мақомотҳои давлатиро барои ҳамоҳангсозӣ ва баланд бардоштани сатҳи дониши мутахассисоне, ки дар лоиҳаҳои муҳимми иқтисодӣ иштирок намудаанд, муттаҳид мекард. Аз ҳамон вақт инҷониб, Ҷопон дар ҳар даҳсола барномаи рушди бонизоми кластерҳоро амалӣ месозад.

Дар ҷадвали зерин рейтинги шумораи кластерҳои давлатҳои рушдёфта оварда шудааст:

**Ҷадвали 1.8. Рейтинги мамлакатҳо аз рӯйи шумораи кластерҳои бомуваффақият рушдкунанда**

| № | Давлат | Шумораи кластерҳо | Ихтисоси асосӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | ИМА | 380 | Технологияи компютерӣ |
| 2 | Италия | 206 | Истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва истеҳсоли озуқаворӣ |
| 3 | Британия Кабир | 168 | Биотехнология ва биоресурсҳо |
| 4 | Ҳиндустон | 106 | Технологияи компютерӣ |
| 5 | Фаронса | 96 | Фармасевтика, косметика ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрока |
| 6 | Дания | 34 | - |
| 7 | Олмон | 32 | Саноати кимиё, мошинсозӣ |
| 8 | Лаҳистон | 61 | Сохтмон |
| 9 | Нидерландия | 20 | - |
| 10 | Финландия | 9 | - |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои [95, с.191-194]*

Дар Британияи Кабир сиёсати давлатӣ барои густариши раванди ҳамкориҳои мутақобилаи соҳаи илму маориф равона карда шудааст. Масалан, Маркази интиқоли технологияҳои Эдинбург ширкатҳои навтаъсисро тавассути ҳамкории содакардашуда байни лабораторияҳои донишгоҳ бо таҷҳизот таъмин мекунад. Илова бар ин, Маркази Эдинбург дар марҳилаи ибтидоии рушди

тиҷорат, ташкили машваратҳоро бо соҳибкорони ботаҷриба дастгирӣ мекунад [97, с.191-194].

Истеъмолкунандагони асосии маҳсулоти IT – технология ИМА (зиёда аз 60% ҳаҷми умумии содирот), кишварҳои Аврупо (зиёда аз 30%), Британияи Кабир (18%) ва Осиё (қариб 9%) мебошанд [124, с.87-102].

Дар Фаронса кластерҳои саноатӣ бештар паҳн шудаанд. Аз ҷониби давлат бо мақсади рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ барои таҳкими робитаи байни истеҳсолот ва донишгоҳҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Агентии миллии банақшагирии Фаронса кӯшиш менамояд, ки кластерҳоро, асосан дар соҳаи инноватсия ташкил намояд.

Аввалин маркази захиравӣ, ки ба атриёт ва косметика тахассус дорад, дар қаламрави Фаронса сохта шудааст. Ҳар 15-умин маҳсулоте, ки ҳоло дар бозори муосир фурӯхта мешавад, дар кластери «Cosmetic Valley» истеҳсол карда мешавад. Ин кластер зиёда аз 600 корхонаро дар бар мегирад, ки ба истеҳсоли косметика ва атриёт машғуланд. Ба ин кластер ҳамчунин 8 донишгоҳ, пажӯҳишгоҳи миллӣ ва беш аз 200 лабораторияи хусусӣ дохил мешаванд.

Барои аъзоёни кластер ҳамкорӣ бо ташкилотҳои тадқиқотӣ, таъминкунандагони коркардҳои инноватсионӣ ва ташкилотҳое, ки интиқоли технологияро амалӣ мекунанд, муҳим аст. Дар Олмон яке аз роҳҳои ҳамкории кластерҳо ва давлат ташкили озмунҳо доир ба лоиҳаҳои кластерӣ мебошад. Барои иштирок дар озмун лоиҳа бояд ба категорияҳои зерин ҷавобгӯ бошад: таҳияи маҳсулот ё усули нав, интиқоли ноу-хау аз як соҳаи технологӣ ба соҳаи дигар, ҳамкорӣ бо муассисаҳо.

Хусусияти фарққунандаи кластерҳо дар Ҷопон дар нақши пешбари як ё якчанд ширкатҳои пешрафта зоҳир мегардад, ки дар атрофи онҳо шабакаи ширкатҳои миёна ва хурд гирд омадаанд. Дар Ҷопон кластерҳоро бо мақсади рушди соҳаҳои муосири илмию техникӣ, аз қабили нанотехнология ва робототехника, биотехнология, муҳити зист ва биоинформатика таъсис медиҳанд.

Дар раванди таъсис ва рушди кластерҳо дар Чин се намуди ҳукумат иштирок мекунад: ҳукумати марказӣ, ҳукумати мунисипалитетҳо ва

минтақаҳои пешрафта. Бо ризоияти хукумати марказӣ хукумати мунисипалитет метавонад дар ҳудуди худ минтақаи рушди саноати технологияи баландро таъсис диҳад. Ҳукумати марказӣ ширкатҳоеро интихоб мекунад, ки сазовори чораҳои махсуси имтиёзнок мебошанд [97, с.191-194].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар айни замон пешрафти саноат назаррас аз хисоби кластерҳо ва шабакаҳои онҳо таъмин карда мешаванд.

Кластер ҳамчун ташкилоти шабакавии корхонаҳои аз ҷиҳати ҳудудӣ ба ҳам алоқаманд ва пурракунанда (аз ҷумла провайдерҳои махсусгардонидашуда, самти хизматрасонӣ, истеҳсолкунандагон ва харидорон) баррасӣ карда мешавад ва ҳамзамон бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо, минтақаҳо ва иқтисодиёти миллӣ дар атрофи як маркази илмию таълимӣ муттаҳид шуда, бо робитаҳои амудӣ бо муассисаҳо ва мақомоти маҳаллӣ алоқаманд мегарданд:

1. Дар ИМА кластерҳо нисбатан фаъолона дар соҳаҳои технологияҳои IT, мошинсозӣ, автомобилсозӣ биотехнология ва фарматсевтӣ бештар рушд кардаанд.

2. Дар Ҷопон кластерҳои нанотехнология, электроника, мошинсозӣ тараққӣ кардаанд, ки онҳо дар тамоми ҷаҳон маъруфият доранд. Технологияҳои пешрафта ва рушди онҳо асоси ташаккули кластерҳо гардиданд.

3. Дар Италия 206 кластер мавҷуд аст, ки ҳар кадоми он дар шароити имрӯза аҳаммияти калон дорад. Матоъ, пойафзол, косметика ва дорусозӣ кластерҳое мебошанд, ки маҳсулоти Италияро дар ҷаҳон машҳур месозанд.

4. Британияи Кабир бо кластерҳои IT дар байни кластерҳои беҳтарини ҷаҳон қарор доранд.

5. Кластерҳои фаронсавӣ дар тамоми ҷаҳон маълуманд, зимнан кластери маҳсулоти косметикӣ аз маъруфияти бештар бархурдор аст. Маҳсулоти косметикии фаронсавӣ, бешубҳа, маҳсулоти баландсифат ва беҳтарин дар ҷаҳон аст.

6. Дар асри XXI иқтидори IT Ҳиндустонро дар тамоми ҷаҳон маъруф сохтааст. Беҳтарин барномасозон дар Ҳиндустон мебошанд ва метавонанд

пешрафти хеле босуръати технологӣ, инчунин ҳифзи боэътимоди иттилотро аз ҳама гуна хакерҳо таъмин кунанд.

7. Кишвари Чин аз рӯйи гуногунӣ, миқёс, сифат ва эътимоднокии ҳама кластерҳои глобалӣ дар ҷаҳон пешсаф мебошад. Бо итминони комил метавон гуфт, ки мамлакат худро ҳамчун таҳвилгари бенуқсони маҳсулот муаррифӣ кардааст ва истеҳсолоти муосирро бе кластерҳои Чин тасаввур кардан амалан имконнопазир аст.

Ҳоло тақрибан 50 дарсади иқтисодиёти кишварҳои пешрафта системаҳои кластериро фаъолона инкишоф дода истодаанд, ки ҳамчун омили рушди иқтисодӣ эътироф шудаанд.

Дар соҳаи кластерикунонӣ пешқадамтарин кишвар ИМА мебошад ва аз рӯйи шумораи кластерҳо 380 ададро ташкил менамояд, ки ин зиёда аз нисфи корхонаҳоро муттаҳид намуда, 60 фоизи ММД-ро истеҳсол мекунад. Дар Итолиё бошад, дар 206 кластерҳои саноатӣ 43 фоизи ҳамаи коргарони ин соҳа кор мекунанд. Корхонаҳое, ки ба кластерҳо ворид мебошанд, зиёда аз 30% содироти кишварро таъмин менамоянд. Дар Чин зиёда аз 60 кластерҳои махсус ҳастанд, ки тақрибан 30 ҳазор корхонаҳоро якҷоя месозанд. Дар он ҷо 3,5 млн нафар коргарон кор мекунанд ва онҳо дар як сол ба маблағи тақрибан 200 миллиард доллар маҳсулот мефурӯшанд.

Таҳлили тамоюли рушди кластерҳо дар Ӯзбекистон дар солҳои 2018-2022 аз ҷониби коршиносони Институти пешгӯӣ ва тадқиқоти макроиқтисодӣ (ИПТМ) гузаронида шудааст.

Таҷрибаи давлатҳои пасошуравӣ нишон медиҳад, ки корхонаҳои агросаноатиеро, ки онҳо аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ва истеҳсоли маҳсулот ба ҳамдигар наздиканд, дар кластери саноати сабук муттаҳид сохтан мувофиқи мақсад аст. [92, с.35]. Дар панҷ соли охир дар Ӯзбекистон 506 кластер таъсис дода шуд. Дар моҳҳои январ-декабри соли 2022 онҳо ба маблағи 28,7 триллион сӯм маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карданд. Дар давоми панҷ сол хаҷми истеҳсоли маҳсулот 32 баробар афзудааст. Ҳаҷми сармоягузорӣ ба рушди кластерҳо дар ин давра 5,2 баробар ва шумораи кормандон ба 2,5 баробар зиёд гаридааст. Ҳиссаи кластерҳо дар ҳаҷми умумии содироти маҳсулоти саноатӣ соли 2019 5% ва соли

2022 11,4% -ро ташкил кардааст [143, с.3]. Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷорӣ намудани низоми кластерӣ, хусусан дар истеҳсоли пахта, зироатҳои ғаллагӣ ва соҳаи боғдорӣ, инчунин дар дигар соҳаҳои кишоварзӣ аҳаммияти махсус дорад. Алҳол дар Ӯзбекистон дар соҳаи саноати коркард шумораи кластерҳо (саноати бофандагӣ) ба 75 адад расидааст.

Таҳлили гузаронидашуда аз самаранокии баланди ташкили раванди кластерҳо дар саноат шаҳодат медиҳад.

Муҳити сармоягузорӣ низ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон бисёр ҳам мусоид буда, барои сармоягузорони хориҷӣ имтиёз ва низоми васеи кафолатҳои ҳуқуқӣ пешниҳод гардидаанд ва низоми умумии тадбирҳо оид ба ҳавасмандкунии фаъолияти корхонаҳо бо сармоягузорони хориҷӣ роҳандозӣ шудаанд. Ба пешравиҳо дар ин соҳа нигоҳ накарда, ширкатҳои хориҷӣ бо Ӯзбекистон дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ ҳамкории зич доранд.

Бояд қайд намуд, ки барои ташкил намудани кластерҳои босамар шартҳои муҳим талаб карда мешаванд. Масалан, яке аз он шартҳо, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон корхонаҳое вучуд доранд, ки дар бозорҳои ҷаҳонӣ бо соҳаҳои марбут рақибанд. Чунин корхонаҳо барои рушди кластерҳои босамар аз ҷиҳати маблағгузорӣ ба тадқиқотҳои илмӣ ва коркарди техника, ҳамкории мутақобила барои дастрасӣ намудан ба технологияҳои муосир бо шарикҳои хориҷӣ ва иштирок дар тақсими бозори меҳнат мусоидат мекунанд. Дар умум, ҳоло дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешравӣ дар самти табдилёбии соҳаҳо ба ширкатҳо, яъне корпоратсияҳои калони миллӣ дида мешавад, ки онҳо метавонанд, рақобатпазирии умумии иқтисодиёти миллиро таъмин намоянд.

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷорӣ намудани низоми кластерӣ, хусусан дар истеҳсоли пахта, ғалла ва соҳаи боғдорӣ, инчунин дар дигар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ аҳаммияти калон дорад.

Дар асоси таҷрибаи хориҷӣ равиши кластерӣ ҳамчун сиёсати баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт эътироф шудааст. Равиши кластерӣ як технологияи нави баланд бардоштани рақобатпазирӣ буда, як қатор вазифаҳои муҳимро пеш мебарад, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ,

таҳкими рақобатпазирии корхонаҳои воқеъ дар минтақа, нигоҳ доштани фазои самарабахши соҳибкорӣ ва ғайра.

Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, кластерикунонӣ на танҳо ҳамчун воситаи ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати саноатӣ (баланд бардоштани рақобат, таҳкими инноватсия ва ғ.), балки воситаи тавонои ҳавасмандгардонии рушди минтақавӣ низ мебошад. Дар баробари ин, бояд ба назар гирифт, ки дар ҳар як давлати алоҳида кластерҳо хусусият, вижагиҳои ташкил ва фаъолияти худро доранд. Вобаста ба ин, дар ташаккули кластерҳо ҳангоми омӯзиши имкониятҳои истифодаи таҷрибаи хориҷӣ хусусиятҳои сатҳи минтақавӣ ва миллӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ба мо имкон медиҳад, ки ҳангоми ташаккул ва рушди шаклҳои кластерӣ бояд хусусияти рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, иқтидори демографӣ, захираҳои табиӣ ва инфрасохтории он баҳо дода шавад. Оид ба муайян намудани соҳаҳои афзалиятноки саноат, ки метавонанд ҳамчун кластерҳои муваффақ дар минтақа амал кунанд, эътибор додан лозим аст. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус вилояти Суғд истифода бурдани таҷрибаи кишварҳое чун Италия, Қазоқистон, Русия ва як қатор давлатҳои Осиё, ки дар онҳо қувваи кории арзон, инфрасохтори ибтидоӣ ва имконияти ғании захираҳои табиӣ мавҷуд буда, рушди нисбии асосҳои институтсионалии ташаккули кластерҳо нишон дода шудааст.

Дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Қазоқистон ташаббуси кластерӣ соли 2004 дар доираи лоиҳаи «Диверсификатсияи иқтисодиёти Қазоқистон тавассути рушди кластерҳо дар соҳаҳои на дар бахшҳои ашёи хом» оғоз гардид. Ҳукумати Қазоқистон 7 бахшро, ки дар оянда ҳамчун кластерҳои асосӣ баррасӣ шудаанд, ҷудо намудааст: металлургӣ (Қазоқистони Марказӣ), мошинсозии нафтугаз (Қазоқистони Ғарбӣ), бофандагӣ (Қазоқистони Ҷанубӣ), саноати хӯрокворӣ (кишоварзӣ), истеҳсоли маҳсулоти сохтмон (вилояти Олмаата), сайёҳӣ (Олмаата), нақлиётӣ-логистикӣ (долони нақлиётӣ байни Хитой ва Аврупо). Дар Ҷумҳурии Қазоқистон намунаҳои равиши кластерӣ дар соҳаи саноати коркард бисёр мебошанд, ки яке аз онҳо ширкати «Казахмис» аст. Он

бо истеҳсоли мис машҳур аст. Инчунин, дар ин кишвар заводҳои мошинсозӣ низ фаъолият менамоянд, ки онҳо баъзе аз маснуоти ёрирасон ва механизмҳоро истеҳсол менамоянд.

Дар таҷрибаи иқтисодии Ҷумҳурии Қазоқистон 2 намуди кластерҳоро ҷудо намудан мумкин аст: дар асоси истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва пурзуркунии иқтисодиёт, ин масъалаи бисёр ҳам мубрам ба ҳисоб рафта, имконияти қобили на ҳама кишварҳои бузурги ҷаҳонӣ қобили қабул аст. Дар ҷараёни ташкили кластерҳои соҳавӣ ба инобат гирифтани таҷрибаҳои кишварҳои ҳамсоя мувофиқи мақсад аст. Бо ин мақсад беҳтар мешавад, ки мутахассисони варзидаро барои омӯзиш ба давлатҳои ҳамсоя барои таҷрибаомӯзӣ равона карда шавад.

Ҳангоми омӯзиши таҷрибаи давлатҳои гуногун мо метавонем, кластерҳоро ба ду равияе, ки дар сиёсати муосири кластерикунонӣ мавҷуд аст, ҷудо намоем: болораванда ва пастраванда. Равияи болораванда дар таъмини самарабахши фаъолияти бозор ва барҳамдиҳии камбудиҳои он равона карда шудааст. Равияи пастраванда бошад, ташаббусҳои бозор, ки дар он ҳукумати давлатӣ ҳамчун танзимгар ва ёридиҳанда баромад мекунад, аммо афзалиятҳои миллию минтақавиро маҳдуд наменамояд, аст.

Чунин равияро Нидерландия ва ИМА интихоб намудааст. Дар Нидерландия барномаи «Технология дар ҷамъият» фаъолият мебарад, ки он дар сатҳи истифодабарии технологияҳои муосир ва муаммоҳои иҷтимоӣ равона карда шудааст.

Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо сиёсати кластерӣ бисёр ҳам пеш рафтааст, таҷрибаи ин кишварҳо барои баланд бардоштани рақобатпазирии занҷирҳои технологӣ ва дар тамоми минтақа нақши муҳимро мебозад. Кластери бо номи «The software –Cluster» дар Олмон вуҷуд дошта, дар соҳаи таъмини барномасозӣ намунаи пешсаф кластери аврупоӣ ба ҳисоб меравад [46, с.10-14].

Аз ин рӯ, ҳар як давлат муносибатҳои худро оид ба ташаккули кластерҳо ва идоракунии онҳо муайян намуда, фаъолияти мақомоти давлатиро, ки барои татбиқи стратегияи миллӣ оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа кӯшиш менамоянд, роҳандозӣ мекунад.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳанд, ки кластерикунонӣ боиси баланд шудани самаранокӣ ва ҳосилнокии меҳнат дар иқтисодиёт мегардад. Дар соҳаҳои саноат кластерикунонӣ имконият медиҳад, ки аз истеҳсоли ашёи хом то маҳсулоти тайёр як силсилаи мукаммали истеҳсолӣ ба вуҷуд оварда шавад, инчунин соҳаҳои илм, савдо ва логистикаро дар як низом муттамарказ гардонад.

# БОБИ 2. ҲОЛАТ, ТАМОЮЛ ВА МЕХАНИЗМИ РУШДИ КЛАСТЕРИКУНОНӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ВИОЯТИ СУҒД

## 2.1. Тавсифи умумии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии вилояти Суғд: тамоюлот ва муаммоҳо

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз минтақаҳое, ки аз ҷиҳати ҳам иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоӣ рушд ёфтааст, вилояти Суғд ба ҳисоб меравад. Маркази вилояти Суғд шаҳри Хуҷанд мебошад. Масоҳати он 25,2 ҳазор километри мураббаъро ташкил медиҳад. Аҳолии вилояти Суғд 1-уми январи соли 2024 2917,3 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Дар вилоят ҳамагӣ 1105 корхонаҳои саноатӣ фаъолият мебаранд. Таносуби ҳаҷми маҳсулоти саноатии вилояти Суғд ба ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ соли 2023, 55,9%-ро ташкил намудааст. Соли 2023 барои рушди иқтисодиёти вилоят ҳамагӣ ба маблағи 3728,5 млн. сомонӣ сармоягузорӣ карда шудааст.

Дар доираи омодагиҳо бахшида ба истиқболи 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 ҳамагӣ 166 корхонаву коргоҳи нав бо 2060 ҷойҳои нави корӣ ба фаъолият дода шудаанд. Соҳаи кишоварзӣ низ дар вилоят рушд ёфта, соли 2024 ҳамагӣ ба маблағи зиёда аз 22,3 млрд сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол карда шудааст.

Чунон ки аз нишондодҳо маълум аст, вилояти Суғд дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимро мебозад. Нуфузи иқтидори саноатӣ ва аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд баланд мебошад.

Дар вилояти Суғд рушди саноати коркарди кӯҳӣ, махсусан коркарди металлҳои ранга ва нодир дида мешавад. Дар вилояти Суғд корхонаҳои коркарди тилло, нуқра, сурб, руҳ, ангишт, санги хоро, мармар, гаҷ, қуми кварсдор ва дигар манбаъҳои табиӣ вуҷуд доранд.

Инчунин, барои боз ҳам рушд ёфтани вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд дар асоси ҳадаф ва афзалиятҳои ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар (Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030) тартиб дода шуда, тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми майи соли 2019, №181 «Дар бораи Тартиби таҳияи барномаҳои рушди

иҷтимоию иқтисодии маҳалҳо» - Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025 таҳия гардидааст.

Дар барномаи мазкур якчанд ҳадаф ва мақсадҳо барои ноилшавӣ ба рушди иқтисодиёт замима карда шудаанд. Инчунин. дар барнома чунин омадааст: «Вилояти Суғд дар марҳилаи минбаъда локомотиви соҳаи саноати ҷумҳурӣ боқӣ монда, дар баробари ин, иқтидорҳои мавҷуда имконият медиҳанд, ки дар он рушди соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ, аз ҷумла саноати коркарди маъданҳои кӯҳӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ, саноати масолеҳи сохтмонӣ, соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт, савдою хизматрасонӣ ва туризм таъмин гардад. Рушди бомурури соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки шароити мусоид барои зиндагии сазовору бехатари мардум фароҳам гардида, сатҳи некӯаҳволии аҳолии вилоят баланд бардошта шавад» [1, с.5].

Дар татбиқ намудани равишҳои кластерӣ шартҳои муайяни пешакӣ мавҷуданд: мавҷудияти захираҳои бойи табиӣ, пояи инкишофёфтаи қонунгузорӣ, захираҳои меҳнатӣ, рушди босуботи иқтисодиёт, стратегияҳои тасдиқшуда ва амалкунанда, бозори хизматрасониҳои молиявӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Ҳангоми ташаккули кластерҳо пеш аз ҳама вазъи муосири соҳаеро, ки ҳамчун объекти кластеркунонӣ интихоб мегардад, баррасӣ ва таҳқиқ кардан зарур аст. Зеро дар асоси он заминаҳои ташаккули кластерҳо муайян хоҳад гардид. Вале сухани аввал оид ба вазъи иқтисодии вилояти Суғд дар хоҷагии миллӣ арзёбӣ мегардад. Чунин нишондиҳандаҳои умумии иқтисодӣ ба тараққиёти истеҳсоли миллӣ оварда мерасонад.

Гуфтан бамаврид аст, ки маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) яке нишондиҳандаҳои муҳимтарин дар иқтисодиёт ба шумор меравад. ММД - ин натиҷаи ниҳоии фаъолияти истеҳсолии воҳидҳо-намояндаҳои иқтисодиро, чи дар соҳаҳои истеҳсоли неъматҳои моддӣ, чи дар соҳаҳои хизматрасонии ғайримоддӣ тавсиф мекунад, ин бо арзиши молҳо ва хизматрасонӣ, ки воҳидҳои иқтисодӣ барои истифодаи ниҳоӣ истеҳсол кардаанд, чен карда мешавад. Вай дар худ ҷамъи маблағи арзиши изофаи соҳаҳоро бо нархҳои

асосӣ, ҳамчунин андозҳои холис аз маҳсулотро инъикос мекунад. Дар ҷадвали зерин маҷмуи маҳсулоти минтақа (ММM) дар ҳар минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Инчунин, дар ҷадвал ҳиссаи ҳар як минтақа нисбати ҷумҳурӣ оварда шудааст, ки аз ин маълум мегардад, ки ҳиссаи ҳар як минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуи маҳсулоти минтақа чӣ қадар аст?

**Ҷадвали 2.1 – Таҳлили маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | 2005 | | 2015 | | 2022 | | 2023 | | 2024 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Номгӯй | млн смн. | % | млн смн. | % | млн смн. | % | млн смн. | % | млн смн. | % |
| ММM | 6 878,2 | 100 | 43 745,9 | 100 | 108 831 | 100 | 111 006,6 | 100 | 146111,7 | 100 |
| ВМКБ | 160,0 | 2 | 716,8 | 1,6 | 1 365,3 | 1,3 | 1 392,6 | 1 | 2501,9 | 2 |
| в. Суғд | 1 764,5 | 26 | 12 036,9 | 27,5 | 31 939,2 | 29,3 | 32 577,0 | 29 | 42433,3 | 29 |
| в. Хатлон | 1 805,5 | 26 | 12 855,2 | 29,4 | 33 832,1 | 31,1 | 34 508,7 | 29 | 42803,6 | 29 |
| ш. Душанбе | 1 479,6 | 22 | 10 546,4 | 24,1 | 22 520,7 | 20,7 | 22 971,1 | 21 | 31255,7 | 21 |
| Н. Т.Ҷ. | 1 668,6 | 24 | 7 590,6 | 17,4 | 19 173,7 | 17,6 | 19557,17 | 19 | 27117,2 | 19 |

*Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маводҳои оморӣ [8, с. 248]*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи маҳсулоти минтақа сол аз сол афзуда истодааст. Соли 2005 ММM дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 6878,2 млн сомонӣ ва соли 2023, ба 111 006,6 млн сомонӣ баробар шудааст. Ин нишондиҳанда тӯли 17 сол 15 маротиба зиёд шудааст ва аз ин натиҷа маълум мегардад, ки вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ сол то сол беҳтар шуда истодааст. Аз рӯйи маълумотҳои дар ҷадвал мавҷудбуда гуфтан мумкин аст, ки ҳиссаи маҳсулоти маҳсулоти овардашудаи шаҳру ноҳияҳои кишвар дар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ баробар нест. Вилояти Хатлон тӯли солҳои 2005-2024 ҳиссаи зиёди маҷмуи маҳсулоти минтақавиро дар ҷумҳурӣ ташкил мекунад. Соли 2005 ҳамагӣ 26,2% маҷмуи маҳсулоти минтақаро дар ҷумҳурӣ ташкил карда, дар соли 2022 бошад, он 31,1%-ро ташкил кардааст. Тӯли 17 сол ин нишондиҳанда тақрибан 5% афзудааст.

Дар ВМКБ маҷмуи маҳсулоти минтақа аз рӯйи маълумотҳои дар ҷадвал овардашуда, гуфтан мумкин аст, ки соли 2005 ин нишондиҳанда ба 160,0 млн сомонӣ баробар буда, ҳар сол мунтазам афзоиш ёфта истодааст. Соли 2024 ин нишондиҳанда ба 2501,9 млн сомонӣ баробар шудааст.

Вилояти Суғд яке аз минтақаҳои саноатӣ ба ҳисоб меравад ва дар ин ҷо нишондиҳандаҳои хуби макроиқтисодӣ дида мешаванд. Соли 2005 маҷмуи маҳсулоти минтақа ба 1764,5 млн сомонӣ баробар буд. Соли 2010 ба 5716,2 млн сомонӣ, соли 2015 ба 12036,9 млн сомонӣ, соли 2016 ба 14654,8 млн сомонӣ, соли 2017 ба 17510,7 млн сомонӣ, соли 2020 ба 21621,9 млн сомонӣ ва соли 2023, ба 32 577 млн сомонӣ баробар гардидааст. Ба ин маълумотҳо назар карда, гуфтан мумкин аст, ки аз соли 2005 то соли 2022, яъне байни 17 сол маҷмуи маҳсулоти минтақа дар вилояти Суғд ба ҳаҷми 308125,5 млн сомонӣ афзудааст. Агар аз рӯйи ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ дар ҷумҳурӣ нигарем, вилояти Суғд ҷойи 2-юмро баъди вилояти Хатлон ишғол мекунад. Соли 2005 ҳамагӣ 25,7% ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти минтақаро дар ҷумҳурӣ ташкил карда, соли 2024 бошад, 29%-ро ташкил менамояд.

Ҳангоми гузаронидани тадқиқот дар вилояти Хатлон сол то сол зиёд шудани маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ маълум гардида, қисми зиёди маҷмуи маҳсулоти минтақаро дар ҷумҳурӣ вилояти Хатлон ташкил мекунад. Соли 2005 ин нишондиҳанда ба 1805,5 млн сомонӣ баробар буда, соли 2024 ба 42803,6 млн сомонӣ баробар шудааст. Аз ин бармеояд, ки тӯли ин солҳо ин нишондиҳанда 18 маротиба афзудааст.

Шаҳри Душанбе низ доир ба афзудани маҷмуи маҳсулоти минтақа мавқеи муайянро ишғол менамояд, ки аз рӯйи ҳисса тақрибан 21-23% маҷмуи маҳсулоти минтақаро ташкил менамояд. Соли 2010 маҷмуи маҳсулоти минтақа дар шаҳри Душанбе 5201,5 млн сомонӣ ва дар соли 2022 ба 22520,7 млн сомонӣ баробар шудааст. Солҳои 2017-2018 афзоиши ин нишондиҳанда назаррас буда, нисбат ба соли 2005 ба 12328,4 млн сомонӣ афзудааст.

Дар расми зерин ҳиссаи ҳар як минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.




**Расми 6. Ҳиссаи МММ дар минтақаҳои Ҷумурии Тоҷикистон**

Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ доир ба маҷмуи маҳсулоти минтақа ҳиссаи назаррасро ишғол менамоянд. Соли 2010 дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ маҷмуи маҳсулоти минтақа ба 4481,9 млн сомонӣ баробар буда, соли 2022 ба ҳаҷми 19173,7 млн сомонӣ афзудааст. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз рӯйи ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди вилояти Суғд ҷойи 3-юмро ишғол менамояд. Соли 2010 ин нишондиҳанда ба 20,1% баробар буда, дар соли 2022 он ба 17,6 % баробар гаштааст. Аз ин бармеояд, ки тӯли солҳои 2010-2022 ҳиссаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ кам шуда истодааст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин қисми ҷудонашавандаи саноати кишвар ба ҳисоб меравад. Ин соҳа дар худ соҳаҳои саноати сабук, хӯрокворӣ, комплексҳои сӯзишворию энергетикӣ, истихроҷи маъдан, кимиёвӣ, мошинсозию электротехникӣ ва истеҳсоли масолеҳи сохтмониро дар бар мегирад.

Соҳаи саноат дар худ саноати истихроҷ, коркард, истеҳсоли нерӯи барқ, газ ва обро дар бар мегирад. Маҳсулоти саноатӣ ва соҳаҳои алоҳидаи он ҳамчун маҷмуи ҳаҷми маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ муайян карда мешаванд. Истеҳсоли маҳсулоти саноат бо ифодаи аслии (натуралӣ) маҳсулот, одатан, аз рӯйи истеҳсоли умумии маҳсулот, яъне аз ҷумла аз рӯйи маҳсулоти ба эҳтиёҷоти дохилии саноатию истеҳсолии ҳамон корхона сарфшуда нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.2. Таҳлили шумораи корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳиссаи он дар вилояти Суғд**

| | солҳо | 2016 | 2018 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи корхонаҳо, воҳид** | **дар ҷумҳурӣ** | 2043 | 2161 | 2283 | 2397 | 2802 | 2797 | 3779 |
| | **дар вил. Суғд** | 604 | 633 | 639 | 733 | 860 | 1105 | 1230 |
| | **ҳисса дар вил. Суғд %** | 30 | 29 | 28 | 31 | 31 | 40 | 33 |
| **Ҳаҷми маҳсулот (млн сомнӣ)** | **дар ҷумҳурӣ** | 19650 | 26362 | 32467 | 39221 | 43025 | 46857 | 53873 |
| | **дар вил. Суғд** | 9113 | 12690,7 | 16384,1 | 21282,9 | 24326,3 | 26188,1 | 30499,4 |
| | **ҳисса дар вил. Суғд %** | 46 | 48 | 50 | 54 | 57 | 56 | 57 |
| **Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ, ҳаз. наф.** | **дар ҷумҳурӣ** | 80,9 | 85,6 | 84,3 | 85,3 | 86,3 | 87 | 92,8 |
| | **дар вил. Суғд** | 30,1 | 28,3 | 33,2 | 32,5 | 32,7 | 32,9 | 36,3 |
| | **ҳисса дар вил. Суғд %** | 37 | 33 | 39 | 38 | 38 | 38 | 39 |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф бо истифода аз маълумотҳои [9, с. 178]*

Аз маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардид, ки дар соҳаи саноати вилояти Суғд айни замон, ҳамагӣ 1121 корхона фаъолият мебаранд, ки аз ин миқдор 38 адад хусусияти хизматрасонии саноатиро доранд. Дар семоҳаи якуми соли 2024 дар вилояти Суғд корхонаҳои саноатӣ якҷоя бо соҳибкорони инфиродӣ ба маблағи 6 миллиарду 084,4 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки ҳаҷми истеҳсол нисбати ҳамин давраи соли қаблӣ бо дарназардошти индекси нархҳо 106 %-ро ташкил кардааст.

Аз рӯйи маълумотҳои оморӣ маълум мешавад, ки дар ҷумҳурӣ сол аз сол шумораи корхонаҳои саноатӣ зиёд шуда истодааст. Ба маълумотҳо нигарем соли 2016 дар ҷумҳурӣ шумораи корхонаҳои саноатӣ ба 2043 адад баробар буда, аз он 604 ададашон дар вилояти Суғд ҷойгир мебошанд. Соли 2024

бошад, шумораи корхонаҳои саноатӣ дар ҷумҳурӣ 3779 ададро ташкил карда, аз он 1230 ададашон дар вилояти Суғд мавҷуданд. Маълум гаштааст, ки аз соли 2016 то соли 2024 дар ҷумҳурӣ шумораи корхонаҳои саноатӣ 1736 адад зиёд гашта, суръати афзоиши он ҳамагӣ 45%-ро ташкил намудааст. Дар вилояти Суғд бошад, шумораи корхонаҳои саноатӣ дар байни ин солҳо 626 адад зиёд шудааст, ки суръати афзоиши он ҳамагӣ 50%-ро ташкил намудааст.

Аз рӯйи маълумотҳои дар ҷадвал буда, гуфтан мумкин аст, ки ҳиссаи шумораи корхонаҳои саноатӣ дар вилояти Суғд нисбат ба ҷумҳурӣ дар шароити нисбатан хуб қарор дорад. Масалан, соли 2016 ҳиссаи он 30%-ро ташкил карда бошад, соли 2024 он ба 33% баробар шудааст. Солҳои 2018 ва 2020-ум он 29% ва 28%-ро фаро гирифтааст.

Дар ҷадвали 2.2 ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар вилояти Суғд бо ҳиссааш дар тафовут нисбат ба ҷумҳурӣ низ оварда шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016 ҳаҷми маҳсулот ба 19650 млн. сомонӣ ва соли 2024 ба 53873 млн сомонӣ зиёд гаштааст, аз ин бармеояд, ки дар байни ин солҳо ин нишондиҳанда ба 23375 млн сомонӣ зиёд шудааст. Дар вилояти Суғд ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ соли 2016 ба 9113 млн сомонӣ, ки ҳиссаи он нисбат ба ҷумҳурӣ ба 46% баробар буда, соли 2024 ин нишондиҳанда ба 30499,4 млн сомонӣ, ки ҳиссаи он нисбат ба ҷумҳурӣ ба 57% аст, баробар гаштааст. Афзоиши ҳаҷми маҳсулот дар вилояти Суғд дар 6 соли охир ба ҳаҷми 21386,4 млн сомонӣ зиёд шуда, суръати афзоиши он ба 70% баробар аст.

Дар ҷадвали поён суръати афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, дар солҳои 2016-2024 соҳаҳои алоҳидаи он дар минтақаи вилояти Суғд оварда шудааст. Ҳамагӣ суръати афзоиши саноат соли 2016 нисбат ба соли гузашта дар вилояти Суғд ба 135,3% ва соли 2024 ин нишондиҳанда ба 118,7% баробар гаштааст. Аз он ҷумла, саноати истихроҷ соли 2016 162,1% ва соли 2024 ба 147,6% баробар шудааст. Саноати коркард бошад, соли 2016 ба 128, 8% ва соли 2024 ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2022 ба 36,4% зиёд шудааст. Суръати афзоиши истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об соли 2017 нисбат ба соли 2016 ба 96,3% афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда соли 2024 нисбат ба соли 2023 ба 5,5 % зиёд гаштааст.

**Ҷадвали 2.3 – Суръати афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ (бо ҳисоби % нисбат ба соли гузашта)**

| Номгӯй | 2016 | 2017 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ: саноат | 135,3 | 131,5 | 111,2 | 116,1 | 129,9 | 114 | 109 | 118,7 |
| аз он ҷумла с. истихроҷ | 162,1 | 130,7 | 99,8 | 72,4 | 149,2 | 111,2 | 111 | 147,6 |
| с. коркард | 128,8 | 129,9 | 126,8 | 127,1 | 109,5 | 121,4 | 109,2 | 104,2 |
| с. истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об | 96,3 | 125,4 | 106,2 | 109,3 | 113,1 | 126 | 107,1 | 112,6 |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф бо истифода аз маълумотҳои [9, с. 179]*

Мусаллам аст, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, таъмини ҳадафи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне таъмини амнияти озуқаворecho кишвар аз сатҳи рушди ҳамин соҳа вобастагии калон дорад. Дар робита ба ин, дар соҳаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд қонун, стратегияҳои давлатӣ, санадҳои меъёрӣ мураттаб гардида, дар амал татбиқ шуда истодаанд. Инчунин, дар ин соҳа вилояти Суғд дастовардҳои назаррасро доро мебошад. Дар вилояти Суғд ба ҳолати 1-уми апрели соли 2023 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба маблағи 1047,4 млн сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол карда шуд, ки суръати афзоиш нисбати ҳамин давраи соли гузашта 107,3 фоиз таъмин гардид. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводорӣ 1021,9 млн сомонӣ ва растанипарварӣ 25,5 млн сомониро ташкил намуда, суръати афзоиш мутаносибан 105% ба 9,6 баробарро дар бар гирифт [152]. Дар ҷадвали поёнӣ оид ба вазъи кишоварзӣ дар вилояти Суғд маълумот оварда шудааст:

**Ҷадвали 2.4 - Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи кишоварзии вилояти Суғд**

| Номгӯй/ солҳо | 2017 | 2019 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Хоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ, воҳид | 1883 | 1560 | 1480 | 1563 | 1529 | 1505 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ, воҳид | 61591 | 65174 | 65543 | 66603 | 67294 | 67715 |
| Маҳсулоти умумии кишоварзӣ, млн. сомонӣ | 12624,5 | 14225,6 | 14203,9 | 16068,8 | 18495,5 | 22387,9 |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф бо истифода аз маълумотҳои [9, с. 182]*

Дар ҷадвали зикргардида нишондиҳандаҳои асосии соҳаи кишоварзии вилояти Суғд солҳои 2017-2024 оварда шудаанд, ки инҳо: ҳоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва маҳсулоти умумии кишоварзӣ ба ҳисоб мераванд. Аз рӯйи ин нишондиҳандаҳо маълум мегардад, ки дар вилояти Суғд соли 2017 ҳамагӣ 1883 воҳид хоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ вуҷуд доштанд. Соли 2024 бошад, ин нишондиҳанда ба 1529 воҳид расидааст, дар тӯли 6 соли охир хоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ ба 354 воҳид кам гаштааст.

Агар дар давоми солҳои баррасишаванда нигоҳ кунем, хоҷагии давлатии кишоварзӣ коҳиш ёфта истодааст. Аммо нишондиҳандаҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад, баръакс афзудааст. Соли 2017 хоҷагиҳои деҳқонӣ ба 61591 адад баробар гардида, дар давоми солҳои 2017-2024 он афзудааст. Соли 2023, ин нишондиҳанда ба 67715 адад баробар гаштааст, ки суръати афзоиши он ба 109% рост меояд. Маҳсулоти умумии кишоварзӣ бошад, тӯли солҳои баррасишаванда ба таври назаррас афзудааст. Агар ба соли 2017 назар афканем, ин нишондиҳанда ба 12624,5 млн сомонӣ баробар буда, соли 2023 ба 18495,5 млн сомонӣ баробар гаштааст. Аз ин бармеояд, ки маҳсулоти умумии кишоварзии вилояти Суғд соли 2024 назар ба дигар солҳо зиёд шудааст, яъне назар ба соли 2021 1,4 маротиба афзудааст. Аз рӯи ин таҳқиқотҳо гуфтан мумкин аст, ки соҳаи кишоварзии вилояти Суғд дар сатҳи рушдёбӣ қарор дорад.

Дигар соҳае, ки ба рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа таъсиррасон аст, ин соҳаи маориф мебошад, ки он соҳаи афзалиятнок ва тақдирсози ҳаёти ҷомеа, ояндаи ҳар як миллат ва кишвар ба шумор меравад. Зеро рушди ҳар як миллату пешрафти ҷомеаро бидуни рушди соҳаи маориф, яъне тараққиёти ҳамаҷонибаи илм ва таълим тасаввур карда намешавад.

Моҳҳои январ-ноябри соли 2024 дар вилояти Суғд 73 иншооти соҳаи маориф бо 10745 ҷойҳои нишаст дар як баст ба фаъолият шуруъ намуда, аз ҷумла, дар назди 65 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ 331 синфхонаи иловагӣ бо 9365 ҷойи нишаст, 7 толори варзишӣ, 13 майдончаи варзишӣ ва 8 бинои муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо 1380 ҷойи нишаст ба истифода дода шуданд [152].

Чунон ки ба ҳамагон маълум аст, яке аз самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии кишвар ин таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин боиси зикр аст, ки бо ташаккули кластерҳо имконияти таъмини аҳолӣ бо шуғли пурмаҳсул афзоиш меёбад, зеро сатҳи баланди маҳсулнокии меҳнат дар кластерҳо имконияти афзоиш додани музди меҳнатро медиҳад. Дар ин ҷо мехостем, ду сухан оид ба вазъи музди меҳнат дар минтақаи вилояти Суғд истода гузарем.

Ба ҳисоби миёна музди моҳонаи кормандон дар вилояти Суғд дар соли 2024 дар умум 2148,16 сомониро ташкил кардааст, ки нисбат ба давраи қаблӣ 272,43 сомонӣ зиёд аст. Дар ин самт барои баланд бардоштани шуғли аҳолӣ дар вилоят бисёр корҳо ба анҷом расонида шудааст, агар ба факту рақамҳо нигарем, соли 2024 аҳолии машғули кор дар умум 901,8 ҳазор нафарро ташкил кардааст, ки нисбат ба соли 2022 ба 1,8% зиёд мебошад.

Дар поён ҷадвал оид ба шуғли аҳолии минтақаи вилояти Суғд оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.5 – Нишондиҳандаҳои шуғли аҳолии вилояти Суғд**

| Номгӯй/солҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Захираҳои меҳнатӣ, ҳамагӣ | 1598,7 | 1615,5 | 1669,2 | 1630,8 | 1652,2 | 1675,2 | 1737,8 | 1729,7 |
| Қувваи корӣ, ҳаз. нафар | 807,2 | 815,8 | 829 | 852,9 | 890,6 | 892,1 | 908,7 | 908,5 |
| Аҳолии машғул, ҳаз. нафар | 797,5 | 807,7 | 820,1 | 845 | 882,8 | 885,1 | 902,7 | 901,8 |
| Бекорон, ҳаз. нафар | 9,7 | 8,1 | 8,9 | 7,9 | 7,8 | 7 | 6 | 6,7 |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф бо истифода аз маълумотҳои [9, с. 11]*

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҷадвали мазкур гуфтан мумкин аст, ки захираҳои меҳнатии вилояти Суғд солҳои 2017-2024 афзудааст. Ба соли 2017 назар афканем, дар ин сол захираҳои меҳнатӣ ҳамагӣ 1598,7 ҳазор нафарро ташкил кардааст. Дар соли 2023 бошад, ин нишондиҳанда ба 1729,7 баробар шудааст, ки суръати рушди он дар давоми 6 сол ба 108% баробар гаштааст. Дигар нишондиҳанда ин қувваи корӣ ба ҳисоб рафта, соли 2017 он 807,2 ҳаз. нафарро ташкил дода, соли 2024, он ба 908,5 ҳаз. нафар расидааст. Дар давоми

8 сол ба миқдори 101,3 ҳаз. нафар зиёд шудааст. Аҳолии машғули кор дар вилояти Суғд соли 2017 797,5 ҳаз. нафарро ташкил карда, дар соли 2024 ба миқдори 104,3 ҳазор нафар афзудааст, ки ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар вилоят бештари аҳолӣ бо кор таъмин ҳастанд. Шумораи бекорон дар давоми ин солҳо назаррас паст шуда истодааст. Масалан, соли 2017 9,7 ҳазор нафар шумораи умумии бекорон расман эътироф шудаанд. Аммо соли 2024 шумораи бекорон ба 6,7 ҳазор нафар расидааст, ки назар ба соли 2017 3,7 ҳазор кам шудааст ва агар нисбатан гӯем, ба 61% коҳиш ёфтааст. Аз натиҷаи ин таҳлилҳо ба хулосае меоем, ки шумораи бекорон дар вилоят коҳиш ёфта, аҳолии бо кор таъмин зиёд шудааст ва ин ба рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа таъсири мусбат мерасонад.

Саноати Тоҷикистон зиёда аз 90 соҳа ва намудҳои маҳсулот ин соҳаҳо иборат аст. Аксарияти корхонаҳои ин соҳа ба шакли моликияти саҳҳомӣ ва хусусӣ табдил дода шуда, корхонаҳо бо сармояи хориҷӣ ташкил карда шудаанд.

Дар ҷумҳурӣ барои саноати металлургия, химия, бинокорӣ ва дигар соҳаҳои саноат захираҳои кофии ашёи хом мавҷуданд. Конҳои калонтарини нуқра, тилло, оҳан, сурб, сурма, ангишт, намаки ош, сангҳои қиматбаҳо ва дигар канданиҳои фоиданок иктишоф ёфтаанд, ки дар он корхонаҳои металлургӣ, маъданӣ, кимиёвӣ, мошинсозӣ, нассоҷӣ ва дигар корхонаҳои дорои иқтидори баланди содиротӣ мавҷуданд ва дар ояндаи наздик талаботи рӯзафзуни истеъмолкунандагонро бо ашёи хом ва маҳсулоти хушсифат чӣ дар дохили мамлакат ва чӣ берун аз он қонеъ гардонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон боз бой аз ашёҳои хоми саноати маъдан мебошад. Дар бисёр мавридҳо қайд карда мешавад, ки барои рушди металлургияи ранга Тоҷикистон имкониятҳои хубро дорад. Илова бар он карда мешавад, ки дар ҳудудҳои ҷумҳурӣ захираҳои тилло, симоб, сурб, мис, сурма, молибден, флюорит, сангҳои қимматбаҳо хеле зиёд аст. Бинобар ин ба ақидаи мо дар ин шароит ташкили кластерҳо дар саноати коркард низ мувофиқи мақсад аст.

Бузургтарин корхонаҳои саноатӣ - корхонаи алюминии Тоҷикистон, корхонаи сурбу руҳи Адрасмон, корхонаҳои истихроҷ ва коркарди тиллои Тоҷикистону Британиёи Кабир, Зарафшон ва Дарвоз ба ҳисоб мераванд.

Оянда дар ҳудудҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ алалхусус, дар вилояти Суғд барои ба гирдгардиши истеҳсолот ворид гардидани ашёи хоми саноати кӯҳӣ сармоягузориҳоро ҷалб кардан мумкин аст ва ба ақидаи мо ин хеле самараи хуб бояд диҳад. Масалан дар ин самт сармоягузории ватаниро танҳо барои азхудкунии конҳои нави маъдан, элементҳои нодир, микроэлементҳо, ангишт, тилло ва дигар металлҳои қимматбаҳо равона кардан ҷоиз аст, зеро фоида аз онҳо бояд дар соҳибкорони ватанӣ боқӣ монад. Дар дигар соҳаҳо бошад, масалан дар соҳаи истеҳсоли молҳои истеҳсолӣ, техникӣ ва маишӣ метавонем сармояи хориҷиро ҷалб намоем. Масалан ҳоло дар ин самт якчанд корхонаҳое, ки муштарак бо сармояи хориҷӣ дар ҳудудӣ вилояти суғд фаъолият дорад. Аз ҷумла КМ «Абрешим», КМ «Ҷавонӣ», КМ «Ришта», КМ «Вета Силк» ва ғайраҳо маҳсулотҳои истеҳсолшудаи ин корхонаҳо ба кишварҳои хориҷа равона карда шудаст. Масалан ба Чин, Италия, Корея, Россия, Олмон ва ғайраҳо.

Маҳсулоти ин корхонаҳо ҳоло ба 18 кишвари ҷаҳон содирот мешаванд, ки дар байни онҳо Италия, Кореяи Ҷанубӣ, Ветнам, Чин, Русия, Олмон, Швейтсария, Ҳиндустон ва Ӯзбекистон пешсафанд.

Корхонаҳои соҳа барои барпо намудан ва инкишоф додани хамкории дарозмуддат дар асоси ба ҳамдигар муфид, дар соҳаи фаъолияти тиҷоратию иқтисодӣ, ва илмию техникӣ манфиатдор мебошанд. Инчунин, самтиояндадори ҳамкорӣ татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ оид ба коркарди ашёи хоми дар ҷумҳурӣ ва гирифтани маҳсулоти тайёри истеҳсолшуда мебошад, ба монанди нахи пахта, абрешим, чарм, пашм ва ғайра. Саноати кимиё дар асоси конҳои мавҷудаи канданиҳои фоиданок, қувваи арзони барқ ва об рушд намуда истодааст. Тоҷикистон захираҳои беназири намак — конҳои Хоча-муъмин ва Тут-булок, кони оҳаксанги Пусхур, кони бор, фосфоритхо ва монанди инҳоро дорад. Дар чумҳурӣ ин ҳолатро ба назар гирифта, барои истеҳсоли маҳсулоти хлордор ва воситаҳои дезинфексионӣ, нуриҳои аммиак ва азотӣ корхонаҳои калон сохта шуданд.

Дар ҷумҳурӣ масолеҳи гуногуни химикии рӯзгор, ранг ва моддахои тарканда истеҳсол карда мешавад. Дар оянда истеҳсоли кислотаи синтетикии

гидрохлоридӣ, содаи сахти каустикӣ, коагулянт барои тоза кардани оби нушокӣ ва ғайра, боз ҳам инкишоф дода мешавад.

Комплекси мошинсозӣ, ки қариб 100 корхонаро дар бар мегирад, 7,4% сохтори умумии сектори саноатро ишғол мекунад.

Иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда ба мо имконият медиҳанд, ки аз истеҳсоли дастгоҳҳои хеле дақиқ, қисмҳои алоҳида, қисмҳои эҳтиётӣ ва асбобҳои мошинаҳои хоҷагии қишлоқ, арматураҳои обкашӣ сар карда, то молҳои сермасраф истеҳсол карда шаванд. Корхонаҳои мошинасозӣ дар оянда бояд навъҳои нави маҳсулот, хусусан аз навсозии тракторҳо, автомобилҳо ва автобусҳои мусофирбар, асбобҳои гуногуни рӯзгорро азхуд кунанд. Ғайр аз ин, баъзе корхонаҳо ба истеҳсоли маҳсулот аз ашёи хоми маҳаллӣ - алюминии аввалия, ки дар дохили кишвар ба миқдори кофӣ истеҳсол карда мешавад, иваз мегардад.

Дар ин замина дар ҷумҳурӣ 34 корхона дар соҳаи саноати хӯрокворӣ, 55 корхонаи хоҷагии қишлоқ, 18 корхонаҳои хурд ва 12 ташкилоти шаклҳои гуногуни моликиятро дар бар мегирад, ва дар соҳаҳои саноати равған, ки асосан корхонаҳои коркарди тухми пахта; дар саноати консерва – истеҳсоли консерваҳои меваю сабзавот; дар саноати нӯшокиҳои спиртӣ – истеҳсоли оби минералӣ ва нӯшокиҳои спиртӣ; дар саноати намак — истихроҷ ва истеҳсоли намаки ошӣ, аз ҷумла намаки йоднок; дар саноати вино — истеҳсоли маҳсулоти виноӣ; саноати қанодӣ – маҷмуи васеи маҳсулоти қанодиро низ дар бар мегирад.

Дар соҳаи саноати хӯрокворӣ яке аз корхонаҳои муштараки тоҷику амрикоии «Оби зулол» бо истеҳсоли афшураҳои табиӣ дар бастаи «Тетра Пак» машғул аст, ки то ҳол бомуваффақият фаъолият намуда, барои ҷорӣ намудани технологияи нав фаъолона кор бурда истодаанд.

Имрӯз мо ба марҳалаи сифатан нав наздик шудем, ки таҷрибаи андӯхтаи таҷдиди сохтори корхонаҳои саноатӣ ва рушди соҳибкории хусусӣ самараи худро дода истодааст. Дар шароити кунунӣ сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон самарабахш ва фоидаовар мегардад.

Ҳоло беш аз нисфи ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии Тоҷикистон ба саноати коркард рост меояд.

Маълум аст, ки дар давраи то соли 2030 дар назди соҳаҳои иқтисодӣ ва истеҳсолии ҷумҳурӣ вазифа гузошта шудааст, ки аз типи аграрию индустриалӣ ба типи индустриалӣ-аграрӣ гузаранд.

Барои индустрикунонии Тоҷикистон Стратегияи миллӣ таҳия шудааст, ки тибқи он то соли 2030 ҳиссаи саноат дар сохтори ММД бояд ба 21 фоиз ва ҳиссаи кишоварзӣ то 17 фоиз коҳиш ёбад, ҳоло бошад, баръакс аст.

Муҳаррики асосии истеҳсолоти мамлакат саноати маҳсулотбарорӣ мебошад, ки зиёда аз 60 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ соли 2022 тақрибан 26,5 миллиард сомониро ташкил дод. Вобаста ба ин, ҳаҷми маҳсулоти озуқаворӣ, аз ҷумла истеҳсоли нӯшокӣ ва тамоку ба ҳисоби миёна 39,2 фоиз, дар ҷойи дуюм металлургия, ҳиссаи он 23 фоиз ва саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ 18,3 фоизро ташкил медиҳад.

Корхонаҳои калони коркард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:

Ширкати тоҷикии «Авесто Групп» бо ширкати туркии «AKIA» моҳи январи соли 2018 истеҳсоли автобусҳои мусофирбари тамғаи AKIA-ро дар Тоҷикистон ба роҳ монд. AKIA AVESTO аввалин ва ягона ширкатест, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон автобусҳоро мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ истеҳсол намуда, дар саноатикунонии ин самт дар кишвар саҳми калон мегузорад. Иқтидори истеҳсолии автобусҳо дар як сол 300 адад ва шумораи умумии мутахассисони маҳаллӣ 200 нафарро ташкил медиҳад. Корхона 5 навъ автобусҳои шаҳрӣ ва наздишаҳрӣ истеҳсол мекунад.

Автобусҳои истеҳсолшуда ба стандартҳои байналмилалии Евро-5 мутобиқ буда, инчунин бо муҳаррик ва шассиҳои ширкатҳои машҳур, аз қабили «Mercedes Benz» ва «Zahnrad Fabrik» муҷаҳҳаз шудаанд.

Фабрикаи ҶСК «Гулистони Душанбе» асоси истеҳсоли дӯзандагиро дар Тоҷикистон гузошта, аз соли 1933 инҷониб ботаҷрибатарин корхонаи истеҳсоли либосҳои мардона ва занона мебошад. Соли 2004 фабрика бо

таҷҳизоти мукаммал муҷаҳҳаз гардида, имкон дод, ки либосҳои гуногуни мувофиқ истеҳсол карда шаванд.

Дараҷаи техникии корхона ва ихтисоси баланди коргарони он имкон медиҳад, ки ҳар як талаботи харидорон қонеъ гардад. Мутахассисони ширкат ҳамасола барои такмили ихтисос ва табодули таҷриба ба Аврупо ва дигар кишварҳои хориҷӣ сафар мекунанд. Коркунони «Гулистони Душанбе» барои такмил додани системаи назорати сифат пайваста ҷидду ҷахд карда, носозиҳои баамаломадаро бодиққат таҳлил намуда, усулҳои бартараф намудан ва такрор нашудани онҳоро коркард менамоянд. Имрӯз ҶСК «Гулистони Душанбе» як корхонаи замонавӣ мебошад, ки бо таҷҳизоти муосири баланди технологӣ муҷаҳҳаз гардида, дастаи интихобшудаи дараҷаи олӣ бо иқтидори истеҳсолии зиёда аз 3 000 000 адад дар сол фаъолият мебарад. Ин ширкат ҳамеша ба муколамаи ошкоро омода аст ва имконоти ҳамкорӣ бо шартҳои қобили қабул барои мизоҷро баррасӣ намояд.

Соли 1939 навбати якуми иттиҳодияи сохтмони фабрикаи ресандагӣ ва бофандагии №1, ки соли 1942 ба истифода дода шуда буд, оғоз гардид. Фабрикаи пардоздиҳӣ, ки соли 1951 ба фаъолият шуруъ намуда буд, соли 1959 фабрикаи ресандагӣ ва бофандагии № 2 ба ҶШС «Нассоҷ», соли 1966 ПТФ №3, ба ҶСБ «Бофанда», соли 1999 фабрикаи истеҳсоли маснуоти тиббӣ ва дока табдил дода шуд. Аз ноябри соли 2008 ҳамаи ҷамъияти саҳомии мазкур ба ҶДММ иттиҳодияи истеҳсолии «Нассоҷи тоҷик» муттаҳид шуданд. Оҳиста-оҳиста иқтидори истеҳсолии корхона зиёд шуд, корхона имкониятҳои худро васеъ намуда, такмил дод ва ҳоло ба як корхонаи пуриқтидори нассоҷӣ табдил ёфт, ки сикли пурраи коркарди нахи пахта – аз истеҳсоли калобаи пахтагӣ то дӯхтани либосҳои тайёрро дорад. Заводхои истехсолии корхона дорои таҷҳизоти мураккаби хозиразамони техникӣ буда, хелҳои гуногуни маҳсулотро истеҳсол менамоянд. ҶДММ ТҶ «Нассочи тоҷик» ба истеҳсоли риштаи пахтагӣ, матоъҳои хом ва тайёр, матоъҳои бофташуда ва ватин, маҳсулоти дӯзандагӣ ва маҳсулоти тиббӣ аз докаро омода месозад.

Гурӯҳи ширкатҳои «Амид» фаъолияти худро соли 1999 оғоз кардааст. Имрӯзҳо он яке аз ширкатҳои пешқадамтарини Тоҷикистон ба шумор меравад.

Ба ин гурӯҳ, ширкати нассоҷии ҶДММ «Лидер», ширкати сохтмонии ҶДММ «Стройпрогресс», ширкати тақсимотии ҶДММ «Лидер», шабакаи супермаркетҳои «Амид» бо сеххои истеҳсоли нимтайёр, маҳсулоти қанодӣ ва нонпазӣ, инчунин шабакаи тарабхонаҳои «Зайтун» ва мактаби хусусии «Амид» дохил мешаванд. Ширкати нассоҷии ҶДММ "Лидер" соли 1997 таъсис ёфтааст. Холо дар корхона навъҳои зиёди дастмолҳои вафли, салфетка, дастархон, курта, кимонои варзишӣ, халат ва либосҳои махсуси корӣ истеҳсол карда мешавад. Ширкат худро дар бозори минтақавӣ бомуваффақият муаррифӣ намуда, барои як қатор кишварҳои Аврупо шабакаи муқарраршударо таъмин менамояд. Имрӯз ин ширкат тавсеаи истеҳсолот ва занҷири таъминотро ҳадафи истеҳсолии худ қарор додааст.

Новобаста аз мавҷудияти ҷанбаҳои хеле зиёди мусбати кластерикунонӣ, дар в. Суғд мисли дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ бо сабабҳои объективию субъективӣ раванди ташаккул ва рушди кластерҳо дар сатҳи паст қарор дорад. Ба ақидаи мо, ба қатори омилҳои асосие, ки ба рушди кластерҳо монеа эҷод мекунад, омилҳои зеринро дохил намудан мумкин аст:

- на ҳама вақт аҳаммияти амсилаи кластерии рушд ба ҳисоб гирифта мешавад, яъне аҳаммияти равияи кластерии ташкили истеҳсолот аз тарафи ҳукумату давлат дарк карда нашудааст;

- нокифоягии иттилоот барои ба роҳ мондани ҳамкорӣ байни корхонаҳо ва муассисаҳое, ки ба кластер ворид гарданд, шуда метавонанд;

- яъне мавҷудияти «вакууми (холигоҳи) иттилоотӣ»;

сатҳи баланди нобоварӣ байни корхонаҳое, ки имконияти муттаҳид шудан дар кластер доранд;

- фаъолияти суст ва ноустувори корхонаҳои ба кластер воридшаванда;

- истифодабарии роҳҳои рақобати носолим азз ҷониби корхонаҳои муайян;

- фаъолияти суст ва ноустувори корхонаҳои ба кластер воридшаванда

- ба қадри кофӣ ташаккулноёфтаи муҳити институтсионалии кластерҳо, ки такмили сифатиро талаб мекунад;

- мушкилот дар муайян намудани маркази кластер, яъне корхонаҳое, ки дар низоми кластер нақши доминантӣ доранд ва алоқаҳои устувори истеҳсолиро бо дигар корхонаҳо таъмин мекунанд.

Муаммоҳои мазкури монеашаванда ва дигар муаммоҳои дар ин самт мавҷудбуда, зарурати аз нав дида баромадани сиёсати иқтисодии минтақаро оид ба ташаккули кластерҳо ба миён мегузорад. Агар то ҳол тибқи қонунгузорӣ дар ҷараёни ташаккули модели кластерии рушд дар иқтисодиёти ватанӣ, барномаҳо ва ташаббус дар дасти давлат бошад, яъне ҳукумати ҷумҳурӣ, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳо оид ба ташаккули кластерҳо ташаббускор бошанд, бояд ин иқдом аз ҷониби худи корхонаҳое, ки дар минтақа ҷойгиранд, дастгирӣ ёбад. Дар ин маврид, мақомотҳои давлатии минтақавӣ ҳамчун мақомоти дастгирикунанда, фишанги танзимӣ бояд амал кунанд. Бо ибораи дигар гӯем, бо фишангҳои идоракунии давлатӣ мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ дар идораҳо бояд шароити муносиб барои ташаккули кластер эҳё намоянд ва он субъектони хоҷагидориро барои ворид шудан ба низоми кластер ҳавасманд намоянд.

Ҳамин тавр, вилояти Суғд яке аз минтақаҳое, ки ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ рушдёфта ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, дар вилоят якчанд ҳадафҳою стратегияҳо тарҳрезӣ шуда, то ин дам чанде аз онҳо иҷро шудаанд. Вилояти Суғд дар рушду нумуи Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми босазо дорад, зеро дар ин минтақа дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, маориф ва дигар самтҳо дар даврони соҳибистиқлолии кишвар пешравиҳои назаррас дида мешаванд.

## 2.2. Ташаккул ва арзёбии фаъолияти кластерҳои соҳавӣ дар иқтисодиёти минтақа

Дар рушди устувори иқтисодии минтақа ҷойи муҳимро ташаккули кластерҳои соҳавӣ ишғол менамоянд. Барои он ки ҳангоми ҳамкории мутақобила байни иштирокчиёни кластерҳои соҳавӣ ба сифати баланди маҳсулоти истеҳсолӣ, кор ва хизматрасониҳои баланди рақобатпазир дида мешаванд.

Кластерҳои соҳавӣ ин маҷмуи корхонаҳои саноатии алоқаманде, ки дар ҳудуди муайян қарор дошта, дар муҳлати дарозмуддат бо ҳамдигар фаъолият мебаранд. Онҳо ҳангоми истеҳсоли маҳсулот имконият медиҳанд, ки самаранокии рушди корхонаҳои саноатӣ аз ҳисоби пурзӯр намудани низоми дохилии махсусгардонидашуда баланд карда шавад.

Дар натиҷаи заҳматҳои иштирокчиёни кластерҳои соҳавӣ дар ташкил ва таъсири идоракунии давлат, ки ба кластер ва корхонаҳои наздики он равона карда шудааст, манфиатҳои ин самт мустаҳкам мегардад.

Вобаста ба ин масъалаи дар тадқиқоти худ олими иқтисодиёт Ю.С. Полонжентсова чунин овардааст: «Ташаккули кластерҳои саноатӣ ин раванди зина ба зинае, ки мақсад ва имкониятҳои сохти кластериро дар истеҳсолоти саноатӣ муайян менамояд ва сохтори кластерро бо назардошти имкониятҳои истеҳсолии ташкили ҳамкории кластер бо сохторҳои беруна коркард менамояд» [100, с. 34-38].

Моҳияти механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти кластерҳои соҳавии саноатӣ бо хусусиятҳои маҳаллисозии афзалиятҳои рақобатӣ муайян карда мешаванд.

Ҳамин тавр, ба ақидаи мо, ташаккули кластерҳои соҳавии саноатӣ бояд на танҳо ҳамчун раванди интегратсионӣ, ки дар дохили комплекси саноатӣ амал менамояд, балки бо назардошти ҳамкории иштирокчиёни кластери ҳам дар дохили система ва ҳам бо дигар сохторҳо амалкунанда, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавӣ, бо назардошти қонунҳое, ки аз таъсири муҳити беруна вобастаанд, муайян мегарданд.

Инчунин, таҳқиқотҳое, ки дар соҳаи кластерикунонӣ гузаронида шудаанд, ба мо нишон медиҳанд, ки рушди иқтисодии кластери минтақавӣ сарчашмаи баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти босифат, рушди рақобатпазирии маҳсулотҳое, ки дар ширкатҳо истеҳсол мешаванд ва баландшавии сатҳу сифати ҳаёти сокинони минтақа, аз ҳисоби пайдо шудани ҷойҳои холии корӣ мебошад.

Таъмин намудани тараққиёти рушди иҷтимоӣ–иқтисодии ҳар як шаҳру ноҳияи алоҳида, дар шароити муосир дар умум вилоятҳои Ҷумҳурии

Тоҷикистон зери назорати роҳбари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Дар сиёсати хирадмандонаи роҳбари давлат ба масъалаи таъмини рушди устувори минтақаҳо ташаккули ҷойҳои корӣ дар ҳар як шаҳру ноҳияҳо ҳал намудани масъалаи камбизоатӣ бо тарзи доимӣ, зери назар мебошад, вале боиси зикр аст, ки рушди бомароми минтақа ҷараёни мураккаб буда, аз бисёр шарту шароит, омилҳо вобаста аст. Новобаста аз он дар рушди иқтисодиёти минтақа муаммоҳою монеаҳо низ мавҷуд аст, ки бояд ҳалли худро ёбад. Барои ба ин ҳадаф расидан, дар ҳар як ҳудуди маъмурии иқтисодӣ зарур аст, ки стратегия ва рушди он коркард ва амалӣ гардонида шаванд. Нисбат ба минтақаҳои ҷумҳурӣ оид ба масъалаи мазкур сухан ронем, бояд зикр намуд, ки барои ҳар як минтақа барномаҳои махсус ташкил карда шудаанд, масалан дар вилояти Суғд «Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии Суғд солҳои 2021-2025» мавҷуд буда, тибқи он сиёсати иқтимоӣ-иқтисодии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят амалӣ мегардад. Дар шароити муосир дар коркарди барномаҳои рушд таваҷҷуҳи асосӣ барои баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ, дар радифи амалӣ намудани воридотивазкунии истеҳсолот ва ба содирот равона намудани он ва тавассути ташаккули кластерҳо ба ин раванд аҳаммияти хос дода истодаанд. Инчунин, дар «Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои давраи 2021-2025» оид ба масъалаи мазкур чунин омадааст: «Вусъатдиҳии фаъолияти субъектҳои МОИ-и «СУҒД» ва фароҳам овардани имтиёзҳо барои сармоягузорони хориҷию дохилӣ бо мақсади бунёди кластери ягонаи ба содирот нигаронидашуда, ки метавонад барои ба мувозинат овардани савдои хориҷӣ мусоидат намояд» [1, с. 73].

Маврид ба зикр аст, ки нисбат ба барномаҳои минтақавӣ амалишавии кластерҳо дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, барномаҳои иқтисодии ҷумҳуриявӣ бештар аҳаммият дода шудааст, ки ин саривақт буда, ҳадафҳое, ки дар сатҳи ҷумҳуриявӣ амалӣ мегардад, бояд дар минтақаҳо амалан татбиқ шавад. Алалхусус, дар СМР ҶТ б. д. то соли 2030 оид ба таъмини рушди кластерҳо чунин омадааст: «Ташаккулдиҳӣ ва пешрафти кластерҳои самти индустриалию инноватсионидошта, ки дар доираи онҳо ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва

корхонаҳои БВИ рушди тадқиқотҳои илмӣ ва фаъолияти инноватсиониро таъмин мекунад, шомил будан дар кластер дастрасиро ба технологияҳои нав осон мегардонад» [6, с.76].

Барои ноил гаштан ба ин ҳадафҳо, ба ақидаи мо, бояд таваҷҷуҳи асосӣ барои ташаккул ва рушди кластерикунонии иқтисодии соҳаҳо ҳамчун фишанги муносиби ҳавасмандкунӣ ва пешрафти минтақаҳо нигаронида шавад. Дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои институтсионалии ин самт, ки аз маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва консепсияю ниҳодҳо иборат мебошад, ҷорӣ карда шудаанд ва новобаста, аз он дар иқтисодиёти минтақаи вилояти Суғд на он қадар рушдёфта буда, аниқтараш ҳоло комилан ташаккул наёфтааст. Ташаккули кластерҳои соҳавӣ бояд заминаи муносиб дар рушди иқтисодиёти соҳа гардад, зеро бо ин васила ҳамгироии сарчашмаҳои захира, ашёи хом, техника ва технология, сармоя ва дигар воситаҳои зарурӣ махсус гардонида мешаванд, муносибатҳои истеҳсолӣ бо ҳамдигар вобаста карда шуда, барои пешниҳодкунандаи ашёи хом - фармоишгар, барои истеҳсолкунанда - бозори фурӯш бо ҳамдигар алоқаманд месозад. Бо вуҷуди ин, дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчанд вилояти мазкур аз рӯйи бисёр параметрҳо пешрафта мебошад, ташаккули кластерҳо кашол ёфта истодааст. Бинобар ин, дар вилоят имкониятҳои кластерикунонии иқтисодиро мавриди таҳқиқ қарор додан зарур аст. Дар ин раванд муайян намудани соҳаҳо барои рушди минбаъдаи кластер масъалаи аввалиндараҷа мебошад ва дар ин радиф, бояд пеш аз ҳама масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд:

- муайян намудани афзалиятҳои минтақа дар масъалаи ташаккули кластерҳо;
- муайян намудани соҳаҳое, ки барои ташаккул додани кластерҳо бартариҳо доранд;
- таҳияи чораҳои ҳавасмандӣ барои рушди кластерҳои соҳавӣ дар минтақа.

Боиси тазаккур аст, ки масъалаи якуме, ки дар ин ҷо қайд гардид, дар қисми қаблӣ, дар зербоби 2.1 рисола баррасӣ гардидааст. Ҳоло ба қисми дигар, яъне муайян намудани соҳаҳое, ки барои ташаккул додани кластерҳо

вобастаанд таваҷҷуҳ менамоем. Чӣ тавре ки дар қисми арзёбии методии кластерӣ қайд карда будем, барои баҳо додан ба соҳаҳои имконпазири ташаккули кластерҳо усулҳои гуногун мавҷуд аст. Дар ин ҷода, пеш аз ҳама, коэффитсиенти маҳаллисозиро баррасӣ мекунем, зеро он метавонад сатҳи рушди соҳа ва мавқеи онро дар минтақа инъикос намояд. Тавре ки қайд карда будем, дар асоси интихоби соҳаҳо метавонем, индикаторҳои ҳиссаи соҳа дар МММ ё ин ки дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти минтақаро ба ҳисоб гирифта, бузургии коэффитсиенти мазкур ва баъзе факту рақамҳоро дар ҷадвали 2.6 баррасӣ менамоем.

**Ҷадвали 2.6 – Муайянкунии соҳаи кластерикунонӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои коэффитсиенти маҳаллисозӣ**

| Номгӯй | 2019 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | ба ҳисоби миёна |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноати коркард (в.Суғд) млн смн. | 8350,5 | 13291,1 | 15608,6 | 16778,6 | 17380 | 13832,93 |
| Саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об (в. Суғд), млн смн. | 101,7 | 1272,6 | 1534,4 | 1942,2 | 2085,6 | 1343,63 |
| Саноати истихроҷи маъдан (в. Суғд), млн сомонӣ | 3686,3 | 6500,9 | 7183,3 | 7467,3 | 11033,9 | 6455,13 |
| Маҳсулоти саноатӣ (ҳамагӣ дар вилоят), млн сомонӣ | 13053,5 | 21064,8 | 24326,3 | 26188,1 | 30499,4 | 21784,22 |
| Саноати коркард (ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ), млн сомонӣ | 15952 | 22313 | 26497 | 28537 | 30283 | 23772,67 |
| Истеҳсол ва тақ.нерӯи барқ, газ ва об (ҷумҳурӣ), млн. сомонӣ | 6808 | 8107 | 7622 | 8984 | 10221 | 8211,50 |
| Саноати истихроҷи маъдан (ҷумҳурӣ) млн. сомонӣ | 4853 | 8409 | 8906 | 9336 | 13369 | 8197,00 |
| Маҳсулоти саноатӣ (ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ), млн. сомонӣ | 27613 | 38829 | 43025 | 46857 | 53873 | 40181,17 |
| Ҳиссаи сан. коркард дар в Суғд | 0,64 | 0,63 | 0,64 | 0,64 | 0,57 | 0,64 |
| Ҳиссаи саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об дар в Суғд | 0,01 | 0,06 | 0,06 | 0,07 | 0,07 | 0,06 |
| Ҳиссаи саноати истихроҷи маъдан дар в Суғд | 0,28 | 0,31 | 0,30 | 0,29 | 0,36 | 0,29 |
| Ҳиссаи сан. коркард дар ҷумҳурӣ | 0,58 | 0,57 | 0,62 | 0,92 | 1,01 | 0,72 |
| Ҳиссаи сан. истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об дар ҷумҳурӣ. | 0,25 | 0,21 | 0,18 | 0,19 | 0,19 | 0,21 |
| Ҳиссаи саноати истихроҷи маъдан дар ҷумҳурӣ | 0,18 | 0,22 | 0,21 | 0,20 | 0,25 | 0,20 |
| Коэф. маҳаллисозӣ (сан. коркард) | 1,11 | 1,10 | 1,04 | 0,70 | 0,57 | 0,95 |
| Коэффитсиенти маҳаллисозӣ (ист. ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об) | 0,04 | 0,28 | 0,30 | 0,37 | 0,28 | 0,30 |
| Коэффитсиенти маҳаллисозӣ (саноати истихроҷ) | 1,61 | 1,43 | 1,43 | 1,43 | 1,46 | 1,44 |

*Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои [9, с.188]*

Коэффитсиенти маҳаллисозӣ метавонад сатҳи рушди соҳа ва мавқеи онро дар минтақа инъикос намояд. Барои ёфтани коэффитсиенти маҳаллисозӣ мо аз якчанд нишондиҳандаҳои иқтисодии рушди минтақавӣ истифода бурдем. Барои таҳлили ин коэффитсиент саноати коркард, истихроҷи маъдан, истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об дар ҷумҳурӣ ва дар миқёси минтақаи Суғд, инчунин ҳиссаи соҳаҳои саноатии минтақа нисбат ба ҷумҳурӣ таҳлил гардиданд.

Соҳаи саноати коркард дар минтақаи вилояти Суғд ва дар ҷумҳурӣ сол аз сол пеш рафта, ҳаҷми истеҳсоли он зиёд шуда истодааст. Агар соли 2016-ро таҳлил кунем, саноати коркард дар вилояти Суғд 4342,3 млн сомониро ташкил намуда, дар соли 2024 ба 15608,6 млн сомонӣ баробар гаштааст. Аз ин бармеояд, ки дар тӯли 6 соли охир ба ҳаҷми 11266,3 млн сомонӣ ё 72,1% истеҳсолоти соҳаи коркард зиёд шудааст. Дар ҳамин давра саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об дар в. Суғд соли 2016 229,3 млн сомонӣ то соли 2022 ин нишондиҳанда ба 1534,4 млн сомонӣ баробар шудааст. Истеҳсоли саноати истихроҷи маъдан дар вилояти Суғд, дар ҳамин давра аз 1285,8 млн сомонӣ то соли 2022 то 24326,3 млн сомонӣ баробар шудааст. Аз ин лиҳоз, дар минтақаи вилояти Суғд саноати истихроҷи маъдан нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодии минтақа пеш рафтааст.

Ҳангоми ба ҷадвал нигоҳ кардан, дидан мумкин аст, ки ҳам дар миқёси ҷумҳурӣ ва ҳам дар миқёси вилояти Суғд ҳиссаи соҳаи саноати коркард нисбат ба дигар соҳаҳо зиёдтар мебошад.

Дар ҷадвали мазкур дар асоси додаҳо тибқи соҳаҳои саноати вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон коэффитсиенти маҳаллисозӣ аз рӯйи соҳаҳои саноати коркард, истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об, саноати истихроҷи маъдан ҳисоб карда шудааст.

Коэффитсиенти маҳаллисозӣ аз рӯйи саноати коркард тӯли солҳои 2016-2024 ба ҳисоби миёна ба 0,60 баробар шудааст. Коэффитсиенти маҳаллисозӣ аз рӯйи саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об дар ҳамин солҳо ба ҳисоби миёна ба 0,21 баробар шудааст. Коэффитсиенти маҳаллисозӣ аз рӯйи истихроҷи маъдан бошад, ба ҳисоби миёна ба 0,19 баробар гардида,

коэффитсиенти маҳаллисозӣ аз рӯйи соҳаи саноати коркард нисбат ба дигар соҳаҳо баландтар аст.

Дар ташаккули шакли хоҷагидории кластерӣ яке аз хусусиятҳои фарққунандаи он истифодаи афзалиятҳои махсусгардонӣ мебошад. Рушди махсусгардонӣ дар фаъолияти корхонаҳои ба кластер воридгардида, ҳамчунин ҷорӣ намудани техника ва технологияи инноватсионӣ яке аз ҳадафҳои асосии ташаккули кластерҳо мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки махсусан такя намудан ба навоварӣ яке аз хусусиятҳои хоси ташкили истеҳсолот дар шакли кластерҳо мебошад. Умуман, кластерҳо дар сатҳи минтақа якчанд афзалиятҳоро ба миён меорад ва он аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ баррасӣ гардида, тибқи ақидаҳои онҳо ки дар осори илмии олими рус чунин зикр ёфтааст:

«- аз ҳисоби гузаронидани хароҷоти стандартикунонӣ махсусардонии имконияти коҳиш додан, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ба миён меояд;

- такя ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ барои кластерҳо имконияти истифодабарии технологияҳои нав, истеҳсоли маҳсулоти нав афзоиши донишу малакаро медиҳад;

- тибқи талаботи бозор гузаронидани сиёсати иқтисодии чандирнок, ки дар иқтисодиёти минтақа ба нуқтаи инноватсионии рушд табдил меёбад;

- дар асоси ба раванди рушд ворид шудани кластер субъектони тиҷорати хурд ва миёна ба сатҳи баланди махсусгардонӣ мерасанд, ки гирдгардиши сармоя дар онҳо афзоиш меёбад» [41, с. 58-63].

Дар асоси гуфтаҳои боло бояд зикр намуд, ки ташаккули кластерҳо дар мустаҳкамкунии иқтидори истеҳсолӣ, пурзӯр намудани иқтидори рушд ва таъмини рақобатпазирӣ мусоидат хоҳанд кард. Чӣ тавре ки қайд намудем, дар иқтисодиёти вилояти Суғд кластерҳои пешрафта ҳоло мавҷуд нест ва ташаккули онҳо дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад. Бинобар ин, мо қарор додем, ки дар рисола муайян намудани соҳаҳое, ки барои ташаккули кластер имконияти хуб доранд баррасӣ намоем. Дар ин самт саравввал коэффитсиенти маҳалликунониро дида баромада, ҳоло бошад, дар асоси яке аз хусусиятҳои асосии кластерҳо, ки махсусгардонии ин самт мебошад, баррасӣ менамоем. Бо

ин мақсад, дар асоси додаҳои омории иқтисодиёти вилояти Суғд коэффитсиенти махсусгардониро мавриди таҳлил қарор медиҳем. Баъзе нишондиҳандаҳо ва додаҳои оморӣ оид ба масъалаи мавриди таҳлил дар ҷадвали 2.7 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.7- Муайянкунии соҳаи кластерикунонӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои коэффитсиенти махсусгардонӣ**

| Номгӯй | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | ба ҳисоби миёна |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Соҳ. коркард дар в. Суғд млн сомонӣ | 3376,7 | 11588,8 | 13291,1 | 15608,6 | 16778,6 | 17380 | 12811,90 |
| Соҳ.ист. ва тақс. нерӯи барқ, газ ва об дар в. Суғд млн смн. | 231,6 | 1125,3 | 1272,6 | 1534,4 | 1942,2 | 2085,6 | 1272,16 |
| Соҳаи истихроҷи маъдан дар в. Суғд млн сомонӣ | 1285,8 | 2859,1 | 6500,9 | 7183,3 | 7467,3 | 11033,9 | 6100,03 |
| Соҳаи коркард дар ҷумҳурӣ млн сомонӣ | 8006 | 19054 | 22313 | 26497 | 28537 | 30283 | 22308,00 |
| Соҳаи истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об ҷумҳурӣ млн сомонӣ | 2549 | 7527 | 8107 | 7622 | 8984 | 10221 | 7851,00 |
| Соҳаи истихроҷи маъдан дар ҷумҳурӣ млн сомонӣ | 1641 | 4309 | 8409 | 8906 | 9336 | 13369 | 7695,43 |
| Вазни хоси в.Суғд дар соҳ коркард ҷум. | 0,42 | 0,61 | 0,60 | 0,59 | 0,59 | 0,57 | 0,57 |
| Вазни хоси в. Суғд дар соҳаи истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об ҷумҳурӣ | 0,09 | 0,15 | 0,16 | 0,20 | 0,22 | 0,20 | 0,16 |
| Вазни хоси в. Суғд дар соҳаи истихроҷи маъдан ҷумҳурӣ | 0,78 | 0,66 | 0,77 | 0,81 | 0,80 | 0,83 | 0,78 |
| ММՄ дар в.Суғд млн. сомонӣ | 12036,90 | 21621,90 | 27465,40 | 31939,20 | 35 186,3 | 42433,3 | 28218,14 |
| ММՄ дар ҷумҳурӣ млн. сомонӣ | 43745,90 | 73870,50 | 91932,00 | 108831,00 | 123 026,8 | 146111,7 | 96261,67 |
| Вазни холиси в. Суғд дар МУД кишвар | 0,28 | 0,29 | 0,30 | 0,29 | 0,29 | 0,29 | 0,29 |
| Коэф. махсусгардонӣ (соҳаи коркард) | 1,53 | 2,08 | 1,99 | 2,01 | 2,06 | 1,98 | 1,93 |
| Коэф. махсусг. (соҳаи истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об) | 0,33 | 0,51 | 0,53 | 0,69 | 0,76 | 0,70 | 0,53 |
| Коэф. махсусгардонӣ (соҳаи истихроҷи маъдан ) | 2,85 | 2,27 | 2,59 | 2,75 | 2,80 | 2,84 | 2,66 |

*Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои [9, с.188]*

Аз ҷадвали мазкур бармеояд, ки ҳамаи соҳаҳои саноатӣ, ки дар вилояти Суғд мавҷуд аст дар тадқиқот баррасӣ гардида, тамоюли рушд дорад. Масалан, соҳаи саноати коркард соли 2024 нисбат ба соли 2015 5,1 маротиба афзоиш ёфта, соҳаи саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об дар вилояти Суғд дар давраи мазкур 9 маротиба, саноати истихроҷи маъдан, 8,5 маротиба зиёд гаштааст. Тамоюлҳои мазкур нишондодҳои хуб ва мусбат аст, вале бо мақсади он ки дар ҳар кадоми онҳо ташаккули кластерҳо мутобиқ мебошад, коэффитсиенти махсусгардониро тибқи муқаррароти назариявӣ ҳисоб намудем. Барои ин аввал ҳиссаи соҳаҳои саноати мазкури вилояти Суғдро дар чунин соҳаҳои саноати ҷумҳурӣ муайян намудем. Тибқи он маълум гардид, ки ҳиссаи соҳаи саноати коркарди вилояти Суғд дар соҳаи мазкур аз 42-61%-ро ташкил кардааст, ки ба ҳисоби миёна ба 52% баробар аст. Дар соҳаи саноати тақсимот ва истеҳсоли нерӯи барқ, газ ва об, ҳиссаи вилояти Суғд, дар умум аз 8%-22%-ро ташкил кардааст, ки ба ҳисоби миёна 12% мебошад. Дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан ҳиссаи вилояти Суғд солҳои баррасишаванда аз 86-90%-ро ташкил кардааст, ки ба ҳисоби миёна ба 80% рост меояд. Чӣ тавре ки аз натиҷаҳо маълум мегардад, вилояти Суғд ҳам дар соҳаи саноати коркард ва ҳам дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан дар ҷумҳурӣ нақши назаррас дорад.

Дар ин маврид, барои ҳисоб кардани коэффитсиенти махсусгардонӣ ҳиссаи вилояти Суғд дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти минтақа дар ҷумҳурӣ муайян гардид, ки тибқи он чун хулоса қайд кардан мумкин аст, ки дар давраи тадқиқот ва ба ҳисоби миёна вилояти Суғд аз се як ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти минтақаи ҷумҳуриро медиҳад. Ин ҷо бояд таъкид кард, ки минтақаи вилояти Суғд яке аз минтақаҳои бузурги иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, ки иқтидори истеҳсоли ҷумҳуриро муайян месозад. Дар асоси ин нишондодиҳандаҳо коэффитсиенти махсусгардонии соҳаҳои номбаркардашуда муайян карда шудааст. Масалан, ба ҳисоби миёна коэффитсиенти махсусгардонӣ дар соҳаи саноати коркард ба 1,93 баробар аст. Чӣ тавре ки дида мешавад, ин шарти кластерикунониро қонеъ менамояд, яъне $K \geq 1$. Ин маънои онро дорад, ки ташаккули кластерҳои истеҳсолии соҳаи саноати коркард аз нуқтаи назари муқаррароти консептуалӣ имконпазир аст. Яъне, кластерикунонии соҳа дар

иқтисодиёти минтақа ояндадор мебошад ва метавонад натиҷаҳои мусбат диҳад. Бо ибораи дигар гӯем, соҳаи саноати коркард дар вилоят метавонад ҳамчун объекти кластерикунонӣ интихоб ва амалӣ карда шавад.

Дар навбати худ, коэффитсиенти махсусгардонии соҳаи саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об ба ҳисоби миёна ба 0,40 баробар аст, ки маънои имконнопазири кластерикунонии соҳаи мазкурро ифода менамояд. Зеро коэффитсиенти махсусгардонӣ ба шарти K≤1 мувофиқат мекунад. Коэффитсиенти махсусгардонии соҳаи саноати истихроҷи маъдан дар вилояти Суғд, нисбат ба соҳаи саноати коркард бештар ба кластерикунонӣ мутобиқат мекунад, яъне ба ҳисоби миёна ба 2,69 рост меояд, ки ба шарти K≥1 мувофиқ аст. Вале зикр кардан бамаврид аст, ки дар асоси фақат нишондиҳандаи мазкур хулоса баровардан он қадар дуруст нест, бинобар ин, дар ин самт барои муайян намудани соҳаҳои ояндадори кластерикунонӣ ва соҳаҳое, ки ин раванд ғайриимкон аст, коэффитсиенти истеҳсолотро ба ҳар сари аҳолӣ низ баррасӣ мекунем. Дар ҷадвали 2.8 додаҳои воқеӣ ва ҳисобӣ инъикос ёфтаанд.

**Ҷадвали 2.8 - Муайянкунии соҳаи кластерикунонӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои коэффитсиенти истеҳсолот ба ҳар сари аҳолӣ**

| Номгӯй | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | ба ҳисоби миёна |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Вазни хоси в. Суғд дар с. коркарди ҷумҳ. | 0,42 | 0,61 | 0,60 | 0,59 | 0,59 | 0,57 | 0,53 |
| Вазни хоси в. Суғд дар соҳаи ист. ва тақс. нерӯи барқ, газ ва об ҷумҳурӣ | 0,09 | 0,15 | 0,16 | 0,20 | 0,22 | 0,20 | 0,13 |
| Вазни хоси в. Суғд дар соҳаи истихроҷи маъдан ҷумҳурӣ | 0,78 | 0,66 | 0,77 | 0,81 | 0,80 | 0,83 | 0,80 |
| Аҳолии в. Суғд (ҳазор нафар) | 2511,10 | 2783,00 | 2823,90 | 2870,00 | 2917,30 | 2966,1 | 2715,59 |
| Аҳолии ҷумҳурӣ (ҳазор нафар) | 8551,20 | 9716,80 | 9886,80 | 10078,40 | 10288,30 | 10508,50 | 9403,99 |
| Вазни хоси ҳамаи аҳолии в. Суғд дар аҳолии Ҷумҳурӣ | 0,29 | 0,29 | 0,29 | 0,28 | 0,28 | 0,28 | 0,29 |
| Коэф. истеҳсолоти соҳаи коркард ба ҳар сари аҳолӣ | 1,44 | 2,12 | 2,09 | 2,07 | 2,07 | 2,03 | 1,84 |

*Идомаи ҷадвали 2.8.*

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Коэф. истеҳсолоти истеҳсол ва тақс. нерӯи барқ, газ ва об ба ҳар сари аҳолӣ | 0,31 | 0,52 | 0,55 | 0,71 | 0,76 | 0,72 | 0,45 |
| Коэффитсиенти ист. истихроҷи маъдан ба ҳар сари аҳолӣ | 2,67 | 2,32 | 2,71 | 2,83 | 2,82 | 2,92 | 2,75 |

*Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои [9, с.189,190]*

Дар ҷадвали мазкур барои муайян намудани коэффитсиенти истеҳсолот ба ҳар сари аҳолӣ вазни қиёсии вилояти Суғд дар тафовут ба чунин далелу рақамҳои ҷумҳуриявӣ баррасӣ гардидааст. Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, дар соҳаи саноати коркард аз рӯйи нишондоди истеҳсолот ба ҳар сари аҳолӣ ҳиссаи вилояти Суғд дар ҷумҳурӣ аз 42-61%-ро ташкил додааст ва ба ҳисоби миёна ба 53% баробар аст. Дар соҳаи истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об бошад, аз 1-20% баробар шудааст, ки ба ҳисоби миёна ба 13% рост меояд. Инчунин, агар ба соҳаи истихроҷи маъдан назар афканем, он 66-90%-ро дар бар мегирад, ки ба ҳисоби миёна ба 80% баробар аст. Дар асоси муайян намудани ҳиссаи аҳолии вилояти Суғд дар теъдоди аҳолии ҷумҳурӣ метавонем, бузургии коэффитсиентҳои истеҳсолот ба ҳар сари аҳолиро муайян намоем.

Боиси зикр аст, ки ҳиссаи аҳолии вилояти Суғд бо назардошти аҳолии умумии ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 29%-ро ташкил медиҳад, бо ибораи дигар иброз намоем, 29% аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави вилояти Суғд умр ба сар мебаранд.

Дар соҳаи саноати коркард коэффитсиенти истеҳсолот ба ҳар сари аҳолӣ дар солҳои мавриди баррасӣ аз 1,65 (соли аз ҳама камтарин) то 2,12 (соли аз ҳама зиёд)-ро ташкил кардааст. Ба ҳисоби миёна он ба 1,84 баробар аст. Ин маънои онро дорад, ки ташаккули кластерикунонии соҳа, яъне саноати коркард тибқи муқаррароти назариявӣ соҳаи ояндадор аст. Ба ибораи дигар дар ин соҳа имкони ташаккули кластерҳо мавҷуд аст. Вале дар вилояти Суғд шароити боз ҳам беҳтар барои кластерикунонии соҳаи саноати истихроҷи маъдан вуҷуд дорад. Тавре ки мушоҳида карда мешавад, коэффитсиенти мазкур дар ин соҳа аз 2,32 то 2,83, ба ҳисоби миёна бошад, ба 2,75 баробар аст. Яъне аз меъёри муқаррароти (аз коэффитсиенти 1) нишондоди соҳаи мазкур ба таври назаррас

зиёд аст. Аз ин рӯ, соҳаи саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барк, газ ва об барои кластерикунонӣ дар вилояти Суғд шароити номуносиб дорад, зеро коэффитсиентҳои ҳисобкардашуда аз воҳиди 1 бузургии хурд доранд.

Вобаста ба ин масъала таъкид кардан бамаврид аст, ки се намуди гуногуни коэффитсиентҳое, ки дар боло зикр намудем, танҳо дар ҳамон вақт шаҳодат медиҳанд, ки соҳа ба кластерикунонӣ муносиб аст, агар ҳар се коэффитсиенти мазкур, аз 1 баланд бошанд. Дар ин ҳол соҳа ояндадор, имконпазир ва барои кластерикунонӣ шароити муносибдошта ҳисоб мешавад. Дар ҳолате, ки агар ягонтои коэффитсиентҳои мазкур аз воҳиди 1 кам бошад, чунин соҳа барои кластерикунонӣ ояндадор ҳисобида намешавад [68, с.12]. Бинобар ин, дар ин ҷо зарур аст, ки барои ҳар як соҳаи саноате, ки мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, қимати коэффитсиентҳоро ба ҳисоби миёна муқоиса намоем.

1. Натиҷаҳои асосии ҳисобу китоби коэффитсиентҳои таҳқиқшаванда оид ба соҳаи саноати коркард:

А) Бояд $К_{маҳаллисозӣ} \geq 1$ дар иқтисодиёти вилояти Суғд $1,09 \geq 1$;

Б) Бояд $К_{махсусгардонӣ} \geq 1$ дар иқтисодиёти вилояти Суғд $1,93 \geq 1$;

В) Бояд $К_{истех.\ ба\ ҳар\ сари\ аҳолӣ} \geq 1$ дар иқтисодиёти вилояти Суғд $1,84 \geq 1$.

2. Натиҷаҳои асосии ҳисобу китоби коэффитсиентҳои таҳқиқшаванда оид ба соҳаи саноати истихроҷи маъдан:

А) Бояд $К_{маҳаллисозӣ} \geq 1$ дар иқтисодиёти вилояти Суғд $1,44 \geq 1$;

Б) Бояд $К_{махсусгардонӣ} \geq 1$ дар иқтисодиёти вилояти Суғд $2,66 \geq 1$;

В) Бояд $К_{истех.\ ба\ ҳар\ сари\ аҳолӣ} \geq 1$ дар иқтисодиёти вилояти Суғд $2,75 \geq 1$.

3. Натиҷаҳои асосии ҳисобу китоби коэффитсиентҳои таҳқиқшаванда оид ба соҳаи саноати тақсимот ва истеҳсоли нерӯи барқ, газ ва об:

А) Бояд $К_{маҳаллисозӣ} \geq 1$ дар иқтисодиёти вилояти Суғд $0,30 \leq 1$;

Б) Бояд $К_{махсусгардонӣ} \geq 1$ дар иқтисодиёти вилояти Суғд $0,53 \leq 1$;

В) Бояд $К_{истех.\ ба\ ҳар\ сари\ аҳолӣ} \geq 1$ дар иқтисодиёти вилояти Суғд $0,45 \leq 1$.

Дар асоси муқоисаҳои мазкур, метавон ба хулосае расид, ки дар иқтисодиёти вилояти Суғд ҳам соҳаи саноати коркард ва ҳам соҳаи саноати истихроҷи маъдан ба муқаррароти назаривии кластерикунонӣ мутобиқ аст. Аз

ин лиҳоз, ташкил кардани кластерҳо дар ин соҳаҳо ояндадор ҳисобида мешавад, вале нисбат ба соҳаи саноати коркард соҳаи саноати маъдан иқтидорҳои хубтар дорад. Бинобар ин, дар сиёсати иқтисодии давлатӣ дар минтақаҳо, ҳамчунин дар сиёсати иқтисодии минтақавӣ масъалаҳои ташаккули кластерҳоро дар соҳаҳои мазкур ба инобат гирифтан мувофиқи мақсад аст. Боиси таъкид аст, ки дар қатори ҳисоби коэффитсиентҳо таваҷҷуҳи хос зоҳир намудан ба тамоюлоти мусбӣ дар ин соҳаҳо низ дар вақти интихоби соҳаи кластерӣ саривақтӣ аст. Зеро тамоюли мусбии рушд дар ин соҳаҳо маънои аз нав такмил ёфтани фондҳои асосӣ, ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои нав, васеъ намудани номгӯй ва ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшавандаро дорад. Бинобар ин, аз ин нуқтаи назар соҳаи баррасишаванда бо мақсади кластерикунонӣ ояндадор ҳисобида шавад. Чӣ тавре ки аз ҷадвал дида мешавад, тамоюли коэффитсиентҳои маҳаллисозӣ, махсусгардонӣ ва истеҳсолот ба ҳар сари аҳолӣ ҳам дар соҳаи истихроҷи маъдан ва ҳам коркард тамоюли ноустувор дорад. Дар соҳаҳои мазкур бузургии коэффитсиентҳо дар солҳои муаяйн афзоиш ёфта, солҳои дигар коҳиш ва боз афзоиш ёфтааст, вале, дар умум тамоюли мусбати рушдро доранд. Аз ин лиҳоз, барои солҳои минбаъда ҳам дар соҳаи саноати коркард ва ҳам дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан кластерикунонӣ ояндадор ва самараи хуб бояд диҳад.

Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки бояд дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд барномаи махсуси кластерикунии соҳаҳои мазкур коркард шуда, марҳила ба марҳила ба амал татбиқ карда шаванд.

Дар умум, кластерҳои иқтисодии минтақавӣ дар рушду тараққиёти соҳавии минтақа аҳамияти хосро доранд. Зеро ҳангоми рушди кластерҳо дар минтақа баландшавии хосилнокии мехнат, кам шудани арзиши аслии махсулот ва афзоиш  ёфтани рақобатпазирии маҳсулоти дар ширкатҳо истеҳсолшаванда дида мешаванд. Инчунин, ташаккули кластерҳои иқтисодии минтақа барои азнавсозии корхонаҳои саноатӣ шароити мусоидро фароҳам меоранд.

Чӣ хеле ки ба мо маълум аст, мукаммалшавии рақобатпазирии кластерҳои саноатии минтақавӣ ба рушди азнавсозии сохтори комплексҳои саноатӣ, ки дар асоси таҷрибаи худии ислоҳоти бозор фаъолият мебаранд, ниёз доранд.

Навовариҳои ташаккулёфта бояд сабаби асосии рушди технологӣ, саноатӣ ва иқтисодии кластерҳои минтақавӣ шавад ва дар умум, ба рушди рақобатпазирии истеҳсолот оварда расонад.

Чунон ки олими иқтисодчӣ В.В. Конорев дар яке аз тадқиқотҳои худ овардааст: «Дар замони ҳозира дар назди минтақаҳо ва давлат як масъалаи аввалиндараҷа гузошта шудааст – фаҳмидани оне, ки ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди интернатсионалӣ ва минтақавӣ бо ҳисоби ҷанбаҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ бо кадом тарз амалӣ гашта истодааст» [77, с.35-40].

Аз ин рӯ, давлат бояд сутуни асосӣ барои рушду ташаккули кластерҳо дар иқтисодиёти минтақа бошад. Чунин дастгириро дар давлатҳои пешрафта бисёртар муассисаҳои давлатӣ ва минтақавӣ иҷро менамоянд, ки фаъолияти онҳо дар бартараф намудани ҳар гуна намуди муаммоҳо дар соҳаҳои соҳибкории хурду миёна, масъалаҳои байниминтақавӣ, рушди соҳаи хоҷагии қишлоқ, муаммоҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар соҳаи инноватсия ва ғайраҳо дида мешавад.

Бояд эътироф кард, ки дар Ҷумурии Тоҷикистон ташаккули кластерҳои иқтисодӣ зарур аст. Зеро ҳоло дар ҷумҳурӣ самарабахшии соҳаи саноат то ба дараҷаи баланд набаромадааст ва қафо мондан аз ҷиҳати технологӣ аз дигар давлатҳои пешрафта имконияти рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулотро суст менамояд.

Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки ташаккули кластерҳои байнисоҳавӣ ин муамморо ҳал менамоянд, ки ин ҳам бошад, барои рушди устувори иқтисодиёт мусоидат кунад. Инчунин, ташаккули кластерҳо дар асоси намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ ва самарабахшии онҳо ба баландшавии рақбатпазирии минтақа ва мақсаднок истифодабарии захираҳои истеҳсолии минтақа оварда мерасонад.

## 2.3. Омилҳои ташаккули кластерҳои соҳавии минтақа дар вилояти Суғд ва таъсири моделикунонии онҳо

Чӣ хеле ки дар боло зикр гардид, ташаккули кластерҳои соҳавӣ ин яке аз роҳҳои рушди иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад Барои рушди босуботи

иқтисодиёти минтақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккули кластерҳои соҳавии саноатӣ бояд диққати махсус дода шавад. Барои он ки дар ин соҳа хусусиятҳои мусбии саноати коркард ва истихроҷи маъдан ба назар мерасанд. Пеш аз он ки коркарду ташаккули ин соҳаҳоро асонок кунем, бояд омилҳои ташаккулёбӣ ва ҳалли мушкилиҳои ин самтро дида баромадан зарур аст.




**Расми 7. Омилҳои таъсиррасон ба ташаккули кластерҳои соҳавӣ**

Чӣ хеле дар расми 7 оварда шудааст, баъзе аз омилҳои таъсиррасон барои ташаккули кластерҳо ҳам аз ҷиҳати мусбӣ ва ҳам аз ҷиҳати манфӣ зикр ёфтааст. Дастрасии ашёи хом, ки яке аз омилҳои мусбӣ ба ҳисоб меравад, дар раванди истеҳсоли маҳсулот ҷойи аввалро ишғол менамояд. Масалан, соҳаи саноати коркардро гирем, ҳангоми ашёи хоми маҳсулоти истеҳсолмешуда дастрас ва кофӣ бошад, он гоҳ раванди истеҳсолот ба таври қулай ва дуруст иҷро мегардад. Барои истеҳсоли маҳсулоти ба талабот ҷавобгӯ ва дар бозор рақобатпазир бояд мутахассисони зарурии соҳа ва кадрҳои баландихтисос фаъолият баранд. Инчунин, барои дуруст ба роҳ мондани раванди истеҳсоли

маҳсулот бояд ҳамон механизм ва низоме, ки дар корхонаҳои соҳавии саноатӣ вуҷуд дорад, иҷро карда шавад. Ҳамаи ин омилҳое, ки номбар намудем, омилҳои мусбат барои ташаккули кластерҳои соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Инчунин, омилҳои манфӣ низ барои ташаккули кластерҳои соҳавӣ дар минтақа вуҷуд доранд. Яке аз ин омилҳо ин суст ташаккул ёфтани ин ё он соҳаи саноат маҳсуб меёбад, ки таъсири манфии худро ба истеҳсолот мерасонад. Боз омили дигар ин рушд наёфтани инфрасохтори соҳавӣ ва муносибати мутақобилаи суст байни корхонаҳои саноатӣ ва институтҳои илмию тадқиқотӣ мебошад, ки таъсири манфии худро барои ташаккули кластерҳои минтақавӣ дорад.

Дар умум, барои ташаккули кластерҳои саноатӣ корхонаҳои коркарди ашёи хом, ки мавқеи марказиро доранд, беҳтаркунии сифати маҳсулот ва коркарди он, инчунин амаликунонии инноватсияро ба назар гирифтан муҳим аст. Аз рӯи чунин хусусиятҳо ба монанди даромади фоидаовари тиҷорат, суръати афзоиш ва устувории ҳаҷми истеҳсолот, фаъолияти рушди сармоягузорӣ ва инноватсионӣ кластерҳои саноатии пешсафро баҳо додан мумкин аст.

Дар ҳазорсолаи нав таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки истифодабарии равияи кластерӣ нақши муҳим дорад. Дар ин хусус, мо зарур шуморидем, ки ақидаи олими рус А. Соколовро зикр намоем. Дар асари олими мазкур чунин омадааст: «...дар сатҳи ҳудудҳои маъмурии муайян ташкил намудани кластерҳо барои баланд бардоштани рақобатпазирии ҳудудҳои маъмурӣ, рушди муносибатҳои берунииқтисодӣ, самаранок истифодабарии захираҳои истеҳсолот мусоидат менамояд. Бо ҳамин васила барои рушди иқтисодиёти миллӣ низ саҳмгузор мешавад» [109, с.259-264]. Хуллас, кластерикунонӣ дар ҳудудҳои маъмурӣ, яъне минтақаҳо ҳамчун объекти сиёсати иқтисодии минтақавӣ муайян гардида, бояд дар стратегияҳои рушди минтақа ба ин масъала таваҷҷуҳи хос дода шавад. Аз рӯйи нуқтаи назари муқарраротӣ илмӣ якчанд фирмаҳо, корхонаҳо бо якдигар аз рӯйи зарурати муносибатҳо оид ба таъминот, ташкили истеҳсолот, фурӯши маҳсулот ҷорӣ

намудани техника ва технологияи инноватсионӣ ҳамгиро мегардад, зеро дар ҷараёни ташаккули кластер муносибатҳо ҳам бо тарзи амудӣ ва ҳам бо тарзи уфуқӣ ривоҷ меёбанд. Бо ибораи дигар гӯем, даҳҳо корхона бо якдигар робитаи зич пайдо намуда, ба сохтори кластер ворид мегарданд. Аз ҳама муҳим дар ин муносибатҳо маркази кластер, яъне ядрои кластер ба вуҷуд меояд, одатан, ҳамчун ядрои кластер ягон корхонаи азим ба эътибор гирифта мешавад. Корхонаи азим ё ин ки ташкилоти махсус фаъолияти дигар корхонаҳои хурде, ки дар кластер ҳамчун узви он фаъолият доранд, равияи рушдро муайян месозад. Яъне, ин корхонаҳо ба фаъолияти корхонаҳои хурд ва миёна таъсири калидӣ дошта, сатҳи рақобатнокии онҳоро муайян менамояд. Дар кластер, ба ғайр аз марказ, яъне ядрои он боз дигар ташкилот ва ё корхонаҳои ёрирасон низ мавҷуданд, ки ҳамаи онҳоро ба таври умумӣ инфрасохтори кластерӣ меноманд. Рушди иқтисодиёти давлатҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ аз он вобаста аст, ки бо марказҳои илмӣ, мактабҳои олӣ ва шуъбаҳои кор бо тадқиқоти илмидошта фаъолияти худро пеш мебаранд ва чунин кластерҳо барои давраи дарозмуҳлат афзалиятҳои рақобатии баланд доранд. Бинобар ин, дар масъалаи ташаккули кластерҳо барои иқтисодиёти ҳудудҳо ва минтақаҳо омӯхтан ҷорӣ намудани механизми ташаккул ва рушди чунин кластерҳо аз нигоҳи илм ва амалияи муосир шавқовар мебошад.

Дар шароити муосир масъалаи кластерикунонӣ аллакай дар бисёр стратегия, барнома ва консепсияҳои рушди минтақаҳо махсус зикр карда мешавад. Бо сабаби ҳамаҷониба коркард нагардидани механизмҳои таҳия ва татбиқи кластерҳо мавҷуд набудани таҷриба, норасоии мутахассисон, ташаккул наёфтани муҳити мусоид ҳоло дар иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз он ҷумла вилояти Суғд намуди ташкили истеҳсолот бо механизми кластерӣ дар сатҳи интизорӣ рушд наёфтааст. Аз ин лиҳоз, чӣ тавре ки таҷрибаи пешқадами кишварҳои муттараққӣ шаҳодат медиҳанд: «...дар ҷараёни ташаккули механизми ташкилии иқтисодии кластерҳо дар иқтисодиёти давлатҳои муттарақӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ҷаззобияти кластерҳо барои минтақаи мушаххас ва дақиқ хеле муҳим аст» [105, с. 17-25].

Дар асоси ин мехостем ҷаззобияти соҳаҳаро дар самти кластерикунонӣ дар в. Суғд мавриди таҳқиқ қарор диҳем, барои ба ин ҳадаф расидан дар тадқиқот мо нишондиҳандаҳое, ки ба гурӯҳи ҷаззобият имконият доранд ва аз рӯйи миқдор ҳисоб карда мешаванд, баррасӣ месозем. Моҳияти услуби мазкур дар боби аввали рисолаи мо пурра дарҷ гардидааст. Ин услуб аз ҷониби олими рус Е.В. Федина [143] ифода ёфтааст. Таъкид кардан бамаврид аст, ки дар илми иқтисодӣ мафҳуми ҷаззобият дар бештари ҳолат, асосан дар масъалаи ҷалби инвеститсияҳо истифода мегардад. Яъне, дар адабиёти илмӣ калимаи ҷаззобияти инвеститсионӣ бештар истифода гардидааст. Мафҳуми ҷаззобияти кластерҳо низ аз ҷониби олими иқтисодчӣ Н. Заятсова чунин маънидод гардидааст: «...моҳияти иқтисодии ҷаззобият ин маҷмуи хусусият, восита ва имкониятҳои муҳите мебошад, ки манфиати ҳамаи иштирокчиёни ҷараёни иқтисодиро ба инобат мегирад» [70, с.112-119]. Илова бар он, олим Е.В. Федина чунин ақида дорад: «…ҷаззобият ин қобилияти ташкилоти муттаҳидгардидаи интегриронии дастрасии ҳадафҳои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, ки онро мусоидат ва ҳавасманд менамояд. Арзёбии ҷаззобият дар асоси муайян намудани таъсири кластер ба нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии минтақа муайян карда мешавад» [143, с.68].

Ақидаҳои илмӣ ва назарияҳои гуногунро ба инобат гирифта, мо зарур шуморидем, ки ҷаззобияти кластериро барои минтақаи вилояти Суғд дар асоси далелу рақамҳои оморӣ баррасӣ намоем. Аз он нуқтаи назаре, ки табиат, шакл ва намудҳои таъсиррасонӣ метавонад хеле гуногун бошад, арзёбӣ низ аз рӯйи нишондодҳои алоҳида низ баҳогузорӣ мегардад. Чӣ тавре ки дар зербоби қаблӣ соҳаҳое, ки барои ташаккулёбии кластер дар минтақа сатҳи имконпазириаш баланд аст, баррасӣ сохтем, дар асоси он баъзе нишондодҳое, ки ҷаззобияти кластерро инъикос мекунад, мавриди таҳқиқ қарор медиҳем. Чӣ тавре ки дар қисми назариявӣ қайд гардид, ҷаззобияти кластерӣ дар вилояти Суғд аз рӯйи усуле [143, с.68], ки дар илми иқтисодиёт истифода бурда мешавад, таҳлил мегардад. Таҳлил нишондодҳои зеринро дар бар мегирад:

- коэффитсиенти музди миёнаи моҳона дар соҳа;
- коэффитсиенти фаъолнокии сармоягузорӣ;

- коэффитсиенти шуғли аҳолӣ;

- коэффитсиенти мусоидаткунӣ ба рушди иқтисодиёти минтақа.

Коэффитсиентҳои мазкур дар асоси омори расмии нашргардидаи Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд таҳия гардидааст. Дар аввал мехостем, нишондиҳандаи коэффитсиенти музди миёнаи соҳа дар минтақаро ҳисоб намоем (ҷадвали 2.9.)

**Ҷадвали 2.9. – Арзёбии ҷаззобияти кластерҳои соҳавӣ тибқи нишондиҳандаи коэффитсиенти музди миёнаи меҳнат**

| Номгӯй | 2016 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | ба ҳисоби миёна |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Музди миёнаи меҳнат дар саноати коркард, ҷумҳурӣ, сомонӣ | 1127,8 | 1791,9 | 1883,9 | 2419,3 | 2567,0 | 2719,71 | 2821,71 | 1988,1 |
| Музди миёнаи меҳнат дар саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об дар ҷумҳурӣ, сомонӣ | 1034,2 | 1528,3 | 1774,3 | 2097,9 | 2846,5 | 3186,7 | 3382,57 | 1938,0 |
| Музди миёнаи меҳнат дар саноати истихроҷи маъдан, ҷумҳурӣ, смн. | 1879,4 | 2871,1 | 2676,0 | 3109,9 | 3878,8 | 4339,18 | 4979,57 | 3103,0 |
| Музди миёнаи меҳнат моҳона дар в.Суғд,смн. | 696,8 | 1182,8 | 1236,3 | 1418,8 | 1632,8 | 1875,73 | 2148,16 | 1305,1 |
| Коэффитсиенти музди миёнаи меҳнат, ҳар-моҳа дар соҳ. коркард | 1,8 | 1,5 | 1,5 | 1,7 | 1,6 | 1,4 | 1,3 | 1,6 |
| Коэффитсиенти музди миёнаи меҳнат, ҳармоҳа дар соҳаи истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об | 1,3 | 1,3 | 1,4 | 1,5 | 1,7 | 1,7 | 1,6 | 1,4 |
| Коэффитсиенти музди миёнаи меҳнати ҳармоҳа дар соҳаи истихроҷи маъдан | 2,8 | 2,4 | 2,2 | 2,2 | 2,4 | 2,3 | 2,3 | 2,4 |

*Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои [9, с.189,190]*

Чунон ки аз ҷадвал бармеояд, дар ҳамаи соҳаҳои саноате, ки мавриди таҳлил қарор дода шудааст, музди меҳнат ба ҳисоби миёна рӯ ба афзоиш дорад, ки ин тамоюли хуб аст. Масалан, дар саноати коркард соли 2024 музди миёнаи моҳона нисбат ба соли 2015, дар умум 2,5 маротиба зиёд гаштааст. Нисбат ба соли қаблӣ (соли 2023), сатҳи рушд 103,7%-ро ташкил кардааст. Дар соҳаи саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об бошад, дар соли 2024 нисбат ба соли 2015 бошад, 3,2 маротиба ва нисбат ба соли қаблӣ 111,9 %

афзоиши мусбат мушоҳида карда мешавад. Чунин тамоюлоти мусбат дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан низ дида мешавад. Инчунин, сатҳи рушди музди меҳнат соли 2024 нисбат ба соли 2015 дар ҳаҷми 2,6 маротиба афзоиш ёфта бошад, нисбати соли пешин сатҳи рушд 114,7%-ро ташкил кардааст. Умуман, дар байни соҳаҳо дар масъалаи музди меҳнат мавқеи аввалро саноати истихроҷи маъдан ишғол мекунад. Яъне, дар соҳаи мазкур музди миёнаи меҳнат дар соли 2024 нисбат ба саноати коркард 1,7 маротиба, нисбат ба соҳаи истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об 1,4 маротиба баланд аст.

Дар ин радиф, як нуқтаро алоҳида бояд таъкид кард, ки дар ҳамаи соҳаҳои саноат музди миёнаи меҳнат дар солҳои баррасишаванда нисбат ба сатҳи умумивилоятии музди меҳнат ба таври назаррас баланд аст ва ҷалби коргаронро ба соҳа муайян месозад. Масалан, агар нишондодҳои соли охир, яъне соли 2024 мушоҳида намоем, музди меҳнат дар соҳаи саноати коркард нисбат ба сатҳи миёнаи умумивилоятӣ 1,4 маротиба, дар соҳаи саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об ба 1,7 маротиба ва инчунин, сатҳи музди меҳнати миёнаи соҳаи саноати истихроҷи маъдан аз сатҳи умумивилоятӣ 2,3 маротиба зиёд аст. Тамоюлҳои мазкур аз нуқтаи назари амалишавии ободкорию созандагӣ дар ҷумҳурӣ мантиқан мувофиқ аст. Зеро дар сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо тарзи доимӣ афзоиш додани музди меҳнат ва даромади аҳолӣ ва дар ин радиф баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ ҳадафи асосӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, ҳар сол дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ сатҳи афзоиши музди меҳнат дар бахши иҷтимоиёт, баланд бардоштани музди меҳнати минималӣ дар ҷумҳурӣ, авлавият додан ба соҳаи саноат ва ғайраҳо алоҳида таъкид мегардад.

Аз ҷиҳати назариявӣ агар коэффитсиентҳои ҳисобгардида, яъне коэффитсиентҳои музди миёнаи меҳнат дар соҳаҳо аз як зиёд ва ё ин ки баробар ба он бошад, яъне шарти $К_{мм} \geq 1$ иҷро шавад, дар ин ҳолат ҷаззобияти соҳа дар минтақа барои ташаккул додани кластерҳо мусбат арзёбӣ мешавад. Нишондиҳандаи ҷадвал собит месозад, ки дар соҳаи саноати коркард дар

солҳои мавриди баррасӣ коэффитсиенти музди миёнаи меҳнат аз 1,4 то 1,8 буда, ба ҳисоби миёна ба бузургии 1,6 баробар аст. Аз ин ҷо гуфтан мумкин аст, ки аз рӯйи муқаррароти назариявӣ нишондоди мазкур ба ҷаззобияти минтақа оид ба ташаккули кластерҳо мусбӣ арзёбӣ карда мешавад. Инчунин, дар дигар соҳаҳои тадқиқкардашуда, яъне соҳаи саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об коэффитсиенти музди миёнаи меҳнат дар чаҳорчӯбаи 1,2-1,7 қарордошта, ба ҳисоби миёна ба 1,4 баробар аст. Дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан, қимати коэффитсиент бузургии 2,2-2,7-ро доро аст ва ба ҳисоби миёна ба 2,4 баробар аст, ки дар ҳамаи соҳаҳои саноат муқаррароти назариявиро қонеъ менамояд, вале боиси таъкид аст, ки дар байни соҳаҳо, соҳаи саноати истихроҷи маъдан нисбат ба дигар соҳаҳои саноатӣ ҷаззобияти соҳаро дар минтақа барои ташаккули кластерҳо муайян менамояд, зеро коэффитсиенти музди миёнаи меҳнати он ба таври назаррас баланд аст. Дар навбати дуюм бошад, соҳаи саноати коркард ва соҳаи саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об мебошад.

Нишондиҳандаи дигаре, ки ҳангоми муайян намудани ҷаззобияти соҳа оид ба ташаккули кластер дар минтақа тибқи муқаррароти назариявӣ ба ҳисоб гирифта мешавад, коэффитсиенти ҷаззобияти сармоягузорӣ мебошад (ҷадвали 2.10).

**Ҷадвали 2.10. - Арзёбии ҷаззобияти кластерҳои соҳавӣ тибқи нишондиҳандаи коэффитсиенти ҷаззобияти сармоягузорӣ**

| Номгуй | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Сармогузорӣ ба фондҳои асосӣ дар саноати коркард, млн. смн. | 80,9 | 115,48 | 120,9 | 131,2 | 126,7 | 141,90 |
| Сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ дар саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об, млн. смн. | 1,06 | 4,7 | 4,6 | 4,6 | 4,6 | 5,152 |
| Сармогузорӣ ба фондҳои асосӣ дар саноати истихроҷи маъдан, млн. смн. | 333,4 | 414,6 | 255,68 | 380,48 | 357,55 | 400,46 |
| Сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ, дар умум, дар минтақа, млн. смн. | 499,7 | 803,4 | 734,6 | 812 | 751,3 | 841,45 |
| Коэффитсиенти ҷаззобияти сармоягузорӣ дар саноати коркард | 0,16 | 0,14 | 0,16 | 0,16 | 0,17 | 0,17 |
| Коэффитсиенти ҷаззобияти сармоягузорӣ дар саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об | 0,00 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0,01 |
| Коэффитсиенти ҷаззобияти сармоягузорӣ дар сан. истихроҷи маъдан | 0,67 | 0,52 | 0,35 | 0,47 | 0,48 | 0,48 |

*Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои [9, с.189,190]*

Пеш аз таҳлили нишондодҳои ҷадвал таъкид кардан бамаврид аст, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии пешравии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва ҳам минтақа ин ҷаззобияти сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳангоми зиёд шудани ин нишондиҳанда ҷалби сармояи ватанӣ ва ҳам сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёт меафзояд. Бо афзоиш додани иқтидори истеҳсолӣ теъдоди ҷойҳои корӣ зиёд мешавад.

Бинобар ин, дар ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ барои баланд бардоштани ҷаззобияти сармоягузорӣ ва дар амал татбиқ намудани сиёсати иқтисодӣ аҳаммияти хос дода мешавад. Аз тарафи дигар, афзоиши ҷаззобияти сармоягузорӣ ҳам дар минтақа ва ҳам дар ҷумҳурӣ яке аз шартҳои асосии баланд бардоштани ин фаъолияти бахши соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Аз нуқтаи назарияи ташаккули кластерҳо ҷаззобияти сармоягузориро дар асоси яке аз нишондодҳои натиҷавии он, яъне сармоягузорӣ ба фондҳои асоси мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, дар соҳаҳои саноати таҳқиқшавандаи иқтисодиёти вилояти Суғд вазъи умумии сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ гуногун ва ноустувор мебошад. Яъне, солҳое оварда шудааст, ки ҳаҷми сармоягузорӣ баланд шудааст ва солҳое, ки ҳаҷми сармоягузорӣ оид ба фондҳои асосӣ коҳиш ёфтааст, зикр гардидааст. Масалан, дар соҳаи саноати коркард агар соли 2022 нисбат ба солҳои қаблӣ сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ афзоиш ёфта, 131,2 млн сомониро ташкил карда бошанд, дар соли 2024 ин нишондод ба 141,9 млн сомонӣ фаро гирифтааст, ки нисбат ба соли 2022 тақрибан 7,5 % зиёд аст. Вале нисбат ба соли 2023 дар масъалаи мазкур сатҳи рушд назаррас аст, яъне қариб 3,4 % кам гаштааст. Дар соҳаи саноати истеҳсол ва тақсимоти неруи барқ, газ ва об нисбат ба соли 2015 афзоиш назаррас мушоҳида карда мешавад. Яъне, 1,06 млн сомонӣ соли 2015, дар соли 2024 5,1 млн сомонӣ расидааст, 4,8 маротиба зиёд гаштааст, вале чор соли охир тамоюлот тағйир наёфтааст. Дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан бошад, чун дар соҳаи саноати коркард тамоюлот ноустувор мебошад. Масалан, соли 2020 нисбат ба соли 2015 ҳаҷми сармоягузорӣ дар ин соҳа афзоиш ёфта бошад (аз 333,6 млн то 414,6 млн сомонӣ), дар соли 2021 боз коҳишёбӣ дида мешавад (256,8 млн сомонӣ), вале соли 2022 боз афзоиш ёфта (380,48 млн сомонӣ), дар

соли 2023 боз коҳишёбӣ дида мешавад (358,55 млн сомонӣ) ва дар соли 2024 бошад, боз афзудааст (400,46 млн сомонӣ). Чунин тамоюлоти гуногунҷабҳа дар сармоягузорӣ ба фонди асосӣ дар ҳисоби миёнаи вилояти Суғд низ инъикос гардидааст. Вале аз рӯйи ҳаҷми сармоягузорӣ мушоҳида намоем, соҳаи саноати истихроҷи маъдан нисбат ба дигар соҳаҳои саноатии дар ин ҷо баррасигардида мавқеи пешрафтаро дорад. Алалхусус, соли 2023 дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ нисбат ба соҳаи саноати коркард 2,8 маротиба, нисбати соҳаи саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об 77,3 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар асоси нишондиҳандаи мазкур коэффитсиенти ҷаззобияти сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноати коркард, истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об истихроҷи маъдан ҳисоб карда шудааст. Ин ҳисобу китобҳо барои муайян намудани ҷаззобияти соҳа аз рӯйи сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ барои ташаккул ва рушди кластерҳо мувофиқи мақсад аст. Тибқи муқаррароти назариявӣ ҷаззобияти кластер барои иқтисодиёти минтақа аз ҳиссаи сармоягузорӣ ба соҳа, дар ҳаҷми умумии сармояе, ки ба минтақа ҷалб карда шудааст, вобаста мебошад, ба ибораи дигар гӯем, ҳиссаи сармоягузорӣ ба соҳа чӣ қадар баланд бошад, соҳа барои ташаккули кластер ҳамон қадар ҷаззобияти баландро доро мебошад.

Аз ҷадвал маълум мегардад, ки ҳиссаи сармоягузорӣ дар соҳаи саноати коркард дар ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба минтақа дар соли охири баррасишаванда ба 0,17 баробар гаштааст, яъне ба ҳисоби фоиз 17%-ро ташкил медиҳад. Нишондоди мазкур дар соҳаи саноати истеҳсол тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об бошад, 0,01, яъне ба 1% баробар аст. Дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан, 0,48, яъне 48% баробар аст. Аз ҷадвал маълум мегардад, ки аз рӯйи коэффитсиенти ҷаззобияти сармоягузорӣ соҳаи саноати истихроҷи маъдан мавқеи аввалро дорад (0,48 ё ин ки 48%). Аз ин лиҳоз, ташаккули кластер дар ин соҳа нисбат ба дигар соҳаҳо ҷаззобияти баланд дорад. Дар навбати дуюм, соҳаи саноати коркард, ки дар он коэффитсиенти ҷаззобияти сармоягузорӣ ба 0,17, яъне ба 17% баробар аст, ки он низ нишондиҳандаи нисбатан баланд аст.

Дар Паёми навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба

Маҷлиси Олӣ дар радифи дигар соҳаҳои муҳимми иҷтимоӣ ба масъалаи таъмин кардани шаҳрвандон бо шуғли пурмаҳсули аҳолӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудаанд. Пешвои миллат қайд карданд, ки бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ яке аз ҳадафҳои стратегӣ буда, бояд зери таваҷҷуҳи доимии тамоми сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ қарор дода шавад.

Дар робита ба ин, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми майи соли 2022, №263 Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 қабул шуд, ки он бо мақсади мусоидат ба амалисозии муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даварои то соли 2030, ки дар он сиёсат дар соҳаи васеъ гардонидани шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, яке аз чор самти афзалиятҳои асосии рушди кишвар муқаррар гардидааст, таҳия шудааст.

Аз ин ҷиҳат, нишондоди навбатии зерин коэффитсиенти шуғли аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Ҳангоми ҳисоби коэффитсиенти шуғли аҳолии минтақа, қувваи корӣ ва ҳиссаи он дар соҳаҳои саноати коркард, саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об, саноати истихроҷи маъдани вилояти Суғд мавриди таҳлил қарор дода шудааст (ҷадвали 2.11).

**Ҷадвали 2.11 – Арзёбии ҷаззобияти кластерҳои соҳавӣ тибқи нишондиҳандаи коэффитсиенти шуғли аҳолӣ**

| Номгӯй | 2014 | 2015 | 2019 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | ба ҳисоби миёна |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шуғли аҳолӣ дар сан. коркард, ҳаз нафар | 26,7 | 23,3 | 22 | 22,3 | 22,3 | 23,8 | 25,7 | 23,21 |
| Шуғли аҳолӣ дар саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об, ҳаз нафар | 4,9 | 4,8 | 3,1 | 3 | 2,9 | 2,8 | 2,7 | 3,67 |
| Шуғли аҳолӣ дар саноати истихроҷи маъдан, ҳаз.нафар | 5,5 | 7,6 | 8,9 | 9,3 | 9,3 | 9,2 | 9,5 | 8,34 |
| Шуғли аҳолӣ дар минтақа, ҳаз нафар | 401 | 402 | 421,5 | 438 | 438 | 438,5 | 450,4 | 421,33 |
| Қувваи корӣ, ҳаз наф. | 815,7 | 812,1 | 829 | 890,6 | 892,1 | 908,7 | 908,5 | 849,58 |

*Идомаи ҷадвали 2.11.*

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Коэффитсиенти шуғл дар саноати коркард | 0,12 | 0,10 | 0,10 | 0,10 | 0,10 | 0,11 | 0,12 | 0,11 |
| Коэффитсиенти шуғл дар саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об | 0,02 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0,02 |
| Коэффитсиенти шуғл дар истихроҷи маъдан | 0,04 | 0,04 | 0,04 | 0,04 | 0,04 | 0,04 | 0,04 | 0,04 |

*Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои [9, с.80,81]*

Аз рӯйи натиҷаҳои дар ҷадвали 2.11 овардашуда бармеояд, ки шуғли аҳолӣ дар соҳаи саноати коркарди вилояти Суғд тамоюлоти муътадилро дорад. Агар ба соли 2014 нигарем, шуғли аҳолӣ 26,7 ҳазор нафарро ташкил мекунад, ки ин назар ба соли 2022 4,4 ҳазор нафар кам шудааст, яъне ба 83,5% коҳиш ёфтааст. Аммо ба соли 2024 нигарем, ин нишондиҳанда боз зиёд гардида, ба 25,7 ҳазор нафар ва ба ҳисоби миёна ба 23,21 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Шуғли аҳолӣ дар соҳаи саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об дар вилояти Суғд дар солҳои баррасишаванда дар сатҳи пастравӣ қарор дорад. Агар ба солҳои 2014-2024 назар афканем, ин нишондиҳанда аз 4,9 ҳазор нафар то соли 2024 ба 2,7 ҳазор нафар поён рафтааст, ба ҳисоби миёна он 3,67 ҳазор нафарро ташкил мекунад. Солҳои 2019-2020-ро нигоҳ кунем, ин нишондиҳанда дар як сатҳ қарор дорад, яъне 3,1 ҳазор нафарро ташкил додааст. Шуғли аҳолии минтақа дар вилояти Суғд дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан бошад, тамоюлоти баландшавиро дорад. Соли 2014 шуғли аҳолӣ дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан ба 5,5 ҳазор нафар баробар буд ва соли 2024 ин нишондиҳанда ба 9,5 ҳазор нафар расидааст. Аз ин лиҳоз, суръати афзоиши ин нишондиҳанда ба 111,4 % баланд гашта, гуфтан мумкин аст, ки дар солҳои 2014-2024 теъдоди шумораи коргарон дар соҳаи саноати истихроҷи маъдани вилояти Суғд ба таври назаррас афзудааст.

Нишондиҳандаи дигари таҳқиқот ин шуғли умумии аҳолии минтақа мебошад, ки ин нишондиҳанда дар солҳои 2014-2024 дар сатҳи баландравӣ қарор дорад. Соли 2016 шуғли аҳолии умумии минтақа ба 401,9 ҳазор нафар рост меояд. Ин нишондиҳанда то соли 2024-юм ба 450,4 ҳазор нафар расидааст, ки суръати афзоиши он 112,06 %-ро ташкил мекунад. Аз рӯйи ин натиҷаҳо

гуфтан мумкин аст, ки шумораи коргарони ҳамаи соҳаҳо сол то сол зиёд шуда истодааст, ки ин ҳам ба яке аз самтҳои пешравии иқтисодиёти минтақа оварда мерасонад. Қувваи корӣ дар минтақаи вилояти Суғд низ дар сатҳи рушдёбӣ қарор дошта, дар даҳ соли таҳқиқшаванда 111,4% баланд гардидааст. Яъне, соли 2014 815,7 ҳазор нафар, соли 2017 807,2 ҳазор нафар, соли 2020 852,9 ҳазор нафар ва соли 2024 908,5 ҳазор нафарро ташкил додааст.

Чунон ки дар ҷадвал оварда шудааст, ҳиссаи шуғли аҳолии минтақа дар соҳаҳои саноати коркард, истихроҷи маъдан, истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об ҳисоб карда шудааст. Ҳиссаи шуғли аҳолӣ дар соҳаи саноати коркарди вилояти Суғд соли 2014 ба 0,067 баробар аст, ки 6,7% шуғли аҳолии умумии вилояти Суғдро ташкил медиҳад. Дар давоми даҳ сол, яъне дар соли 2024 ин нишондод ба 0,057 расидааст ва 5,7% шуғли аҳолии умумии вилояти Суғдро ташкил мекунад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳиссаи шуғли аҳолӣ дар соҳаи саноати коркард дар давоми даҳ соли охир ба 1,3% коҳиш ёфтааст. Агар ба ҳиссаи шуғли аҳолии минтақа оид ба соҳаи саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об назар афканем, он низ соли 2023 ба таври назаррас коҳиш ёфтааст. Яъне, солҳои 2014-2018 ин нишондиҳанда 0,012-0,010-ро ташкил кардааст. Солҳои 2019-2022, ин нишондиҳанда ба 0,007 баробар шудааст, яъне 0,7 % шуғли аҳолии вилояти Суғдро дар соҳаи саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва обро фаро мегирад. Соли 2024 бошад, ин нишондиҳанда ба 0,006 баробар гаштааст, ки 0,6 %-и шуғли аҳолии вилояти Суғдро дар соҳаи саноати истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва обро ташкил мекунад. Дигар нишондиҳандаи дар ҷадвали боло зикршуда ҳисоб карда шудааст, ки ин ҳиссаи шуғли аҳолӣ дар соҳаи саноати истихроҷи маъдани вилояти Суғд ба ҳисоб меравад. Агар ба ин нишондиҳанда назар афканем, дар даҳ соли охир шуғли аҳолии минтақа дар соҳаи саноати вилояти Суғд торафт рӯ ба афзоиш нигаронида шуда, соли 2014 ин нишондиҳанда ба 0,014, яъне 1,4% баробар буда, соли 2024 ба 0,021 баробар гаштааст. Аз ин бармеояд, ки соҳаи саноати истихроҷи маъдан соли 2024 2,1%-и шуғли аҳолии умумии минтақаро ташкил мекунад ва ин назар ба соли 2014 150% афзоиш ёфтааст.

Дар асоси ҳисобу китоб, коэффитсиенти шуғл дар соҳаҳои мавриди таҳқи саноати таҳқиқгардида муайян карда шудааст. Чӣ тавре ки додаҳои ҷадвал нишон медиҳанд, дар солҳои тадқиқ коэффитсиенти шуғл дар соҳаи саноати коркард дар диапазони 0,10-0,14 қарор дошта, ба ҳисоби миёна дар даҳ соли охир ба 0,14 баробар буд, яъне ҳиссаи шуғли аҳолӣ дар соҳаи саноати коркард нисбат ба шуғли умумии аҳолии минтақа тақрибан 14%-ро ташкил медиҳад. Дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан коэффитсиенти мазкур дар диапазони 0,03 - 0,04 қарор дорад. Ба ҳисоби миёна он ба 0,04 баробар аст, яъне ҳиссаи шуғл дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан ҳамагӣ 4% аз умумиро ташкил медиҳад. Пас, метавонем гӯем, ки саноати коркард нисбат ба дигар соҳаҳо ҷаззобияти бештарро барои ташаккул додани кластер дорад, дар ҷои дуввум соҳаи саноати истихроҷи маъдан қарор дорад.

Нишондиҳандаи дигар коэффитсиенти мусоидат ба рушди иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад, ки дар ҷадвали зерин инъикос гардидаст (ҷадвали 2.12).

**Ҷадвали 2.12. - Арзёбии ҷаззобияти кластерҳои соҳавӣ тибқи нишондиҳандаи коэффитсиенти мусоидат ба рушди умумии иқтисодиёти минтақа**

| Номгӯй | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | ба ҳисоби миёна |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми истеҳсоли саноати коркард, млн смн. | 8350,5 | 11588,8 | 13291,1 | 15608,6 | 16778,6 | 17380 | 13832,93 |
| Ҳаҷми истеҳсоли саноати истеҳсол ва тақсимоти неруи барқ, газ ва об, млн сомонӣ | 101,7 | 1125,3 | 1272,6 | 1534,4 | 1942,2 | 2085,6 | 1343,63 |
| Ҳаҷми истеҳсоли саноати истихроҷи маъдан, млн. смн | 3686,3 | 2859,1 | 6500,9 | 7183,3 | 7467,3 | 11033,9 | 6455,13 |
| МММ в.Суғд, млн смн. | 20537,1 | 21621,9 | 27465,4 | 31939,2 | 35177,4 | 42433,3 | 29863,87 |
| Коэф.мусоидат ба саноати коркард | 0,41 | 0,54 | 0,48 | 0,49 | 0,48 | 0,41 | 0,48 |
| Коэф.мусоидат ба саноати истеҳсол ва тақсим. неруи барқ, газ ва об | 0,00 | 0,05 | 0,05 | 0,05 | 0,06 | 0,05 | 0,04 |
| Коэф.мусоидат ба истихроҷи маъдан | 0,18 | 0,13 | 0,24 | 0,22 | 0,21 | 0,26 | 0,20 |

*Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои [9, с. 183]*

Чӣ тавре ки аз рӯи маълумотҳои дар ҷадвал зикргардида маълум аст, барои ҳисоби ин коэффитсиенти мусоидаткунӣ ба рушди иқтисодиёти минтақа ҳаҷми истеҳсоли соҳаҳои коркард, истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об ва саноати истихроҷи маъдан ва инчунин, маҷмуи маҳсулоти минтақавиро баррасӣ намудем. Аз рӯйи таҳқиқотҳои дар ҷадвал буда маълум мегардад, ки ҳаҷми истеҳсоли соҳаи саноати коркард дар вилояти Суғд аз 8350,5 млн сомонӣ то соли 2024 ба 17380 млн сомонӣ зиёд шудааст ва ба ҳисоби миёна он ба 13123,52 млн сомонӣ рост меояд.

Аз ин бармеояд, ки суръати афзоиши ҳаҷми маҳсулот дар ин соҳа ба 200% афзудааст. Ҳаҷми истеҳсоли соҳаи саноати истихроҷи маъдан дар солҳои баррасишаванда аз 3686,3 млн.сомонӣ то соли 2023 ба 11033,9 млн сомонӣ баробар гаштааст. Аз ин маълум мегардад, ки соҳаи саноати истихроҷи маъдан низ аз рӯйи ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда пешсаф аст. Тӯли панҷ соли охир назар афканем, ин нишондиҳанда назар ба соли 2019 ба 202% афзудааст. Ҳаҷми истеҳсоли соҳаи саноати тақсимот ва истеҳсоли нерӯи барқ, газ ва об дар вилояти Суғд солҳои 2019-2024 назаррас афзудааст. Ба соли 2019 нигоҳ кунем ин нишондиҳанда ба 101,7 млн сомонӣ баробар буд ва соли 2020-он ба 1125,3 млн сомонӣ баробар гаштааст. Яъне дар давоми як сол он ба 1023,6 млн сомонӣ зиёд гаштааст. Соли 2024 ин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар ин соҳа ба 2085,6 млн сомонӣ баробар шудааст, ки назар ба соли 2023 он ба 107,3% афзудааст. Маҷмуи маҳсулоти минтақа дар вилояти Суғд низ рӯ ба тараққӣ ниҳодааст. Соли 2019 ин нишондиҳанда ба 20537,1 млн.сомонӣ буда, дар соли 2024 ба 42433,3 млн сомонӣ баробар гаштааст. Ба ҳисоби миёна гирем, он ба 29863,87 млн сомонӣ рост меояд. Аз натиҷаи ин таҳлилҳо бармеояд, ки дар ҳамаи соҳаҳои саноати баррасишавандаи вилояти Суғд афзоиш ва рушд дида мешавад.

Дар асоси таҳлили мазкур коэффитсиенти мусоидати соҳаҳои мавриди таҳқиқ саноатӣ ба рушди умумии иқтисоди минтақа баррасӣ гардид. Коэффитсиенти мусоидати соҳаи саноати коркард дар солҳои баррасишаванда дар диапазони 0,41-0,54 қарор дошта, ба ҳисоби миёна 0,48-ро ташкил кардааст, ки он бо нишондиҳандаҳои нисбӣ, 48%-ро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи ин

соҳа нисбат ба дигар соҳаҳо баланд мебошад. Мавқеи дуюмро соҳаи саноати истихроҷи маъдан дар вилояти Суғд ишғол менамояд. Чӣ тавре ки дида мешавад, бузургии коэффитсиенти мусоидаткунӣ дар солҳои баррасишаванда дар фосилаи 0,13-0,24 қарор дошта, бузургии ҳисоби миёнаи коэффитсиенти мазкур дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан ба 0,20, яъне бо нишондоди нисбӣ 20%-ро ташкил кардааст. Дар байни соҳаҳои баррасигардида коэффитсиенти мусоидаткунии соҳаи саноати истеҳсол, тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об дар сатҳи паст қарор дорад, яъне ҳамагӣ ба ҳисоби миёна 0,04-ро ташкил кардааст, ки бо нишондоди нисбӣ ҳамагӣ 4%-ро инъикос менамояд. *Аз муқаррароти назариявӣ бармеояд, ки коэффитсиенти мусоидаткунӣ таъсири соҳаи тадқиқшавандаро ба некӯаҳволии минтақа нишон медиҳад.* Ба таври дигар гӯем, коэффитсиенти мазкур ҳиссаи соҳаи баррасишавандаро дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти минтақа миқдоран нишон дода, ки бузургии коэффитсиенти мусоидаткунӣ то кадом андоза зиёд бошад, ҳамон қадар баланд будани ҷаззобияти кластерикунониро инъикос менамояд.

*Хулоса кардан мумкин аст, ки дар иқтисодиёти вилояти Суғд дар шароити муосир соҳаи саноати коркард дар масъалаи ҷаззобият барои ташаккул додани кластер мавқеи пешбарро ишғол мекунад. Сабаб дар он аст, ки ҳиссаи саноати коркард дар баланд бардоштани некӯаҳволӣ дар вилояти Суғд назаррас аст. Ин маънои онро дорад, ки вилоят имкониятҳои бузург дорад. Баъдан, чунин мавқеи мусбатро соҳаҳои саноати истихроҷи маъдан низ дорад, зеро ҳиссаи соҳаи мазкур дар баланд бардоштани некӯаҳволии минтақа аз панҷ як ҳиссаро ташкил медиҳад.*

Дар асоси суханҳои қайдгардида, гуфтан ҷоиз аст, ки дар коркард ва амалӣ намудани сиёсати иқтисодии минтақа барои солҳои минбаъда масъалаи ташаккулдиҳӣ ва рушди кластерҳо бояд ба мадди аввал гузошта шавад, зеро ба ин васила ба баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳои истеҳсолот, таъмини рақобатпазирии соҳа ва баланд бардоштани некӯаҳволии минтақа мусоидат менамояд. Дар ташаккулёбии кластерҳо бошад, соҳаҳои саноати коркард ва истихроҷи маъдан имконияти хуброр дорад, ки бояд дар минтақа ба ин соҳаҳо таваҷҷуҳи хос зоҳир гардид.

# БОБИ III. САМТҲОИ АВЛАВИЯТИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ КЛАСТЕРҲО ДАР РУШДИ МИНТАҚА

## 3.1. Амсиларонии таъсири кластерҳои соҳавӣ оид ба тараққиёти иқтисодиёти минтақа дар шароити муосир ва авлавияти танзими он

Дар шароити муосир барои ташаккули кластерикунонии минтақа ба таҳия ва амалӣ намудани сиёсати кластерӣ диққати масус додан лозим аст. Сиёсати кластерӣ ин унсури асосии сиёсати давлат ва минтақа ба ҳисоб рафта, барои ташаккули кластерҳои интегронидашуда дар соҳаҳои гуногун мусоидат менамояд.

Мафҳуми сиёсати кластерӣ дар тадқиқотҳои олимони иқтисодӣ аз ҳар гуна нуқтаи назар оварда шудаанд. Ба монанди олимон – М. Портер [27], И.Е. Рисин [33], А.В. Фролов [142], А.А. Бойматов [51], Л.Ф. Хомутова [51] ва дигарон дар ин бобат андешаҳои ҷолиб баён кардаанд.

Мақсади сиёсати кластерии минтақавӣ фароҳам овардани шароитҳои муносиб барои ташаккули кластерҳо ва дастирии сохторҳои онҳо мебошад.

Сиёсати кластерӣ дар худ якчанд масъалаҳоро дар бар мегирад, ба монанди:

- расонидани кӯмак ба ташаккули инфрасохтори муҳимми кластерҳои минтақавӣ;
- таъмин намудани рушди рақобатпазирии субъектони кластерӣ;
- рушди муштараки давлативу хусусӣ;
- ҷалби сармояггузорон дар минтақа;
- тайёр намудани мутахассисон дар рушди кластерҳои соҳавӣ;
- рушди соҳибкории хурду миёна ва ғайраҳо.

Сиёсати кластерӣ бо якчанд хусусиятҳои гуногун баҳогузорӣ карда мешавад, ки яке аз махсусияти муҳими он ин баҳодиии кластерӣ дар фаъолияти натиҷавии кластер дар сатҳи микро-, мезо- ва макросатҳ мебошад. Рушди самаранокии молиявию хоҷагии фаъолияти корхона мақсади асосии сиёсати кластерӣ дар микросатҳ мебошад. Мақсади сиёсати кластерӣ дар макросатҳ

бошад, ба таъмини рушду устувории кластер ва таъсири мусбии он ба рушди иқтисодии минтақавии кишвар равона карда шудааст.

Ҳамин тавр, аз нуқтаи назари мо, сиёсати кластерӣ ин низоми ташкил ва ташаккули меъёрҳои давлатии иқтисодии рушди кластерӣ, ки дар оянда ба баланд бардоштани рақобатпазирии субъектони хоҷагидории кластерӣ, минтақаҳо ва ҳудудҳои нави инноватсионӣ оварда мерасонад.

Дар асоси тадқиқотҳои назариявию амалии аз тарафи мо гузаронидашуда, услубҳо барои ташаккул ва рушди кластерҳои интегронидашуда сохта шудаанд, ки дар расми зерин оварда шудааст.




**Расми 8 – Услубҳо барои ташаккул ва рушди кластерҳои интегронидашуда**

Чунон ки дар расми мазкур оварда шудааст, аввалин услуб ин таҳлили иқтисодиву иҷтимоии минтақа мебошад. Масалан, нишондиҳандаҳои суръати рушди маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, шумораи корхонаҳои саноатӣ, шумораи коргарони соҳаи саноат, сатҳи бекорӣ, нишондиҳандаҳои сармоягузорӣ ба фонди асосӣ ва ғайраҳо ба назар гирифта мешаванд. Услуби дуюм, ин муайянкунии кластерҳои мавҷуда ва дар кадом ҳолат қарор доштани онҳо мебошад. Услуби сеюм, ин муайянкунии ҳудуди кластер ва маркази кластер,

яъне сарчашмаи кластер, ки аз чӣ асос меёбад, муайян карда мешавад. Баъд аз он модели кластер сохта мешавад, SWOT – таҳлили кластер гузаронида мешавад. Дигар услуб, ин накшаи пешниҳоди дастгирикунандаи давлат барои ташаккули кластер мебошад. Баъд аз он услуби охир, ин коркарди пешниҳодҳо оид ба таъмин намудани самаранокии фаъолияти кластер мебошад.

Таҳлилҳои гузаронидашудаи услубҳо ба мо имконият медиҳанд, ки рушди бақайдгирии кластерҳои минтақавӣ коркард шаванд. Чӣ тавре ки қайд карда будем, самаранокии фаъолияти кластерҳо аз сиёсати кластерӣ вобаста аст ва ин натиҷа ба рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа ва субъектони кластерӣ оварда мерасонад.

Ҳамчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки аҳаммияти кластерҳои соҳавӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа мавқеи асосиро ишғол мекунад. Кластерҳои соҳавӣ дар рушди иқтисодии минтақа яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравconfigure. Равиши кластерӣ дар худ интегратсия ва ҳамкорӣ байни корхонаҳо, ташкилотҳои илмӣ-тадқиқотӣ, муассисаҳои таълимӣ ва мақомотҳои давлатии дар як ҳудуди муайян қарордоштаро доро мебошад. Барои тақсимоти захираҳо сохтани навоварӣ ва рушди иқтисодиёт дар чунин ташкилотҳои шабакавӣ шароити муносибро таъмин менамоянд.

Солҳои охир дар бисёре аз давлатҳои пешрафта омӯзиш ва татбиқи равишҳои кластерӣ дида мешаванд. Дар давлатҳои пешрафта кластерҳои соҳавӣ ҳамчун воситаи муҳимми сиёсати минтақа ба ҳисоб меравад, ки ба махсусгардонии истеҳсолот ва ба зиёд намудани иқтидори истеҳсолот мусоидат менамояд. Дар давлатҳои пешрафта, ба монанди ИМА, Фаронса, Олмон, Ҷопон, Англия, Россия, Қазоқистон ба ташаббуси кластерӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода истодаанд, зеро онҳо ба диверсификатсияи иқтисодиёт, таъсиси ҷойҳои нави кории холӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат менамоянд.

Аммо кластерҳои соҳавӣ сарфи назар аз афзалияти зиёд боз дар худ мушкилӣ ва муаммоҳои худро доро мебошанд, ки метавонад ба рушди бомуваффақи ташаккули онҳо халал расонанд. Инчунин, ҷанбаи муҳимми ташаккули кластерҳои соҳавӣ ин ташкили шароити муносиб, барҳам додани

монеаҳо байни иштирокчиёни кластерӣ ва ташкили ҳамкории самарабахш байни онҳо ба ҳисоб меравад.

Дар иқтисодиёти муосир кластерҳои соҳавии саноатӣ яке аз воситаҳои калидии рушди минтақа ба ҳисоб мераванд. Муҳиммияти онҳо барои рушди иқтисодиёти минтақа дар он аст, ки кластерҳои соҳавии саноатӣ метавонанд сатҳи рақобатпазирӣ, фаъолнокии инноватсионӣ ва рушди иқтисодиро баланд намоянд.

Кластерҳои соҳавӣ метавонанд самаранокии иқтисодиёти минтақаро зиёд намоянд. Иштирокчиёни кластер имконияти истифода бурдани захираҳои умумиро дорад, ба монанди инфрасохтор ва иншоотҳои истеҳсолӣ, ки барои кам кардани фурӯши умумӣ шароит фароҳам ва хароҷот барои маркетинг ва таблиғот кам карда мешавад ва талаботи иловагӣ ба маҳсулот зиёд мегардад.

Рушди кластерҳои соҳавӣ ба рақобатпазирии баланди ташкилотҳои хароҷоти истеҳсолӣ ва баланд намудани сифати истеҳсолот имконият медиҳад ва ба бозори истеҳсолӣ оварда мерасонад. Ба корхонаҳои истеҳсолӣ иштирок дар кластер имконият медиҳад, ки бештар рушд ёбанд, технология ва услубҳои нави истеҳсолотро истифода баранд.

Кластерҳои соҳавӣ метавонанд ҷойҳои кории холиро дар минтақа пайдо кунанд. Якҷояшавии корхонаҳо ба кластер имконият медиҳад, ки онҳо дар якҷоягӣ захираҳоро истифода баранд ва хароҷот дар истеҳсолот кам шуда, сатҳи рақобатпазирӣ боло карда шавад. Ҳамчунин, дар навбати худ ин ба зиёдшавии иқтидорҳои истеҳсолот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ оварда мерасонад.

Ташаккули кластерҳои соҳавӣ ба рушди инноватсионии минтақа оварда мерасонад. Иштирокчиёни кластер бо якдигар ҳамкорӣ намуда, мубодилаи таҷрибаю донишҳоро ба роҳ мемонанд ва ба рушди салоҳият ва имкониятҳои инноватсионӣ мусоидат мекунанд. Инчунин, кластерҳо метавонанд сармоягузорони асосӣ ва мутахассисони пуртаҷрибаро ҷалб намоянд, ки ин дар навбати худ ба рушди технология ва ғояҳои нав оварда мерасонад.

Кластерҳои соҳавӣ, ҳамчунон ба пурқувваtшавии ташкилотҳои тиҷоратӣ низ мусоидат мекунанд. Ҳангоми иштирок дар кластерҳо корхонаҳо имконияти

мубодилаи таҷриба, шиносоӣ ва пайдо кардани муносибатҳои нав бо иштирокчиён, васеъ кардани тиҷорати худ ва иштирок кардан дар лоиҳаҳои байналмилалиро пайдо менамоянд.

Дар умум, кластерҳои соҳавӣ афзалияти зиёд оид ба рушди минтақа доранд, ки ба пешрафти иқтисодиёт, баландшавии рақобатпазирӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ташаккуллёбии инноватсионӣ ва мустаҳкамгардонии кори ташкилотҳои тиҷоратӣ мусоидат менамоянд. Аммо барои ба ин мақсад ноил гаштан, бояд лоиҳаҳои гузошташуда самаранок идора карда шаванд, ҳамкорӣ байни иштирокчиёни кластер пайдо гардад ва стратегияи самаранок коркард карда шавад.

Тибқи ҳисобу китобҳое, ки дар фасли қаблии диссертатсия навишта шуда буд, афзалияти соҳаи саноати коркард дар иқтисодиёти вилояти Суғд аз нуқтаи назари ташаккули кластерҳо ва рушди он, нисбат ба дигар соҳаҳо ҷаззобият дорад. Дар ҳамин радиф, соҳаи истихроҷи маъдан низ чунин афзалият дорад. Ба ибораи дигар, номгӯйи нишондодҳое, ки ҷолибияти соҳаро барои ташаккулдиҳии кластер дар минтақа муайян менамояд, ин соҳаҳои саноати коркард ва саноати истихроҷи маъдан ба муқаррароти назариявӣ барои ташаккули кластер мутобиқат дорад.

Таҳлилҳои баргузоргардида оид ба нишондиҳандаҳои ташаккули кластерӣ дар соҳаи ҳам саноати коркард ва ҳам саноати истихроҷ нишондиҳандаҳои мусбиро дорад. Дар асоси ин хулосаҳо барои муайян намудани тамоюлоти рушди соҳа, дар мисоли мо, соҳаи саноати коркард ва саноати истихроҷи маъдан зарурати амалӣ намудани таҳқиқи коррелиатсиониро дорад. Ҳадафи асосӣ муайян кардан ва асоснок намудани сатҳи рушди соҳа мебошад, яъне муайян кардан лозим аст, ки соҳа дар кадом сикли тараққиёт қарор дорад. Дар асоси ин, зарурати истифода бурдани механизмҳои ҳавасмандӣ ва рушди соҳа дар танзими омилҳои таъсиррасон муайян мегардад.

Дар навбати аввал, вазъи соҳаи саноати коркард чун объекти тадқиқоти ин зербоб қарор медиҳем. Чуноне ки ба мо маълум аст, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи саноати коркард ин нишонидиҳандаи натиҷавӣ мебошад, ки

онро чун натиҷаи бадастовардашуда ҳисоб менамоем ва он натиҷаи ҷараёни ташкил, амалӣ намудани истеҳсолот, тақсими захираҳо ба ҳисоб меравад. Дар ҳақиқат, афзоиши маҳсулоти соҳаи саноати коркард, яке аз омили муҳим дар афзоиши ММД ҳисобидан мумкин аст. Ба ҳамагон маълум аст, ки омилҳои таъсиррасон ба ин нишондиҳандаи интизорӣ хеле зиёд аст,бинобар ин мо омилҳоеро, ки ба натиҷаи интизорӣ таъсири мустақим доранд, ба асос гирифтем, ки онҳо дар ҷадвали поён инъикос гардидаанд. Мушаххасан ба ин омилҳои зерин ворид гардидааст:

- музди миёнаи меҳнат дар соҳаи саноати коркард (X1);
- шумораи кормандон дар соҳаи саноати коркард (X2);
- теъдоди коронаҳо дар соҳаи саноати коркард (X3);
- сармоягузорӣ дар соҳаи саноати коркард (X4).

Ҳамчун давраи тадқиқот даврае, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон алалхусус, дар вилояти Суғд марҳилаи ободкориву созандагӣ дар сатҳи баланд ҷараён дорад, таваҷҷуҳи хос барои рушди соҳаи саноат дода шудааст. Сарчашмаи далелу рақамҳои оморӣ маводи расмие, ки аз ҷониби Сарраёсати омори назди Президенти ҶТ дар вилояти Суғд мебошад. Иттилооти оморӣ оид ба нишондоди интизорӣ ва омилӣ доир ба саноати коркард дар ҷадвали 3.1 дода шудааст.

Дар ҷадвали поён таҳлили ҳаҷми маҳсулот, музди меҳнат, шумораи кормандон, теъдоди корхонаҳо ва сармоягузорӣ дар соҳаи саноати коркарди вилояти Суғд дар нуҳ соли охир оварда шудааст. Аз рӯйи нишондодҳои дар ҷадвал буда, гуфтан мумкин аст, ки ҳаҷми маҳсулоти соҳаи саноати коркард дар вилояти Суғд 3376,7 млн сомониро ташкил дода, соли 2024 бошад, он ба 17380 млн сомонӣ баробар шудааст. Яъне соли 2024 он ба 5,1 маротиба зиёд гаштааст.

Музди миёнаи меҳнати коргарон дар соҳаи саноати коркард соли 2015 ба 1127,8 сомонӣ баробар буда, соли 2024 он ба 2821,71рост меояд, ки дар давоми 10 соли охир он ба 1693,91 сомонӣ зиёд гардидааст. Шумораи кормандон бошад, дар соҳаи саноати коркарди вилояти Суғд аз соли 2015 то соли 2024 ба 110% афзудааст. Яъне, соли 2015 ин нишондиҳанда 23,3 млн. сомонӣ буда, дар

соли 2023 он ба 25,7 млн сомонӣ баробар шудааст. Теъдоди корхонаҳо дар соҳаи саноати коркарди вилояти Суғд соли 2015 653 адад буда, соли 2024 ин теъдод ба 1099 адад баробар гаштааст, ки аз рушдёбии соҳаи мазкур шаҳодат медиҳад.

**Ҷадвали 3.1 - Нишондиҳандаи интизорӣ ва омилии соҳаи саноати коркард дар вилояти Суғд**

| Солҳо | Ҳаҷми маҳсулоти соҳаи саноати коркард, (млн смн.) | Музди миёнаи меҳнат дар с. коркард, смн. ($X_1$) | Шумораи кормандон дар соҳаи сан. коркард,ҳаз наф. ($X_2$) | Теъдоди корхонаҳо дар соҳаи саноати коркард, адад ($X_3$) | Сармоягузорӣ дар соҳаи саноати коркард ($X_4$) млн $ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 3376,7 | 1127,8 | 23,3 | 653 | 80,9 |
| 2016 | 4342,3 | 1381,4 | 23,1 | 553 | 97,9 |
| 2017 | 5678,3 | 1527,9 | 22,1 | 545 | 106,1 |
| 2018 | 6685,7 | 1640,9 | 21,6 | 579 | 100,8 |
| 2019 | 8350,5 | 1791,9 | 22 | 565 | 110,2 |
| 2020 | 11588,8 | 1883,9 | 22,4 | 594 | 115,48 |
| 2021 | 13291,1 | 2419,3 | 22,3 | 624 | 120,9 |
| 2022 | 15608,6 | 2567,0 | 22,3 | 747 | 131,2 |
| 2023 | 16778,6 | 2719,71 | 23,8 | 988 | 126,7 |
| 2024 | 17380 | 2821,71 | 25,7 | 1099 | 141,9 |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои [9, с. с.409]*

Аз рӯйи ин таҳқиқот маълум гардид, ки дар нуҳ соли охир теъдоди корхонаҳои саноатӣ дар соҳаи коркарди вилояти Суғд ба 335 адад афзудааст. Теъдоди ин корхонаҳо солҳои 2016-2021 назар ба соли 2015 кам гардида, аммо солҳои 2022-2024 боз зиёд шудааст. Сармоягузорӣ ба соҳаҳои саноат низ яке аз самтҳои рушдёбии иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқоти мазкур дар давоми солҳои баррасишаванда сармоягузорӣ ба рушди соҳаи саноати коркарди вилояти Суғд оварда шудааст. Соли 2015 ин нишондиҳанда ба 80,9 млн доллари амрикоӣ баробар буда, дар соли 2024 он ба 175% афзудааст, яъне ба 61 млн. доллари амрикоӣ зиёд шудааст. Дар давоми нуҳ сол ин нишондиҳанда мунтазам аз 80,9 млн. доллари амрикоӣ то 141,9 млн. доллари амрикоӣ афзоиш ёфтааст. Ҳамаи ин таҳлилҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар соҳаи саноати коркард сармоягузории мусбӣ мунтазам дида мешавад.

Бо барномаи махсуси комютерӣ таҳлили коррелиатсионӣ ва регрессионӣ гузаронида шуд, ки ба воситаи он сатҳи чандирнокии нишондодҳои омилӣ муайян карда шудааст. Амалиёти таҳлилҳои компютерӣ чунин аст:

ВЫВОД ИТОГОВ

| Регрессионная статистика | |
|---|---|
| Множественный | 0,989493 |
| R-квадрат | 0,979096 |
| Нормированный | 0,958192 |
| Стандартная оши | 1014,573 |
| Наблюдения | 9 |

Дисперсионный анализ

| | df | SS | MS | F | ачимость F |
|---|---|---|---|---|---|
| Регрессия | 4 | 1,93E+08 | 48212583 | 46,83754 | 0,001293 |
| Остаток | 4 | 4117431 | 1029358 | | |
| Итого | 8 | 1,97E+08 | | | |

| | Коэффициен | артная о | татисти | Р-Значени | ижние 95% | ерхние 95% | жние 95,0 | рхние 95,0% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Y-пересечение | 23980,5 | 16659,51 | -1,43945 | 0,223433 | -70234,7 | 22273,72 | -70234,7 | 22273,72 |
| Переменная X 1 | 5,092958 | 2,683509 | 1,897872 | 0,130559 | -2,35766 | 12,54357 | -2,35766 | 12,54357 |
| Переменная X 2 | 227,2492 | 631,8735 | 0,359643 | 0,737297 | -1527,11 | 1981,611 | -1527,11 | 1981,611 |
| Переменная X 3 | 0,4585 | 0,327066 | 1,401858 | 0,233587 | -0,44958 | 1,36658 | -0,44958 | 1,36658 |
| Переменная X 4 | 164,7736 | 108,3023 | 1,521423 | 0,202802 | -135,922 | 465,4689 | -135,922 | 465,4689 |

ВЫВОД ВЕРОЯТНОСТИ

| Персентиль | Y |
|---|---|
| 5,555555556 | 3376,7 |
| 16,66666667 | 4342,3 |
| 27,77777778 | 5678,3 |
| 38,88888889 | 6685,7 |
| 50 | 8350,5 |
| 61,11111111 | 11588,8 |
| 72,22222222 | 13291,1 |
| 83,33333333 | 15608,6 |
| 94,44444444 | 16778,6 |




**Расми 9. Таҳлили коррелиатсионӣ ва регрессионӣ дар соҳаи саноати коркард**

Дар ҷадвали поёнӣ бузургии ин нишондодҳо ба тарзи мухтасар дода мешавад.

**Ҷадвали 3.2 - Нишондодҳои омилӣ дар соҳаи саноати коркард**

| Номгӯи нишондоди омилӣ | Қимати коэффитсиенти чандирнокӣ |
|---|---|
| Музди миёнаи меҳнат дар соҳаи саноати коркард ($X_1$); | 5,092 |
| Шумораи кормандон дар соҳаи саноати коркард ($X_2$); | 227,2 |
| Теъдоди коронаҳо дар соҳаи саноати коркард ($X_3$); | 0,458 |
| Сармоягузорӣ дар соҳаи саноати коркард ($X_4$). | 164,7 |

Сарчашма : Таҳияи муаллиф

Натиҷаҳои таҳлилҳои мазкурро, ки дар ҷадвал инъикос гардидааст, чунин муқоиса менамоем. Муқоисаи коэффитсиенти чандирнокии мазкур ба мо имконият медиҳад, ки кадом омил нисбат ба дигар омилҳо аз рӯйи таъсираш

ҳассоснокии баланд дорад ва инчунин, тавассути он мо метавонем, муодилаи регрессионии корррелиатсиониро дар шакли стандартӣ, дар асоси коэффитсиентҳои ҳисобкардашуда бо тарзи формулаи математикӣ дарҷ намоем.

$$Y = 23980{,}5+5{,}092X_1+227{,}2X_2+0{,}458X_3+164{,}7X_4 \quad (6)$$

Тавре ки аз муодилаи регрессионӣ бармеояд, дар шароити муосир дар иқтисодиёти вилояти Суғд ба нишондиҳандаи интизорӣ, яъне афзоиши ҳаҷми истеҳсоли соҳаи саноати коркард таъсири аз ҳама зиёдро омили доминантӣ - зиёдшавии шумораи кормандони соҳаи саноати коркард мерасонад. Дар ҷои дувум бошад, сармоягузорӣ ба соҳаи саноати коркард қарор дорад, зеро коэффитсиентҳои ҳассосияти ин омил дар муқоиса бо дигар нишондиҳандаҳо ба таври назаррас баланд аст. Аз рӯйи муқоисаи натиҷаи таъсиррасонӣ, мо метавонем рейтинги ин омилҳоро ҳисоб намоем:

**Ҷадвали 3.3 – Рейтинги нишондодҳои омилӣ дар соҳаи саноати коркард**

| Рейтинги омилҳо | Номгӯи нишондоди омилӣ |
|---|---|
| 1 | Шумораи кормандон дар соҳаи саноати коркард |
| 2 | Сармоягузорӣ дар соҳаи саноати коркард |
| 3 | Музди меҳнати миёна дар соҳаи саноати коркард |
| 4 | Теъдоди коронаҳо дар соҳаи саноати коркард |

*Сарчашма : Таҳияи муаллиф*

Мавқеи омилҳоро чунин ифода намудан мумкин аст ва тавассути муодилаи регрессионӣ метавонем сатҳи зичии робитаҳоро байни нишондодҳои интизорӣ ва омилӣ, ки ба модели регрессивӣ ҳамроҳ карда шудааст, муайян намоем. Тибқи назария ба воситаи регрессионӣ ва коррелиатсионӣ онро ҳисоб кардан мумкин аст. Дар таҳлил коэффитсиенти корреллятсия R = 0,9894 аст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки робита байни нишондиҳандаҳои интизорӣ ва омилиро дар сатҳи баланди кореллятсияи мусбат қарор дорад. Тавассути коэффитсиенти детерминатсия, ки дар мисоли мо D = 0,9790 баробар аст, гуфтан мумкин аст, ки сатҳи вобастагии омилҳои таҳқиқшаванда, сатҳи тағйирёбии онҳо бо якдигар бо нишондоди нисбӣ 97,9% мебошад.

Дар асоси истифодабарии усули экстрополятсионӣ қимати нишондодҳои омилиро тағйир дода, бузургии нишондоди интизориро барои давраи оянда пешгӯӣ менамоем.

Мо дар ин зербоби таҳқиқот соҳаи саноати истихроҷи маъданро низ баррасӣ менамоем. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи саноати истихроҷи маъдан яке аз соҳаҳои асосӣ мебошад, ки дар таъмини рушди иқтисодии он мусоидат мекунад. Вобаста ба ин масъала, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даврои то соли 2030 чунин оварда шудааст: «Ба сифати омили пешбарандаи рушди иқтисоди миллӣ афзоиши босуръати саноат, дар асоси ба истифода додани иқтидорҳои нав ҷиҳати истеҳсоли неруи барқ, истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва ангишт, ташаккулдиҳии металлургияи сиёҳи ватанӣ ва рушди минбаъдаи металлургияи ранга, рушди саноати маводи сохтмонӣ, саноати сабук ва хӯрока хизмат хоҳад намуд. Тибқи сенарияи мазкур ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ 4,2 маротиба, аз ҷумла саноати истихроҷи маъдан 5,7 маротиба афзоиш меёбад» [6, с.18].

Чӣ хеле маълум аст, дар ин радиф барои ноил гаштан ба дастовардҳои назаррас дар соҳаи иқтисодиёт якчанд афзалиятро дар соҳаи саноат, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оварда шудааст, зикр менамоем:

- «баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва арзиши занҷири истеҳсолии соҳаи саноат;
- рушди ҳаҷми истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти саноатие, ки дар бозори дохилӣ ва берунӣ рақобатпазир аст;
- ташаккули низоми бозомӯзии кадрҳо, ки қобилияти сохтан ва омӯзиши технологияҳои саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулотҳои инноватсиониро доранд;
- ташаккули заминаҳои институтсионалӣ барои рушди устувор ва пешгирикунандаи соҳаҳои саноат, ташаккули кластерҳои сермаҳсули инноватсионӣ;
- таҳияи низоми миллии селективии содиротивазкунанда дар асоси коркарди захираҳои маҳаллӣ ва пеш аз ҳама, дар комплекси агросаноатӣ

(коркарди маҳсулоти ҳосилдор ва зиёд кардани истеҳсоли он), дар комплекси сохтмонӣ, сабук ва саноати хӯрока»[6, с.18].

Ҳамаи ин имконияти васеъ намудани иқтидори соҳаи саноатии давлатро аз ҳисоби афзалияти илмӣ ва технологияҳои нав доро мебошад.

Чунон ки ба ҳамагон маълум аст, рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сатҳи пешрафти соҳаи саноат алоқамандии зич дорад, ки саҳми соҳаҳоро дар таъмину тараққиёти иқтисодии инноватсионӣ ба таври объективӣ инъикос менамояд.

Дар ҷумҳурӣ мутобиқ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озодӣ иқтисодӣ» [3] барои ҷалби сармоя ва ташаккули ҳудудҳои инноватсионии фаъол шароити муносиб фароҳам оварда шудааст.

Солҳои истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди соҳаи саноати миллӣ дигаргуниҳои куллии сохторӣ ба вуҷуд омадаанд, ки аз рӯйи таҳлилҳои гузаронидашуда мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар 30 соли Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи саноати сабук 50 адад корхонаҳои бузург сохта шуда, ба 9500 нафар ҷойҳои кории холӣ ташкил карда шудаанд. Аз онҳо 17 корхона ба 2225 нафар дар вилояти Хатлон, 15 адад корхона ба 3305 нафар дар вилояти Суғд, 10 адад корхона ба 2760 нафар, 4 адад корхона ба 1000 нафар дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва 3 адад корхона ба 300 нафар дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷойҳои кории холӣ рост меояд.

Дар ҷумҳурӣ инчунин солҳои охир соҳаи саноати истихроҷи маъдан ва саноати сангҳои қиматбаҳо рушд меёбад. Чӣ хеле ки медонем, Тоҷикистон давлати кӯҳсор буда, 93% онро кӯҳҳо ташкил мекунанд. Бо мақсади боз ҳам зиёд намудани чунин захираҳо дар кишвар тадқиқоти геологӣ гузаронида мешаванд, ки дар натиҷаи онҳо садҳо намуди сангҳои ранга, сиёҳ, нодир ва қиматбаҳо ва сангҳои ороишӣ, маҳсулоти сохтмон, кимиёвӣ ва масолеҳи кӯҳӣ кашф ва коркард мегарданд.

Дар ҷумҳурӣ якчанд комплексҳои канданиҳои кӯҳӣ ва корхонаҳои муштараке, ки сармоягузориҳои хориҷиро ҷалб намудааст, мавҷуд аст.

Соли 1991 ҳиссаи саноати истихроҷи маъдан нисбат ба ҳаҷми умумии истеҳсолот 8%-ро ташкил намуда, соли 2020, ба 5,1% баробар шудааст. Солҳои охир аз ҳисоби ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ оид ба дарёфти канданиҳои фоиданок он 60-80% баланд шуда, ҳиссааш низ дар ҳаҷми истеҳсолии соҳа ба таври назаррас баланд гардидааст.

Бо дастгирӣ ва ташаббусҳои Пешвои миллат дар даврони истиқлол миқдори корхонаҳое, ки сармоягузории ватанӣ ва хориҷиро ҷалб намудааст, зиёд шудааст. Инчунин, миқдори корхонаҳое, ки бо истихроҷи тилло, нуқра ва сангҳои ранга машғул мебошанд, 25 адад, корхонаҳои заргарӣ ва коркарди сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ 7 адад ва инчунин корхонаҳое, ки танҳо бо коркарди сангҳо машғуланд 5 адад зиёд шудаанд.

Бояд гуфт, ки яке аз соҳаҳои ба таври стратегӣ рушдкунандаи сиёсати давлатӣ соҳаи истихроҷи маъдан мебошад, ки барои он якчанд барномаю стратегияҳо пешниҳод шудааст.

Дар диссертатсия соҳаи саноати истихроҷи маъдан низ ҳамчун объекти таҳлил баррасӣ шуда, аз рӯйи якчанд омилҳои зерин нишондиҳандаҳои омилии интизорӣ ҳисоб карда шудаанд:

- музди миёнаи меҳнат дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан ($X_1$);
- шумораи кормандон дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан ($X_2$);
- теъдоди коронаҳо дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан ($X_3$);
- сармоягузорӣ дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан ($X_4$).

Таҳлилҳои ин нишондодҳо дар ҷадвали поён интизории омилӣ дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан дар вилояти Суғд ба тарзи муфассал барои солҳои 2015-2024 оварда шудааст.

Аз нишондодҳои ҷадвал бармеояд, ки ҳаҷми маҳсулоти соҳаи саноати истихроҷи маъдан дар вилояти Суғд соли 2015 ба 1285,8 млн сомонӣ баробар буда, соли 2024 он ба 11033,9 млн. сомонӣ баробар гардидааст, яъне дар давоми нуҳ соли охир ба 9748,1 млн. сомонӣ зиёд гаштааст. Омили дуюм, ин музди меҳнат дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан мебошад, дар солҳои баррасишаванда ба таври назаррас зиёд шудааст, зеро соли 2015 он ба 1879,4 сомонӣ баробар буда, соли 2022 ба 4339,18 сомонӣ афзудааст.

**Ҷадвали 3.3. - Нишондиҳандаи интизорӣ ва омилии соҳаи саноати истихроҷи маъдан дар вилояти Суғд**

| Солҳо | Ҳаҷми маҳсулоти соҳаи саноати истихроҷи маъдан, млн с (Y) | Музди миёнаи меҳнат дар саноати истих.маъдан, сомонӣ (X1) | Шумораи кормандон дар соҳаи сан.истихроҷи маъдан ҳаз нафар(X2) | Теъдоди корхонаҳо дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан,адад (X3) | Сармоягузорӣ дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан (X4) млн $ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 1285,8 | 1879,4 | 7,6 | 40 | 333,40 |
| 2016 | 2506,8 | 2169,8 | 6,9 | 47 | 474,32 |
| 2017 | 4050 | 2477,1 | 7,6 | 48 | 557,30 |
| 2018 | 3969,4 | 2649,5 | 8,8 | 50 | 514,46 |
| 2019 | 3686,3 | 2871,1 | 8,9 | 51 | 516,30 |
| 2020 | 2859,1 | 2676,0 | 9,1 | 56 | 414,60 |
| 2021 | 6500,9 | 3109,9 | 9,3 | 65 | 255,68 |
| 2022 | 7183,3 | 3878,8 | 9,3 | 69 | 380,48 |
| 2023 | 7467,3 | 4339,18 | 9,2 | 72 | 357,56 |
| 2024 | 11033,9 | 4979,57 | 9,5 | 82 | 400,4 |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои [9, с.409]*

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давоми солҳои баррасишаванда музди меҳнати коргарони соҳаи саноати истихроҷи маъдан ба 2,3 маротиба зиёд шудааст. Шумораи кормандон дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан соли 2015 7,6 ҳазор нафар буд. Дар давоми солҳои баррасишаванда ин нишондиҳанда афзудааст ва соли 2024 он ба 9,5 ҳазор нафар баробар шудааст. Теъдоди корхонаҳо дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан низ дар суръати афзоиш қарор дорад. Чӣ хеле ки ба мо маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафи чоруми Стратегияи миллии кишварро ҳамчун саноатикунонии босуръат қабул намудааст. Вобаста ба ин, аҳаммият додан соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2022-2026-ро «Солҳои рушди саноат» эълон намуданд. Дар робита ба ин, аз ҷониби Ҳукумати кишвар тадбирҳои муассир андешида шудаанд ва доир ба ин масъала якчанд стратегияю барномаҳои давлатӣ тартиб дода шуда, аз рӯйи онҳо корҳои зиёде ба анҷом расонида истодаанд. Дар соҳаҳои гуногуни саноат якчанд корхонаҳо кушода, ба истифода дода шудаанд. Инчунин, дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан низ теъдоди корхонаҳо дар давоми солҳои 2015-2024

афзудааст. Соли 2015 ин нишондиҳанда 40 адад буда, соли 2024 ба 82 адад корхона расидааст. Суръати афзоиши теъдоди корхонаҳо назар ба соли 2020 ба 118,8 % баробар аст.

Чӣ хеле ки қайд гардид, сармоягузорӣ низ яке аз омилҳои рушди пешравии иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад. Сармоягузорӣ дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан соли 2015 ба 333,40 млн доллари амрикоӣ баробар гардидааст. Солҳои 2018-2019 ин нишондиҳанда ба ҳисоби миёна ба 515,38 млн сомонӣ баробар шуда, яъне ба 181,98 млн. сомонӣ зиёд шудааст. Вале дар дигар солҳо, яъне солҳои 2020-2023 ин нишондиҳанда паст шудааст. Соли 2024 сармоягузорӣ ба соҳаи саноати истихроҷи маъдан дар вилояти Суғд ба 400 млн. сомонӣ баробар шудааст, ки ин назар ба соли 2015 ба 107% афзудааст.

Таҳлилҳои коррелиатсионӣ ва регрессиониро бо воситаи барномаи махсуси компютерӣ ҳисоб намудем, ки он сатҳи чандирнокии нишондодҳои омилиро муайян менамояд. Ҳисобҳои гузаронидашуда ба таври зайл оварда шудааст:

ВЫВОД ИТОГОВ

| ессионная статистика | |
|---|---|
| Множеств | 0,950503 |
| R-квадрат | 0,903456 |
| Нормиров | 0,806913 |
| Стандартн | 958,2167 |
| Наблюден | 9 |

Дисперсионный анализ

| | df | SS | MS | F | ачимость F |
|---|---|---|---|---|---|
| Регрессия | 4 | 34369334 | 8592334 | 9,358012 | 0,026162 |
| Остаток | 4 | 3672717 | 918179,3 | | |
| Итого | 8 | 38042052 | | | |

| | Коэффициент | ндартная ош | статисти | Р-Значение | ижние 95% | ерхние 95% | ижние 95,0% | рхние 95,0% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Y-пересеч | 4961,32 | 5344,709 | -0,92827 | 0,405812 | -19800,6 | 9877,972 | -19800,6 | 9877,972 |
| Переменн | 0,873065 | 1,615364 | 0,540475 | 0,617558 | -3,61191 | 5,358036 | -3,61191 | 5,358036 |
| Переменн | 215,9722 | 586,7672 | -0,36807 | 0,731471 | -1845,1 | 1413,155 | -1845,1 | 1413,155 |
| Переменн | 146,6732 | 128,3761 | 1,142528 | 0,316977 | -209,756 | 503,1023 | -209,756 | 503,1023 |
| Переменн | 1,298216 | 4,534742 | 0,286282 | 0,788877 | -11,2922 | 13,88868 | -11,2922 | 13,88868 |

ВЫВОД ОСТАТКА

| Наблюдение | едсказанно | Остатки | артные остатки |
|---|---|---|---|
| 1 | 1337,891 | -52,0912 | -0,07688 |
| 2 | 2952,24 | -445,44 | -0,65742 |
| 3 | 3323,787 | 726,2132 | 1,071804 |
| 4 | 3452,815 | 516,5849 | 0,762418 |
| 5 | 3773,777 | -87,4771 | -0,12911 |
| 6 | 4161,62 | -1302,52 | -1,92236 |
| 7 | 5610,986 | 889,914 | 1,313407 |
| 8 | 7031,004 | 152,2956 | 0,22477 |
| 9 | 7864,779 | -397,479 | -0,58663 |

ВЫВОД ВЕРОЯТНОСТИ

| Персентил | Y |
|---|---|
| 5,555556 | 1285,8 |
| 16,66667 | 2506,8 |
| 27,77778 | 2859,1 |
| 38,88889 | 3686,3 |
| 50 | 3969,4 |
| 61,11111 | 4050 |
| 72,22222 | 6500,9 |
| 83,33333 | 7183,3 |
| 94,44444 | 7467,3 |




**Расми 10 - Таҳлили коррелиатсионӣ ва регрессионӣ дар соҳаи истихроҷи маъдан**

Инчунин, дар ҷадвали зерин ба таври муфассал чандирнокии омилҳо ба таври мушаххас оварда шудаанд:

**Ҷадвали 3.4 - Коэффитсиенти чандирнокии нишондодҳои омилӣ дар соҳаи истихроҷи маъдан**

| Номгӯи нишондоди омилӣ | Қимати коэффитсиенти чандирнокӣ |
|---|---|
| Музди миёнаи меҳнат дар соҳаи истихроҷи маъдан ($X_1$); | 0,873 |
| Шумораи кормандон дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан ($X_2$); | 215,97 |
| Теъдоди коронаҳо дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан($X_3$); | 146,67 |
| Сармоягузорӣ дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан ($X_4$). | 1,298 |

*Сарчашма : Таҳияи муаллиф*

Дар асоси ҳисобҳои гузаронида, нишондиҳандаҳои ҳассосияти чандирнокии омилҳо муқоиса мешаванд. Муқоисаи ин коэффитсиентҳо ба мо имконият медиҳад, муайян кунем, ки кадом омил нисбат ба омили дигар ҳассосияти баландтар дорад. Ба ин восита мо тавонистем, ба таври стандартӣ муодилаи регрессионии коррелятсиониро дар асоси коэффитсиентҳои ҳисобшуда ба таври зайл тартиб диҳем:

$$Y = 4961,32+0,873X_1+215,97X_2+146,67X_3+1,298X_4 \qquad (7)$$

Ҳамчунон, аз рӯйи муодилаи регрессионии коррелятсионии дар боло зикршуда, маълум мешавад, ки дар иқтисодиёти минтақаи вилояти Суғд дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан аз рӯи нишондоди чандирнокии омилӣ таъсири бештарро шумораи коргарон дар ин соҳа дорад. Ин ҳолат онро нишон медиҳад, ки назар ба дигар коэффитсиентҳои омилӣ, яъне коэффитсиенти шумораи коргарон дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан ба тавраи назаррас баланд аст. Аз ин рӯ, дар ҷадвали поён аз рӯйи таъсиррасонӣ ва натиҷаи омилӣ рейтинги ин омилҳо ба таври мушаххас оварда шудааст:

**Ҷадвали 3.5 – Рейтинги нишондодҳои омилӣ дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан**

| Рейтинги омилҳо | Номгӯи нишондоди омилӣ |
|---|---|
| 1 | Шумораи кормандон дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан |
| 2 | Теъдоди коронаҳо дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан |
| 3 | Сармоягузорӣ дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан |
| 4 | Музди меҳнати миёна дар соҳаи саноти истихроҷи маъдан |

Сарчашма : Таҳияи муаллиф

Муодилаи регрессионии коррелятсионӣ нишон медиҳад, ки дар иқтисодиёти минтақаи вилояти Суғд дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан аз рӯи нишондиҳандаи ҳассосият омили шумораи коргарон таъсири бештарро дорад. Коэффитсиенти коррелятсия R = 0,9505 шаҳодат медиҳад, ки устувории робитаҳо байни нишондиҳандаҳои омилҳои интизорӣ дар сатҳи баланд қарор дорад. Бо ёрии коэффитсиенти детерминатсияи D = 0,903 тасдиқ кардан мумкин аст, ки сатҳи тағйирдиҳии мутақобилаи онҳо бо якдигар 90,3%-ро ташкил мекунад.

Аз рӯи ин таҳлилҳо ба мо маълум гардид, ки барои кластеронӣ дар вилояти Суғд ба соҳаҳои саноати коркард ва истихроҷи маъдан бояд такя намоем. Гуфтан мумкин аст, ки дар соҳаҳои саноати коркард ва истихроҷи маъдан якчанд нишондодҳои омилӣ, ки барои ташаккули кластерҳо зарур мебошанд, дар сатҳи баланд қарор доранд. Дар натиҷаи таҳқиқотҳое, ки дар боби 2-юми диссертатсия гузаронида шуда буд, гуфта метавонем, ки дар кадом соҳа ҷаззобияти кластер дида мешавад. Аз ин рӯ, маълум гардид, ки дар соҳаи истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об ҷаззобияти кластер дида намуда, ин соҳаро ба гурӯҳи  кластерикунонии ғайрисамарабахш дохил намудан мумкин аст. Аммо дар соҳаҳои саноати каркард ва истихроҷи нерӯи барқ, газ ва об ташаккули кластерҳо самарабахш ба ҳисоб меравад.

Барои ташаккул ва рушди кластерҳои минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва алалхусус, дар вилояти Суғд захираҳои бойи табиии кишварамон, заминаи нисбатан рушдёфтаи қонунгузорӣ, бозори меҳнати рақобатпазир, зиёиёни эҷодкори соҳибихтисос ва мунтазам рушд ёфтани иқтисодиёт нерӯи хуб ба ҳисоб меравнд.

Кластерҳо метавонанд дар оянда ба асоси рушди соҳаи саноати минтақа табдил ёбанд, ки барои ташаккули фазои рақобатпазирӣ бо дигар соҳаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кунанд. Аммо барои татбиқи равияи кластерӣ ва рушди иқтисодии минтақа, давлат бояд, ба стратегия ва ташаккули кластерҳо саҳмгузор бошад.

Бояд қайд намуд, ки барои ноил шудан ба самтҳои афзалиятноки ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд, ҳокимияти давлат ба минтақаҳои кишвар таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Зеро сатҳу сифати зиндагии мардум, тараққиёт ва ояндаи соҳаи саноатии кишвар аз рақобатпазирии минтақа вобастагии зиёд дорад. Аз ин сабаб, барои таъмини афзоиши назарраси рақобатпазирии минтақа воситаю принсипҳо ва методҳое, ки дар замони ҳозира мавҷуданд, аҳаммияти хос доранд.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки ташаккули кластер ин имконият барои тиҷорат ва рушди иқтисодиёт мебошад. Барои тиҷорат ин имконияти таъмин намудани рақобатпазирӣ дар оянда аст. Аммо бояд донем, ки кластер ҳамчун дигар услубҳои ҷолиб агар дар стратегияи рушди иқтисодӣ ҷойи зиёдро ишғол карда бошад, он гоҳ метавонад натиҷаҳои мусбиро ба даст оварад.

## 3.2. Ташкили ҷанбаҳои институтсионалӣ ва такмили сиёсати кластерҳо барои таъмини рушди иқтисодиёти минтақа

Барои рушди инфрасохтори кластери минтақавӣ дар иқтисодиёти кишвар, ҳамчунин истифодаи механизмҳои танзими давлатӣ зарур аст. Таъмини дастгирии рушди кластерҳо ва мусоидат ба пешравию шаклҳои ташкилии онҳо асосан аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят амалӣ карда мешавад. Ҳангоми татбиқи барномаҳои давлатӣ механизмҳои дастгирии молиявӣ дар доираи сиёсати рушди минтақа, ки буҷети давлатӣ пешбинӣ кардааст, истифода мешаванд. Бояд зикр кард, ки ташаккули кластерҳо барои ташкили иттиҳодияҳои нави технологӣ ва таҳсилотӣ фазои мусоид фароҳам меорад. Муттаҳид гардидани тадқиқоти илмӣ, технологияҳои амалӣ ва марказҳои татбиқи инноватсияҳо раванди инноватсиониро ҳавасманд мегардонад. Зимнан, ҳангоми рушди сохторҳои ҳамгирои кластерии минтақавӣ

таваҷҷуҳи асосӣ ба дастгирии технологияи инноватсионӣ дода мешавад, зеро маҳз онҳо дурнамои рушди минтақа ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии онро таъмин мекунанд. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки хусусияти фарқкунандаи ташаккули кластерҳо самтияти инноватсионии онҳо мебошад. Аз ин рӯ, барои татбиқи барномаҳои рушди инноватсионии минтақаҳо ҳангоми ташаккули сохторҳои муттаҳидшудаи навъи нав бояд усули кластерӣ истифода шавад.

Дар шароити ҳозира дар асоси принсипҳои соҳавии тараққиёти иқтисодиёт ва таҷдиди корхонаҳои калони саноатӣ муносибати нав ба ташаккули сохторҳои идоракунии ҳамкории корхонаҳо, давлат, муассисаҳои таҳсилотӣ ва дигар ташкилотҳо зарур аст. Истифодаи усули кластерӣ имкон медиҳад, ки сохторҳои нави муттаҳидшуда ташаккул ёбанд, ки ба тавсеа ва рушди соҳаи соҳибкорӣ ва иҷтимоии минтақа мусоидат мекунанд. Мутаносибан, ҳангоми бавуҷудоии захираҳои нав дар минтақа инчунин таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва ҷалби сармоягузорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна вазифаи муҳим ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад механизмҳои нави маблағгузории лоиҳаҳоро таҳия менамоянд, муассисаҳоеро, ки таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории пешниҳодшударо маблағгузорӣ карда метавнанд, таъсис медиҳанд, нақшаҳои махсуси сармоягузорӣ таҳия мекунанд. Дар маҷмуъ, ташаккули сохторҳои ҳамгирои кластерии минтақавӣ рақобатпазирии на танҳо унсурҳои ба он дохилшаванда, балки рақобатпазирии умуман минтақаро низ ба эътибор мегиранд. Беҳтар шудани нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии рушд аз ҳисоби ташаккули кластерҳо ба назар мерасад. Сохтори кластер ва унсурҳои нави ба он дохилшуда имкон медиҳад, ки рушди ин самт тезонида шавад, технологияи инноватсионӣ татбиқ гарданд, сармоягузориҳо ҷалб карда шаванд; мубодилаи озодонаи иттилоот таъмин гарданд, каналҳои паҳнкунии навоварӣ тавсеа ёбанд. Ба туфайли ҳамкории нави байни унсурҳо рақобатпазирӣ тақвият меёбад ва тахассусмандии мутахассисон баланд бардошта мешавад.

Бояд қайд намуд, ки нишонаи инноватсионӣ ин яке аз хусусиятҳои асосии истифодабарии стратегияи кластерикунонӣ мебошад. Аз таҷрибаҳо бармеояд,

ки дар куҷое, ки соҳаҳои ба ҳам алоқаманд байни худ комилан дар ҳамбастагӣ амал намоянд, он гоҳ кластери инноватсионӣ ташаккул меёбад.

Ҳангоми гузаронидани тадқиқот олими иқтисодчӣ Т.Ш. Абдиров [41, с. 58-63] ҳангоми ташаккули кластерҳои минтақавӣ чунин бартариҳоро дар сатҳи иқтисодиёти минтақа зикр намудааст:

- «кластерҳои инноватсионии минтақавӣ дар худ низоми нави технологияҳо, илм ва маҳсулотҳое, ки дар сатҳи технологияҳои маҷмуавии илмӣ такя мекунанд, доранд;
- корхонаҳои кластерӣ дар худ бартариҳои иловагиро, ба монанди махсусгардонӣ ва стандартикунонии дохилӣ, кам кардани хароҷот барои ҷорӣ намудани навоварӣ доранд;
- барои рушди соҳибкории хурду миёна ва таъмини онҳо дар сатҳи баланди махсусгардонӣ ва инчунин, ба таври фаъолнокӣ мубодилаи афкор ва интиқоли донишҳо аз мутахассисон ба муассисон (соҳибкорон) кластерҳои инноватсионии минтақавӣ заруранд".

Умуман, зикр кардан бамаврид аст, ки ҳам аз нуқтаи назария ва ҳам аз амалияи таҷрибаи хориҷӣ бармеояд, ки яке аз механизми ҳавасмандии ислоҳоти сохтории пешрафта дар низоми рушди иқтисодии минтақаҳо, истифодабарии равияи кластерӣ эътироф гардидааст. Дар ин радиф, дар минтақаҳо ҷанбаҳои бисёри афзалиятҳои ташаккули кластерҳо ҳам барои иқтисодиёти минтақа, ҳам барои иштирокчиёни низоми кластерӣ мушоҳида карда мешавад. Алалхусус, роҷеъ ба масъалаи мазкур дар яке аз сарчашмаҳои илмӣ чунин омадааст: «Аҳаммияти кластерҳои минтақа чунин инъикос меёбад: густариши фаъолнокии таҳқиқотҳои илмӣ ва инноватсионӣ, афзоиши ҳиссаи кормандони соҳибихтисос ва рушди иқтидори зеҳнӣ, сабукгардонии дастрасӣ ба захираҳо, маҳсулотҳои алоҳида барои аҳолӣ ва бахши хусусӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатнокии маҳсулоти истеҳсолшаванда, ташаккули бренди минтақавии истеҳсолот, рушди имкониятҳо барои пур намудани буҷет аз ҳисоби фаъолнокии истеҳсолӣ ва ғайраҳо» [52, с. 826-830].

Дар ҳақиқат, агар мантиқан фарз намоем, сиёсати кластерӣ дар он ҳолат дар минтақа бо тарзи оптималӣ коркард ва самаранок амалӣ гардад, ки

фишанги асосӣ дар баланд бардоштани рақобатнокии иқтисодиёти минтақа ва инкишофи иқтидори инноватсионии он мусоидат намояд. Аз ин лиҳоз, дар асоси кластерикунонии иқтисодиёти вилояти Суғд чунин соҳаҳоро, ё ин ки намудҳои фаъолияти иқтисодиро гузоштан лозим аст, ки дар ҳамин минтақа ҷанбаҳои мусоид барои кластерикунонӣ дошта бошад ва ҳамзамон, имконияти фаъол намудани ҷараёни инноватсиониро дошта бошад. Илова бар ин, чунин соҳаҳо иқтидори баланди рушдро низ дар худ инъикос менамоянд. Дар асоси таҳлили ин самти масъалаҳо, дар боби қаблӣ, мо соҳаҳои саноати коркард ва саноати истихроҷи маъданро дар вилояти Суғд чун соҳаҳои авлавиятдошта барои кластерикунонӣ муайян намудем. Боиси зикр аст, ки кластерикунонии ҳудуди иқтисодии минтақаҳо хеле раванди мураккаб буда, аз маҷмуи марҳилаҳои гуногуни пайдарпайи бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Аз ҳама муҳим ин чунин механизми ҳамгироии сохторҳои гуногуни бо ҳам алоқаманд буда, бояд самараи синергетикиро таъмин намояд ва бо ин ҳадаф, афзалиятҳои рақобатии ҳудудҳоро афзоиш диҳад.

Аз ҷониби иқтисодчиён ташаккулёбии низоми кластерҳо ҳамчун механизми таъмини рушди иқтисодиёти минтақа тавассути самараи синергетикии фаъолияти корхонаҳои хурд, миёна ва бузург, муассисаҳои илмӣ, шабакаҳои логистикӣ бармеояд. Гуфтан мумкин аст, ки кластерҳо барои якҷоя фаъолият намудани корхонае, ки ба кластер дохил мешаванд, имконият медиҳад, ки самаранокии онро зиёд намояд ва барои рушди инноватсионии минтақа шароити мусоид фароҳам меорад. Бо иштироки муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ё ин ки мактабҳои олӣ дар таркиби кластер бояд ба омили рушди инноватсионӣ мусоидат намояд.

Қайд кардан зарур аст, ки раванди кластерикунонӣ дар чаҳорчӯбаи иқтисодиёти минтақаҳо ва умуман, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ тавре ки дар бобҳои аввали рисола зикр намудем, дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад. Аз ин лиҳоз, сиёсати кластерии махсус дар иқтисодиёти минтақаҳо ҳоло ба таври бояду шояд ташаккул наёфтааст, вале барои ташаккулёбии он асосҳои институтсионалӣ дар санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ мавҷуданд. Қонунҳо «Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат», «Дар бораи дастгирии давлатии

соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барномаҳои давлатии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025», «Консепсияи ташаккул ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати то соли 2040» аз он ҷумлаанд.

Дар ташаккулёбии кластерҳо мавқеи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳо хеле бузург аст. Онҳо на танҳо ба ташаккулёбӣ, балки ба таъмини фаъолияти муваффақонаи кластерҳо низ таъсири ҳалкунанда доранд. Бинобар ин, таҳияи стратегияи ташаккул ва рушди кластерҳо бояд ба таркибии стратегияи рушди иқтисодию иҷтимоиёти минтақа ворид карда шавад. Дар ин радиф, сиёсати кластерикунонии ҳар як минтақаи алоҳида бояд мушаххас, аниқ ва фаҳмо, ҳамаҷониба коркард карда шавад. Ба андешаи мо, ташаккулёбии кластерҳо дар иқтисодиёти минтақа аз мавҷудияти стратегияи рушди минтақа вобаста аст. Бо тавассути ташаккул ва рушди кластерҳо ҳар як минтақа, аз он ҷумла вилояти Суғд метавонад як нуқтаи махсуси рушди иқтисодиро ташаккул диҳад. Бо ин роҳ сиёсати иқтисодии минтақа боз ҳам самаранок мегардад.

Мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо тавассути ташаккули инфрасохторҳо, муҳайё намудани шароити мусоид, бояд кластерҳоро дастгирӣ ва ҳавасманд намоянд. Боиси таъкид аст, ки дар рушди кластерҳо мавқеи ҳукумати давлатии минтақа ва сохторҳои хусусӣ гуногунанд, вале онҳо якдигарро тақвият диҳанд. Инчунин, имконияти хуб барои ҳамкорӣ бо соҳаи соҳибкорӣ пайдо мегардад. Вилояти Суғд яке аз минтақаҳои пешқадами Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки барои истифодабарии равияи кластерӣ имкониятҳои хуб дорад. Зеро аз рӯйи истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ, хусусан саноати коркард вилоят дар ҷумҳурӣ пешқадам мебошад. Дигар соҳаҳои саноат низ нисбатан тараққикарда ҳисобида мешаванд. Ин имконият медиҳад, ки дар асоси коркарди сиёсати кластерӣ соҳаи саноат модернизатсия карда шавад. Барои амалишавии ин ҳадаф коркарди сиёсати кластерӣ, ки рушди соҳаҳои саноати технологияи баланд, инчунин махсусгардонии соҳаҳои нави саноатие, ки ба технологияи нави инноватсионӣ асос ёфтаанд, ба инобат гирифта шавад. Аз ин лиҳоз, ҳоло зарурати қабули барномаи махсуси

мақсадноки вилоятӣ оид ба рушди кластерҳои баланди технологӣ дар заминаи корхонаҳои саноатии фаъолиятдошта барои давраи муайян, масалан то давраи 2030 бояд ба эътибор шавад. Таҳия ва амалӣ намудани барномаи мазкур ба сифати нав додан ба рушди иқтисодиёти минтақа мусоидат менамояд, зеро дар коркарди барномаи кластерикунонии мазкур ба нуқтаҳои зерин бояд таваҷҷуҳи хос дода шавад:

- таъминоти фаъолияти инноватсионии корхонаҳо бо низоми инфрасохтори муносиб;

- ҳавасманд намудани маҳалҳо ва аз ҷониби мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таҳияву пешниҳоди лоиҳаҳои инноватсионии субъектҳои хоҷагидорӣ;

- афзоиш ва васеъ намудани пойгоҳҳои технологии кластерҳои истеҳсолӣ дар қаламрави вилояти Суғд;

- такмил ва тайёр намудани кадрҳо дар соҳаи фаъолияти инновастионӣ;

- коркарди механизмҳои ҳавасмандии муассисаҳои таълимӣ (муассисаҳои таҳсилоти олӣ), илмӣ-таҳқиқотӣ барои инкишофи ҳамгироии илм бо истеҳсолот.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар коркарди сиёсати кластерии вилояти Суғд барои давраи оянда ба ташкил ва рушд додани технопаркҳо, бизнес-инкубаторҳо, стартапҳо, марказҳои инноватсионӣ бояд таваҷҷуҳи хос дода шавад, зеро тавассути онҳо иқтидори интелектуалии минтақа самаранок истифода бурда мешавад.

Сиёсати кластерии мақомоти ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар натиҷаҳои таҳлили ҳолати муосир, андешарониҳои илмие, ки дар боби дувуми рисолаи мазкур баррасӣ гардидааст, аз самтҳои зерин иборат аст:

1. ташаккул додани кластерҳои истеҳсолӣ дар соҳаи саноати коркард тавассути дастгирии корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти саноатӣ дар заминаи истифодабарии захираҳои маҳаллӣ;

2. ташаккул ва инкишофи кластерҳо дар соҳаи саноати кӯҳӣ-металлургӣ тавассути модернизатсияи техника ва технология бо мақсади забт намудани бозорҳои беруна;

3. бо тарзи доимӣ баланд бардоштани савияи касбии кормандон бо тавассути ҷорӣ намудани сатҳи ҳамгироии илм бо истеҳсолот;

4. дар асоси принсипҳои иқтисодиёти бозорӣ эҳё намудани фаъолияти комплексҳои илмӣ-истеҳсолии пешина (дар иқтисодиёти давлатҳои собиқ Шуравӣ мавҷудбуда) бо тарзи кластерҳои истеҳсолӣ.

Ба асоси сиёсати кластерии минтақа ворид намудани нуқтаҳои зикргардида ҳадафи асосӣ буда, ташаккули кластерҳо, пурзӯр намудани фаъолияти инвеститсионии субъектҳои хоҷагидорӣ, ҷалби сармоя ба иқтисодиёти минтақа ва баланд бардоштани сатҳ ва муҳлати баргардонидани маблағҳо бояд ба амал ҷорӣ гардад.

Дар ин масъала олимони ватанӣ низ дар корҳои илмӣ-тадқиқотии худ андешаҳои ҷолиб зикр намудаанд. Масалан, дар яке аз асарҳои олими иқтисодчӣ онҳо чунин омадааст: «Равияҳои стратегии сиёсати кластерӣ аз марҳилаи сикли ҳаётии кластерҳо вобаста аст. Ҷараёни кластерикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад. Ба ақидаи мо, дар шароити муосир ду самти стратегияи кластериро ҷудо кардан мумкин аст: 1. ҳавасмандӣ ва дастгирии кӯшишҳои кластерикунонӣ; 2. ташаккул додани шароити мусоид барои рушд ва самаранокии иштирокчиёни ташкилотҳои кластерӣ» [51, с.48-52].

Тибқи ақидаи олим Л.Ф. Хомутова ба самти стратегияи якум инҳо ворид гаштаанд: муайянкунии соҳаҳои ояндадор дар ташаккули кластерҳо; эҳё намудани шароити мусоид; таҳия намудани манбаъҳои иттилоотӣ; ҷорӣ намудани стандартҳои байналхалқӣ; ташаккул додани марказҳои консентратсионӣ; маблағгузории сиёсати кластерӣ аз ҷониби буҷети маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ; эҳё намудани бренди кластер ва ғайра. Ба самти дуюми стратегия мансубанд: таъмини ҳамкорӣ байни бахши истеҳсолӣ ва муассисаҳои таҳсилотӣ; гузаронидани таҳқиқоти якҷояи маркетингӣ; ташкили семинаҳо ва тренингҳо; ҷалби мутахассисони соҳибтахассус аз дигар минтақаҳои мамлакат; ташкили суғуртаи хавфҳо; ташкили коргоҳи таълимӣ барои кластер; такмили танзими андозии кластерҳо; коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ ва ғайра.

Дар ҳақиқат, нуқтаи назари ин олим оид ба таҳия ва амалӣ намудани сиёсати кластерӣ дар ташаккул додани шароити мусоид ва рушди кластерҳо имкониятҳои назаррас имкониятҳои назаррас ба вуҷуд меорад.

Аз ин лиҳоз, метавон қайд намуд, ки мавқеи мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар таҳияи барнома, ташкили кор оид ба ташаккули кластерҳо, муайян намудани соҳаҳое, ки кластерикунонӣ бояд ҷорӣ шавад, муайян намудани ғояҳои ҷолиби ҳавасмандсозӣ дар ташаккули кластерҳо, аз қайди давлатӣ гузаронидани кластерҳо хеле назаррас аст. Аз ҳама муҳим, бо ташаккули кластерҳо мақомоти идоракунии давлатӣ барои баланд бардоштани ҷаззобияти инвеститсионии минтақа ва беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ заминаи устувор мегузоранд. Бинобар ин, алгоритми амалишавии сиёсати кластерӣ ба иқтисодиёти минтақаро бо тарзи схема чунин ифода намудан мумкин аст (расми 11).

Алгоритми пешниҳодгардида аз марҳилаҳои гуногун иборат аст, ки дар ҳар яки он мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо нақши махсус мебозанд. Марҳилаҳои мазкурро дар бар мегиранд:

- Марҳилаи аввал: таҳлили вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии рушди минтақа ва арзёбии интегралии он. Дар асоси таҳлили низоми нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ иқтидори истеҳсолии минтақа ва авлавияти рушди он арзёбӣ карда мешавад;

- Марҳилаи дувум: муайян намудани афзалияти рақобатии соҳаҳо дар иқтисодиёти минтақа, ки эҳтимоли кластерикунонии онҳо мавҷуд аст;

- Марҳилаи сеюм: арзёбии объективонаи вазъи корхонаҳои ватанӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти минтақа бо мақсади ошкор сохтани корхонаҳои пешқадаме, ки дар қаламрави ҳудудҳои маъмурӣ ҷойгир буда, имконияти дар атрофи худ муттаҳид сохтани корхонаҳои дигарро доранд.

- Марҳилаи чорум: фароҳам овардани муҳити институтсионалии мусоид (аз нуқтаи назари санадҳои меъёрии ҳуқуқии ташаккули кластерҳо), инчунин, рафъи монеаҳои маъмурӣ меъёрӣ барои ҷалби корхонаҳо ба кластерҳо.

- Марҳилаи панҷум: таҳлил ва таъмини корхонаҳо бо иттилооти зарурӣ, мусоидат ба ҳамкорӣ, ки минбаъд дар чаҳорчӯбаи як кластер амалӣ мегардад.




**Расми 11. Алгоритми коркард ва амалишавии сиёсати кластерӣ дар иқтисодиёти минтақа**

- Марҳилаи шашум: арзёбӣ ва таъмини ҷаззобияти инвеститсионии соҳаҳои иқтисодиёти минтақа, ки барои ташаккули кластерҳо мутобиқ аст. Дар ин марҳила имкониятҳои истеҳсолӣ, захираҳои молиявӣ, меҳнатӣ, технологӣ, ки ба ташаккули кластери рақобатпазир мусоидат карда метавонанд, баррасӣ мегардад.

- Марҳилаи ҳафтум: муайян намудани имкониятҳои ҳамкории дохиликластерӣ байни субъектҳои гуногун, ки ба кластер ворид мегардад, алалхусус байни субъектҳои илм, соҳибкорӣ ва давлат. Дар ин марҳила

фаъолияти минбаъдаи кластер дар самти таҳкими иқтидори истеҳсолӣ ва инноватсионии кластер муайян мегардад.

- Марҳилаи ҳаштум: таҳияи низоми чорабиниҳо ва амалӣ намудани онҳо бо мақсади дастгирӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо мебошад. (сармоягузории доимӣ ба инноватсия, технологияҳо, имтиёзҳои андозӣ, қарзҳои инвеститсионӣ, маблағгузорӣ ба КИТТ, ташаккули фондҳои махсус ва ғайра).

- Марҳилаи нуҳум: арзёбии доимии фаъолияти кластерӣ аз нуқтаи назари расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии минтақа. Дар ин марҳила самаранокии фаъолияти кластерҳо дар беҳтар намудани нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ боиси зикр аст, ки коркарди сиёсати кластерӣ дар минтақа ва амалӣ намудани он дар баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот инкишофи иқтидори инвеститсионӣ, иқтдори истеҳсолии минтақа мусоидат менамояд, ки дар интиҳо дар беҳтар намудани некӯаҳволии аҳолӣ беҳтар инъикос мегардад.

Илова бар ин, ташаккул ва рушди кластерҳо дар иқтисодиёти минтақа самаранокии ҳамкории 3 субъекти зерин, яъне «бахши хусусӣ – соҳаи илм – бахши давлатӣ», ки тавассути он омили муҳиммият дар ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ таъмин мегардад. Аз ин лиҳоз, дар шароити муосир сиёсати мушаххаси кластерии ҳар як минтақа бояд бошад, ки вазъи муосири иқтисодӣ, тамоюлҳои рушди он ва таҳдидҳои глобалиро ба инобат гирифта, ҳамчун механизми ташкили истеҳсолот истифода бурда шавад. Ба ин васила, ташаккули кластерҳои минтақавӣ чун фишанги стратегияи давлатии рушд дар таъмин намудани рақобатпазирии минтақа ва ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

Бояд зикр намуд, ки дар Стратегияи миллии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин дар Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд барои то давраи 2025-2030 масъалаҳои ташаккули кластерҳои соҳавӣ, кластерҳои минтақавӣ бо тарзи кластерӣ ташкил намудани ҷараёни истеҳсолот дарҷ гардидааст. Аз ин нуқтаи назар, як қатор механизмҳо барои ташаккули кластерҳои мусоидаткунанда коркард гардидааст. Дар

вилояти Суғд иқдомҳои аввалин оид ба ташаккули кластерҳои минтақавӣ баҳри амалӣ намудани барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ва инчунин, мустаҳкам намудани ҷанбаҳои рақобатпазирии соҳаҳо роҳандозӣ амалӣ шуда истодааст.

Ба ақидаи мо, дар марҳилаи мазкур, яъне рушди кластерҳо дар вилояти Суғд дар зинаи аввали ташаккул қарор дорад. Эҳё намудани равияҳои зерини авлавиятдошта ба мақсад мувофиқ аст, ки аз инҳо иборат аст:

- баҳри ташаккули кластерҳо дар ҳар як ҳудудҳои маъмурии алоҳида таъмини фаъолияти инфрасохторҳои мусоидаткунандаи рушд;

- дар асоси ҳамгироӣ намудани ниҳодҳои «мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ – корхонаҳои истеҳсолӣ (ядрои кластер) – марказҳои илмӣ» афзоиш додани самараи синергетикии кластер;

- оптимизатсияи кардани ҷараёни ҷобаҷогузории сармоягузорӣ ба соҳаҳои авлавиятдоштаи иқтисодиёти минтақа;

- ҷалб намудани техникаю технологияи инноватсионӣ барои таҳкими пойгоҳи илмӣ-теникии минтақа;

- аз нав намудани базаи моддӣ техникии марказҳои таълимӣ бо таҷҳизотҳои муассири таълимӣ ва навоварӣ;

- тамаркузиии захираҳои моддӣ, зеҳнӣ ва молиявӣдар як нуқтаи рушди иқтисодӣ;

- ҳавасманд намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ.

Ҳамин тариқ, нуқтаҳое, ки дар боло зикр гардиданд, дар масъалаи ташаккул додани кластерҳои соҳавӣ мусоидаткунанда мебошанд, бинобар ин онҳо ба ҳисоб гирифта шаванд мувофиқи мақсад аст. Ба ибораи дигар гӯем, муайян намудани рушди ояндаи соҳаҳои саноат ва мутобиқати он ба ҳадафҳои стратегии давлатӣ, мустаҳкам намудани афзалиятҳои рақобатии рушди минтақа хеле муҳим аст. Дар ин раванд, ташаккули сохтори кластерҳо дар минтақа низ арзёбӣ мегардад. Дар ин самт назария ва амалияи иқтисодиёт равияҳои гуногунро истифода мебарад. Ин ақида дар яке аз сарчашмаҳои илми иқтисодӣ чунин омадааст:

- «...ташаккули кластери минтақавӣ бо шакли сохтори уфуқӣ (горизонталӣ). Дар ин сохтор кластерикунонӣ дар асоси маҷмуаҳои истеҳсолӣ корхонаҳои соҳавии ҳаҷмвор ташкил карда мешавад, яъне онҳо махсусгардонии истеҳсолӣ ва захираҳои истифодабариашон якхела мебошанд;

- ташаккули сохтори кластерӣ бо шакли амудӣ (вертикалӣ), ки занҷири истеҳсолии байнисоҳавиро дар бар мегирад. Дар ин ҷо корхонае, ки маҳсулоти асосиро истеҳсол менамояд, дигар корхонаҳои соҳаи иқтисодиётро дар атрофи худ муттаҳид ва ҳамчун ядрои кластер баромад менамояд;

- сохтори кластерӣ дар шакли франчайзинг мебошад, ки ҳамчун модели якҷояшавии ниҳодҳои байниминтақавӣ ва дар асоси механизмҳои иқтисодии ташкилии ташаккулёфта фаъолият менамояд» [61, с.98-104].

Истифодабарии намудҳои сохтори кластерҳое, ки зикр шудааст, дар иқтисодиёти вилояти Суғд низ имконпазир аст. Вале илова бар он, дар иқтисодиёти миллии мо, дар ташаккул додани кластерҳо имкониятҳои шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ самараи хуб медиҳад. Зеро фаъолияти муштараки иштирокчиёни кластерҳо дар асоси механизми шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ якум, барои ҳалли масъалаҳое, ки дар рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеа зарур аст, мусоидат менамояд. Дувум, барои самаранок идора намудани ҷойгиркунии захираҳои бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ барои расидан ба мақсади умумӣ шароит фароҳам месозад.

Аз ин лиҳоз, ҷалби захираҳои зарурӣ, фароҳам овардани шароити мусоид, ҳам дар дохили ҳамгирой ва ҳам берун аз он дар ҷараёни ташкили низоми кластерӣ аҳаммияти хеле бузург дошта ҷолиби диққат аст. Бо ин васила самараи синергетикии равияи кластерии ташкили истеҳсолот таъмин хоҳад гардид.

